**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**ТДУ - 371**

**ТКБ – 74,03 (5Т)**

**А - 93**

Бо ҳукми дастнавис

**АХМЕДОВА МАНИЖАХОН ФАРРУХҶОНОВНА**

# ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОНИ МАКОТИБИ ОЛӢ БА ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНИИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Шаропов Ш.А.

**ХУҶАНД – 2023**

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА**………………..……………………………………………………......3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОНИ МАКОТИБИ ОЛӢ БА ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ**………..……………………………..14

1.1 Ҷабҳаҳои назариявии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба иттилотикунонии раванди таълим................................................................. 14

1.2 Моҳият ва мундариҷаи раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим………......................38

1.3 Муҳити муосири раванди тайёр намудани омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим……………………….78

Хулосаи боби якум……....……………………………………….............110

**БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ ОМОДА НАМУДАНИ ОМӮЗГОРОН БА ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ ..** 112

2.1. Шароитҳои ташкилӣ-педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим ............................112

2.2. Ташкил ва мундариҷаи корҳои озмоишӣ-педагогӣ оиди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим..............................................................................................................130

2.3. Самаранокии технологияи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим…………………......147

Хулосаи боби дуюм…..………………………………………………........156

**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО.**………………………………………………………159

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ .**………….................…...........................................................165

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Ташаккули низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, бо тағйироти ҷиддие, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудаанд, равона гардидааст. Дар радифи онҳо масоили омӯзиши шахсияти донишҷӯ, шинохти инсон тавассути усулҳои фаъолияти маърифатӣ, мутобиқ намудани раванди таълим ба ниёзу эҳтиёҷоти шахсият, фароҳам овардани имкониятҳо барои худшиносӣ ва худогоҳӣ дар ҷомеаи иттилоотию инноватсионӣ дар ҳамаи зинаҳо қарор дорад. Тамоюлҳои ҷаҳонии рушди низоми муосири таҳсилот бо пайдоиши муҳити нави фаъолияти он – ҷомеаи инноватсионӣ узван алоқаманд мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муносибати ҷомеаро нисбат ба маориф амалӣ гардонида, принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар ин самт муайян ва ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба таҳсил муқаррар карда истодааст. Дар миёни принсипҳои дар қонун зикргардида мо принсипи инноватсионии низоми маорифро ба таври алоҳида ҷудо мекунем, зеро он ба тамоюлҳои асосии рушди куллии низоми маориф, ки дар боло зикр гардид, ҷавобгӯ мебошад. Қонун ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки низоми маориф, ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълим, иттилоотикунонии таълим, дастрасӣ ба шабакаҳои байналмиллалии коммуникатсионӣ, таълими фосилавӣ дар асоси истифодаи воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсиониро пешбинӣ мекунад.

Тағйироти зикршуда дар барномаи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ба он асос ёфтааст, ки хизматрасонии таълимӣ на ба омӯзонидани маҷмӯи одии дониш, малака ва маҳорат, балки ба салоҳияти шахсӣ, иҷтимоӣ ва касбии онҳо низ асос ёфтааст, яъне, қобилияти мустақилона ба даст овардан, таҳлил ва истифодаи судманди инноватсия, маҳорати оқилона ва самаранок зиндагӣ ва кор кардан дар ҷаҳони зудтағйирёбанда мебошад. Мақсади таҳсилоти олӣ на азхудкунии миқдори рӯзафзуни инноватсия, балки интиқол

ва падид овардани иттилоот бар ивази иттилооте мебошад, ки бе татбиқи маҷмӯи тадбирҳои табдил додани равандҳои педагогӣ тавассути ҷорӣ намудани маводи ахборӣ, воситаву технологияҳо ба таълиму тарбия имконнопазир аст.

Ворид намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ ба равандҳои таълимӣ барои суръат ёфтани ҷараёнҳои мазкур боис мегардад. Аз ин лиҳоз зарурати он пеш меояд, ки онҳоро бо назорати қатъӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем. Баробари ин, равандҳои мазкур боиси пайдо шудани муносибати нав ба ташкили раванди таълим – муносибати технологӣ мегарданд.

**Дараҷаи омӯзиш ва коркарди мавзӯи таҳқиқот.** Дар илми педагогика пайдо шудани самти нав дар омӯзиши масъалаҳои таҳияи равандҳои дидактикии такроршаванда бо хусусиятҳои қаблан муайяншуда боиси ба муомилоти илмӣ ворид шудани мафҳуми «технологияи инноватсионии таълим» гардид, ки масъалаҳои марбут ба он дар асарҳои В.И.Боголюбов, Г.А.Бордовский, В.А.Извозчикова, Л.Н. Сивохина, В.М. Монахова, В.П. Беспалко, М.В. Кларина, В.И. Роберт, М.Э.Бершадский, В.В. Гузеева, Н.Е. Кондратенко, В.П.Тихомиров, В.П. Дашутин, А.И. Яковлев ва дигарон баррасӣ гардидааст.

Ҷанбаҳои педагогии инноватсионии низоми маориф бори аввал кишварҳои ғарбӣ аз ҷониби муҳаққиқоне ба мисли А.Борк, С.Паперт, Б.Хантер мавриди омӯзиш қарор ёфтааст.

Дар илми педагогикаи Шӯравӣ аввалин таҳқиқоти дорои хусусияти методӣ аз ҷониби Э.Л. Ершов, В.М. Монахов, Б.С. Гершунский, А.А. Кузнецов, Э.Л. Велихов, М.Н. Панкина, О.В. Нас ва дигарон анҷом дода шуданд.

Ҷанбаҳои психологию педагогии компютеркунонии таълим дар асарҳои О.К.Тихомиров, В.Я.Ляудис, Е.И. Машбитса, В.В. Давыдова, В.В. Рубцова, В.А. Сластенин, Е.Н.Артамонова, Т.Гергей ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Масъалаҳои иҷтимоию фарҳангии компютеркунонии маориф дар осори В. Шаповалова, Ф.И. Перегудова, Н.Е.Кондратенко, М.А. Абрамова, Ф.Ф. Шарипов, А.Р.Мирзоев ва дигарон ҳаллу фасл шудааст.

Дар ҷараёни омӯзиши муаммоҳои инноватсионии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши тайёрии субъектҳои раванди педагогӣ ба технологиякунонӣ ва инноватсионикунонии маориф аз ҷониби донишмандони соҳаи педагогикаи тоҷик низ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Ҳамин тавр, муҳаққиқи тоҷик Ф.Ф.Шарипов тамоюли ислоҳот ва такмили модели миллии маорифро таҳлил намуда, дар асоси он нақш ва аҳамияти технологияҳои нави иттилоотию таълимиро дар раванди ташаккули фарҳанги инноватсионии донишҷӯён таҳқиқ намудааст. Муҳақиқи дигар А.Р.Мирзоев омодагии донишҷӯёнро ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ асоснок кардааст. Н.Н.Шоев оиди технологияҳои таълимии ҷабҳаҳои гуногундошта ва моделҳои инноватсионии мактабҳои олии ҷумҳурӣ таҳқиқоти ҷолиби диққат ба сомон расонидааст.

Технологияҳои нави таълим на танҳо ҳамчун шарти баланд бардоштани сифати таълим, ҳамгироии бомуваффақияти низоми маориф ба фазои ҷаҳонии таҳсилот амал мекунанд, балки ба макотиби олӣ имкон медиҳанд, ки рақобатпазирии худро дар бозори хизматрасонии таълимӣ баланд бардоранд. Маҳз ҳамин ҳолат сабаби он гардидааст, ки равандҳои инноватсионии марбут ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионии таҳсилот, пеш аз ҳама, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода гарданд, ки намунаи «инноватсиякунонии босуръат» мебошанд.

Ба миён омадани талаботи нав ба маҳорати касбии инсон, воситаҳои фаъолияти касбӣ, иттилоотикунонӣ ва технологиякунонии таҳсилот ҳамчун равандҳои инноватсионӣ мушкилотеро ба миён меорад, ки ҳалли онҳо омодагии заруриро аз макотиби олӣ талаб мекунад.

Натиҷаҳои таҳлили таҳқиқоти илмӣ оид ба омода намудан ва бозомӯзии омӯзгорони макотиби олӣ дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бисёр

ҷанбаҳои психологию педагогӣ дар ин самт ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ҷумла, асосҳои ташкили раванди самараноки омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба иҷрои амалҳои касбӣ дар шароити раванди таълимӣ аз ҷиҳати технологӣ ташкилшуда, шартҳои ҳамгироии таҷрибаи фаъолияти касбӣ бо намунаҳои инноватсионии ин фаъолият дар шароити технологӣ ва инноватсикунонии маориф омӯхта нашудааст.

Ҳамин тавр, дар назария ва амалияи инноватсионии муосири низоми таҳсилоти олии касбӣ ихтилофҳои зерини объективӣ вуҷуд доранд:

- миёни эҳтиёҷи воқеии макотиби олӣ ба мутахассисони ба татбиқи муносибатҳои технологӣ ва инноватсионӣ дар таълим омода ва мавҷуд набудани имкониятҳои худи макотиби олӣ дар омодагии мақсадноки омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои муосир;

- миёни зарурати аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани низоми омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи фаъолияти худ дар шароити инноватсионӣ ва технологикунонӣ ва коркарди воқеии ин масъала дар назарияи педагогӣ.

Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли муаммои ба миён омада мавзӯи тадқиқотро «Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим» муайян кард.

**Робитаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барномаҳо (лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” барои солҳои 2015-2020 дар мавзӯи “Асосҳои педагогӣ - психологии инкишофи хонандагони синфҳои ибтидоӣ” ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро шудааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** асосноккунии назариявӣ ва илмию амалии шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим.

**Объекти таҳқиқот:** раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим.

**Мавзӯи таҳқиқот:** раванд ва шартҳои ташкилӣ - педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим.

**Фарзияи таҳқиқот:** асосноккунии назариявӣ ва илмию амалии шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим ҳамон вақт самаранок мегардад. **агар:**

- омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ дар раванди тайёрӣ бо назардошти таҷрибаи инфиродии педагогӣ сохта шавад;
- раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим ба сатҳи самаранокии муваффақиятҳои инфиродии банақшагирифташуда равона карда шавад;
- дар макотиби олӣ муҳити мутобиқшавии намунаҳои нави фаъолияти педагогӣ бо намунаҳои мавҷуда фароҳам оварда шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар робита бо мақсад ва фарзияҳо дар назди таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шуда буданд:

- омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмию методии марбут ба масъалаҳои дар таҳқиқот баррасишаванда ва хулосабарорӣ аз онҳо;
- тавзеҳи мафҳуми «технологияи инноватсионии муосири таълим»;
- ошкор сохтани шартҳои асосии педагогии раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим;
- ҷамъбастсозии додаҳои таҷрибавӣ аз рафти ташкилу баргузории шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бадастомада ва дар асоси коркарду таҳлили онҳо пешниҳод намудани тавсифи дидактикӣ ;

- таснифу мураттабсозии консепсияи «муҳити мувофикунӣ» бо мақсади баландбардории самаранокии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим.

**Асоси методологии таҳқиқотро** матлабҳои фалсафӣ дар бораи ҳамбастагии падидаҳои педагогӣ; таълимот оид ба табиати фаъолиятмандонаи шахсият ва моҳияти иҷтимоии он; мантиқи диалектикии омӯзиши муаммо дар ҳаракати он; дидгоҳҳои ба шахсият нигаронида, гносеологӣ, стохастикӣ; ҳамчунин назарияи шахсият, таҳқиқоти консептуалии назария ва амалияи таҳсилот, таълифоти бунёдӣ (фундаменталӣ) дар соҳаи амсиласозии падидаҳои педагогӣ ташкил медиҳанд.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** ғояҳои пешбари инкишофи шахсият; ғояҳои хусусияти эҷодӣ ва интерактивии фаъолияти субъект дар сохтори навъҳои гуногуни таълим; назария, методология ва амалияи дидгоҳи салоҳиятнокӣ дар таҳсилот; назария ва методикаи идоракунии таҳсилот; консепсияи ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ба вуҷуд овардаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот**: ҳуҷҷатҳои расмии танзимкунандаи муносибатҳои тарафайн дар соҳаи таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоӣ; таълифоти олимон-педагогҳо, файласуфон, ҷомеашиносон, равоншиносон, олимон-мутахассисони соҳаи таҳсилоти олӣ; Стандарти давлатии таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо ва нақшаҳои таълим, китобҳои дарсӣ; дастурҳои таълим оид ба педагогика, психология, таърихи педагогика; таҷрибаи педагогӣ ва муҳаққиқии муаллиф.

**Методҳои таҳқиқот.** Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда, маҷмӯи методҳои таҳқиқот, ки ҳамдигарро пурра менамоянд, истифода шуданд. Ба методҳои мазкур инҳо дохил мешаванд:

- таҳлили назариявӣ: таҳлил, синтез, муқоиса, маънидод, ҷамъбаст, лоиҳакашӣ, дидгоҳи системавӣ, амсиласозӣ;

- таҷрибавӣ (эмпирӣ): мушоҳида, суҳбат, тест, анкетагирӣ, ташхиси психологӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳо, ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ, озмоиши педагогӣ;

- оморӣ: баҳодиҳии рейтингӣ, дараҷабандӣ, ҷадвалсозӣ, коркарди математикӣ ва омории маълумоти дар рафти озмоиш ба даст омада.

**Марҳалаҳои асосии таҳқиқот**:

***Марҳалаи якум*** (солҳои 2018-2019) - назариявӣ: дарки асосҳои назариявию методологии таҳқиқот; омӯзиши вазъи муамморо дар назария ва амалияи таҳсилот фаро гирифт; ҳамчунин мушаххас намудани мавзӯъ (объект, предмет), фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот амалӣ гардид; озмоиши тасдиққунанда гузаронида шуд; доираи имконияти педагогии татбиқи технологияи педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим муайян гардид.

***Марҳалаи дувум*** (солҳои 2020-2021) - озмоишӣ, ки дақиқ намудан ва санҷиши озмоишии як қатор имконияти педагогӣ ва методикаи амалисозии технологияи педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълимро фаро гирифт; ҳамчунин коркард ва амалӣ намудани амсилаи татбиқи технологияи педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфт.

***Марҳалаи севум*** (солҳои 2021-2023) ҷамъбастӣ буда, аз таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ-озмоишӣ, дақиқ намудани мантиқи баёни мавод, баровардани хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ, ифодаи натиҷаҳои таҳқиқот иборат буд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**: Корҳои таҷрибавӣ-педагогӣ дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент гузаронида шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**:

- мафҳуми «технологияи инноватсионии муосири таълим» мушаххас карда шуд;

- модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ таҳия карда шуд;

- шароитҳои ташкилию педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим муайян карда шуданд;

- мафҳуми «муҳити мутобиқшавӣ»-ро ҷорӣ намуда, зарурати истифодаи муҳити мутобиқшавӣ дар баланд бардоштани самаранокии раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим асоснок карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- асосҳои назариявӣ, шароит ва қоидаҳои имконияти педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ бо истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим муайян гардиданд, ки барои аз ҷониби донишҷӯён аз худ намудани донишу маҳоратҳои касбӣ дар ҳаёти минбаъдаи онҳо зарурӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат менамоянд;

- мафҳуми «технологияҳои инноватсионии муосири таълим» ҳамчун тавсифи ҳамгиро инкишофёбандаи шахсият ифода гардид;

- робитаҳои қонунӣ, ҳамбастагии байни ҷузъҳои ташкили дидгоҳи ба шахсият нигаронида, ки дар таълими донишҷӯён татбиқ мешавад, ошкор шуданд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар нуқтаҳои зерин ифода меёбад:

- коркарди шартҳои педагогӣ, технологияи дидактикӣ бо ҳадафи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими донишҷӯён анҷом ёфт;

- тавсияҳои методӣ оид ба рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим бо истифодаи шартҳои педагогии ошкоргардида дар раванди таълим тартиб дода шуданд;

- коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он амалӣ гардид.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- консепсияи «технологияи инноватсионии муосири таълим»;

- модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгорони мактабҳои олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим;

- консепсияи муҳити мутобиқшавии макотиби олӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии раванди таъими донишҷӯён мусоидат мекунад;

- барнома ва методикаи тайёр кардани омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим;

- шароитҳои ташкилию педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборат аст:** иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот.

**Дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти** иҷрошуда бо асосҳои назариявии таҳқиқоти бунёдии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ, истифодаи маҷмӯи ба ҳам алоқаманди методҳои назариявӣ ва амалии ба предмет ва вазифаҳои таҳқиқот асосёфта ифода ёфтааст, бо методологияи илмӣ, низоми методҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқати интихоб ба тавсиф-

ҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори макотиби олӣ, кор-карди математикии маълумоти эмпирикӣ таъмин гардид. Боварибахшӣ ва асоснокии натиҷаҳо бо базаи назариявии исботкунанда ва таҳқиқоти мантиқӣ асоснок карда шудаанд, ки дар онҳо корҳои ҷараёндошта ба сурати таҷрибавӣ баҳогузорӣ шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 – “Педагогика ва психология” мутобиқат мекунад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар раванди фаъо-лияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардида, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ (2017-2023) муҳокима ва ироа шудаанд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи омодагии омӯзгорон тавассути маҷмӯи мақолаҳои интишорёфта, хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулияти амалӣ дар донишгоҳ, роҳбарӣ ба таҷрибаи педагогии донишҷӯён сурат гирифтааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 1 дастури таълимӣ ва 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Федератсияи Руссия ба қайдгирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҷадвал, расм, хулосаҳои умумию пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар рӯйхати адабиёт номгӯйи 200 сарчашмаи истифодашуда дар забони асли таълифашон ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ оварда шудааст. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар ҳаҷми 171 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шудааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОНИ МАКОТИБИ ОЛӢ БА ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ

## 1.1 Ҷабҳаҳои назариявии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба иттилотикунонии раванди таълим

Асоснокии масъалаи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи омӯзиши технологияи инноватсионии муосир сабабҳои воқеии ба миён омадани эҳтиёҷ ба омӯзиши инноватсионӣ ва мавқеи он дар низоми макотиби олиро мушаххас мекунад, зеро собит шудааст, ки фаъолияти касбии омӯзгори макотиби олӣ дар замони муосир ба татбиқи ин навъи муносибат алоқаи мустаҳкам дорад.

Барои он ки хусусияти қонунии зуҳури онро амалан дар раванди таҳсилот бо муносибати технологӣ нишон диҳем, ба ҳалли вазифаҳои таълиму тарбия ва сипас ба баъзе ҷанбаҳои таърихи афкори назариявӣ ва амалии педагогӣ бояд таваққуф намоем.

Мафҳуми технологии инноватсионии муосири таълимро дар пажӯҳишоти Я.А.Коменский, ки ба ташкили чунин раванди омӯзиш кӯшиш ба харҷ додааст, метавон пайдо намуд. Муҳимтарин ғояҳои муносибати технологияи инноватсионии муосири таълимро, ки самаранокии онро кафолат медиҳад, ба ӯ мансуб медонанд. Механизми таълим, бино ба ақидаи Я.А.Коменский, пайдарҳам гузаштан аз мақсадҳои муайяни таҳсилот, интихоби воситаҳои мувофиқ то вазифаи дарёфти қоидаҳои истифодаи ин воситаҳоро фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, ҳанӯз дар асри XVI занҷири «мақсад – восита – қоидаҳои корбасти онҳо - натиҷа» чун унсури муайянкунандаи низоми тамоми навъҳои технология дар таҳсил дар системаи Я.А.Коменский ташаккул ва амалӣ гашта буд. Унсурҳои асосии технологияи ӯ ба талаботи ҷомеа ва марҳалаҳои инкишофи он ҷавобгӯ буданд [57].

Намунаи зикргашта на танҳо аз мавқеи кӯшишҳои муваффақонаи татбиқи лоиҳаҳои таҳиягаштаи низоми педагогӣ, инчунин аз гузаштаи

дури мавҷудияти технологияи таълим, ки ҷойгоҳи муносибро дар ҳамон замон касб накарда буданд, дарак медиҳанд.

Инкишофи босуръати илмҳои гуманитарӣ, истеҳсолоти саноатии оммавӣ дар асри IX, ки аз комёбиҳои илму техника ва аз технологияи саноатӣ ба таври густарда истифода менамуданд, вазифаҳои нав дар соҳаи маориф гузоштанд: баланд бардоштани донишу маҳорати насли наврас, ки ҷавобгӯ ба сатҳи талаботи истеҳсолот бошанд. Маориф хусусияти «баргузидагӣ»-ро аз даст дода, хусусияти раванди истеҳсолотро соҳиб мегардад. Махсус оммавӣ гардонидани маориф масъалаи стардартикунонии талабот нисбат ба муҳассилин, ҳамгунасозии раванди таҳсилот, таҳияи низоми назорати сифати натиҷаи раванди педагогиро ба миён овард.

Дарвоқеъ, ниёз ба муносибати технологӣ ба таҳсилот дар асоси ин ақида, ки раванди омӯзиш ҷараёни истеҳсолот маҳсуб меёбад, пайдо гашт. Ин раванд, ки сифати натиҷаи истеҳсолотро фаро мегирад, ба воситаи тавсифи вазифаҳои баъзе аз хусусиятҳои он, натиҷаи объект, ҳолати аввала, ки маҷмӯи сифатҳои муайянкунандаро нишон медиҳад, картаи технологиро чун ифодакунандаи пайдарҳамии амалиёт ва мундариҷаи онҳо, усулҳои ташхиси ҳолати аввала, мобайнӣ ва ниҳоии объекти истеҳсолот, воситаи иҷрошавии таъсироти асосӣ, таҳрир ва инҳисор, механизми алоқаи мутақобила, яъне василаи таъсири мутақобилаи истеҳсолот ва ташхисро таъмин менамояд.. Инноватсионикунонии раванди таҳсилот дар он маврид амалӣ мегардад, ки агар инсоният маҷмӯан аз истеҳсолоти дастӣ ба истеҳсолоти оммавии моддиву маънавии ашё рӯй орад. Аксари соҳаҳои гуманитарии фаъолияти инсонӣ дар баробари маориф ба истеҳсолоти оммавӣ табдил меёбад, ҳаракатҳои оммавии иҷтимоӣ бо сабабҳои фаъолияти якҷояи пайваста байни аъзои ҷомеа дар асоси истифодаи воситаҳои ахбори умум зуҳур мекунанд. Ба вуҷуд омадани равандҳои нави иҷтимоӣ зарурати пайдоиши ташкилотҳои иҷтимоиро дар шакли технологияҳои иҷтимоӣ ифода мекунад.

Технологияҳои инноватсионии иҷтимоӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ ҳамеша арзи вуҷуд мекарданд, ончунонки чунин технология дар соҳаи маориф низ мавҷуд буд. Аммо ба мушоҳида мерасад, ки дар баъзе мавридҳо низоми идораи корҳои давлат дар ин соҳа дар сатҳи зарурӣ инкишоф намеёфт, зеро робитаҳои иҷтимоии ҷамъият нисбатан устувор буда, дар асоси қонуну қоидаҳои маъмул, меъёр, анъана, намунаҳои маданӣ, яъне технологияи инноватсионии иҷтимоии гузашта ривоҷ меёфт.[148].

Ҳамин тариқ, инқилоби техникӣ дар ибтидои садаи XX, сипас пешрафтҳои технологӣ дар охири қарни XX на танҳо дар истеҳсолоти моддӣ, балки ба вазъи иҷтимоӣ, аз ҷумла, низоми маориф таъсир гузошт. Ба сифати зуҳуроти объективӣ ва қонунӣ навъҳои фаъолияти технологии оммавӣ, дар соҳаи маориф технологияҳои инноватсионии муосири таълим ба миён омад.

Ҳамчунин мафҳуми «технология» қонунан ба фаҳмиши оммавӣ ва гардиши илмӣ ворид шуд. Ба маънои умумии илмӣ истилоҳи «технология» аз ҷониби иқтисодшиноси немис Х. Бруннер [20] бори аввал дохил карда шудааст. Бино ба ақидаи ӯ технология илм на танҳо доир ба техникаи истеҳсолоти асбобу ашё, балки инчунин оид ба бунёди тартиботи ҳуқуқии ҷомеа мебошад.

Инкишофи минбаъдаи афкори Х.Бруннер таҳти таъсири ақоиди ҷомеашинос ва равоншиноси франсавӣ А.Эспинас [189] сурат гирифтааст. Ғояи асосии ин муҳаққиқ дар он ифода меёбад, ки технологияи инноватсиониро метавон дар доираи аҷоиботи санъат бояд баррасӣ намуд. Қоидаҳои дастурии санъат на танҳо тавассути ирсӣ, балки бештар ба воситаи анъана – ибрат ва тарбия интиқол дода мешавад. Ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ бо санъати хоси худ фарқ мекунад.

Мувофиқати нуқтаи назари А.Эспинас бо ақидаи И.Бекманн ва инчунин тафовути умумӣ аз атиқа дар он ба мушоҳида мерасад, ки сухан на аз хусуси зебоиву нафосат, балки аз санъати фоиданокӣ ва амалии он

меравад. Юнониёни қадим онро technai, илм дар бораи таҷрибаи ташаккули бошуурона, ки бо донишҳои назарӣ мусаллаҳшуда такя мекунад, маҳсуб донистаанд. Ба ақидаи А.Эспинас, ба фанни технологияи инноватсионӣ чунин қисматҳои масъала: тавсифи таҳлилии ҳунарҳо ва таснифоти онҳо, пайдоиши ҳунарҳо, техникаҳои гуногун, инкишоф ва таназзули онҳо, ҳамчунин синтези анъана ва навоварӣ иртибот дорад. Ҳамин тавр, ба андешаи ин олим, дар амалия технологияи инноватсионӣ он мавқеъро соҳиб аст, ки дар низоми маориф пайдо кардааст.

Чунин тасаввуроти густарда доир ба технологияи инноватсионӣ то замони мо ҳифз шудааст, ки бе шак ба дараҷаи коркарди мафҳуми аппарати педагогикаи муосир, ба он қисмате, ки муносибати технологӣ барои ҳалли вазифаҳои таълим истифода мегардад, ба назар мерасад. Бо вуҷуди он истилоҳи «технология» расман ба илм ва истеҳсолот бо ду маъно: шартан барои истифода нисбат ба «дунёи афкор» (ҷаҳони тахайюлот) ва «олами моддӣ», яъне ҳамчун фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ ворид гардид [187].

Барои таҳқиқоти мо ошкор кардани раванди таҳаввулоти мафҳум, ки бо пайдоиши муносибати технологияи инноватсионӣ дар соҳаи таҳсилот алоқа дорад, муҳим мебошад, зеро муайян намудани моҳияти ин фаҳмиш ба таъйин кардани хусусиятҳои фаъолияти педагогӣ дар шароити технологикунонӣ ва асоснокии зарурати омодасозии омӯзгори мактаби олӣ ҷиҳати татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим мусоидат мекунад.

Мувофиқи маълумоти Т.С.Назаров ва Е.С.Полат[108] фаҳмиши муносибати технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим дар таҳсилоти Шӯравӣ дар солҳои 20-уми асри XX, вақте А.С.Макаренко имконияти танзими соҳаи педагогиро дар мактабҳои Шӯравӣ қайд карда буд, мантиқан ӯ технологияи инноватсиониро дар назар дошт, на маърифатро [92]. Аммо дар педагогика ва соҳаи маорифи он замон тавсифи раванди технологияи инноватсионӣ дар таълим мавҷуд нест, тарзи банақшагирии

ҷараёни педагогӣ баррасӣ нагашта, усули назорат, ҳаҷму меъёри фаъолияти донишҷӯён ва омӯзгорон коркард нашуда буд. Дар ИМА ва Аврупои Ғарбӣ пажӯҳишот доир ба ҷорикунии воситаҳои техникии таълим ва корбурди истилоҳи «технологияи таълим» танҳо баъди нимсолаи дуюми асри XX шурӯъ шуд. Дар натиҷа, фаҳмиши таълими технологияи инноватсионӣ баъдтар ба сифати афкори муваффақонаи педагогии Аврупо маълум гашт.

Аз солҳои 1940-50-уми қарни гузашта дар робита бо ҷорикунии воситаҳои техникӣ ба раванди таълим истилоҳи «технологияи таҳсилот» ба таври васеъ мавриди корбур қарор гирифт. Мутобиқ ба инкишофи методи истифодаи воситаҳои техникии таълим солҳои 1950-1960 истилоҳи «технологияи педагогӣ» зуҳур намуд.

Коркарди умумӣ ва ҷорикунии технологияҳои педагогӣ ба солҳои 50-уми садаи гузашта бо пайдоиши муносибати технологӣ ба бунёди таҳсилот сараввал дар макотиби амрикоӣ ва баъдан дар аврупоӣ нисбат медиҳанд. Дар ин солҳо истилоҳи «технологияи таҳсилот», ки тахти таъсири таҳқиқот роҷеъ ба методи истифодаи воситаҳои гуногуни техникӣ, хусусан, кино, радио, воситаҳои назорат пайдо гардид, ки ба такмили «технологияи педагогӣ» имкон фароҳам овард. Аз миёнаҳои солҳои 60-ум муносибати технологӣ ба таври васеъ мавриди баҳс байни муҳаққиқони илмҳои педагогӣ қарор гирифт. Дар натиҷа, ду самт: яке аз онҳо муносибати технологӣ алоқамандона бо ҷорикунонии воситаҳои техникии таълим сурат мегирад. Дар доираи самти дувум муносибати технологӣ ба такмили худи раванди таълим равона гашта, истилоҳи «технологияи инноватсионии таълим» ба миён омад. Охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта дар бисёре аз кишварҳо муассисаҳои махсуси коркарди технологияи инноватсионии таҳсилот ташкил ва ба фаъолият оғоз мекунанд. Ба ҷойи истилоҳи «технологияи таълим», ки ниҳоят мафҳуми танг ба ҳисоб меравад, дар соҳаи педагогӣ истилоҳи «технологияи таҳсилот» истифода гардид.

Дар адабиёти педагогикаи муосири аврупоӣ барои ифодаи мафҳуми технология дар системаи маориф истилоҳи «an educational technology», ки бо ибораи *русии «образовательная технология») «технологияи таҳсилот»* мувозӣ мебошад, корбаст мегардад. Мафҳуми мазкур нисбатан васеъ аст, зеро системаи таҳсилот аз якчанд зерсистемаҳо иборат мебошад, ки ба ҳар яке аз онҳо ҳалли вазифаҳои технологӣ нигаронида шудааст. Инчунин имкон дорад, ки доир ба технологияи таълим, технологияи идоракунӣ, технологияи таъминоти моддӣ ва монанди инҳо шарҳ дода шавад. Ҳаммонанд ба истилоҳи «технологияи таҳсилот» бо ҳамин маъно истилоҳи «технологияи истеҳсолӣ» барои ифодаи бе нишондод ҳосил кардани ин ё он навъи ашё ба кор меравад [92]. Барои баромадан аз чунин ҳолат мувофиқкунонии истилоҳи «технологияи таҳсилот» бо номи соҳаи донишҳои педагогӣ, ки ба омӯзиши қонунҳои технологикунонии тамоми соҳаи маориф ва зерқисматҳои он машғул аст, бояд равона карда шавад.

Азбаски истилоҳи «таълим» таърихан бо истилоҳи «таҳсилот», ки таҳти он омӯзиши ҳаматарафа ва бонизом фаҳмида мешавад, зич алоқаманд аст, бо ҳамин сабаб ба ҷойи истилоҳи «технологияи таълим» метавон истилоҳи «технологияи таҳсилот»-ро ба кор гирифт. Воқеан ҳам, чӣ хеле ки дар педагогика ва психология муқаррар шудааст, ташкили саҳеҳу дурусти таҳсил ба инкишофи шахсият таъсири мусбат дошта, воситаҳои такмилдиҳандаи тафаккур, пеш аз ҳама, ба фаъолияти маърифатӣ иртибот дорад, ки ба пешрафти таҳсилот ҳиссагузор мебошад. Аммо на таҳсил, балки тамоми раванди педагогӣ бояд хусусияти маърифатиро соҳиб бошад. Бино бар ин, «технологияи таҳсилот» аз ҷиҳати ифодаи маъно ба «технологияи раванди педагогӣ» наздик аст. Ҳарчанд дар таърихи ташаккули муносибати технологӣ ба таҳсилот давраҳое буданд, ки истилоҳи «технологияи раванди таҳсилот» густариш пайдо карда, татбиқи худро наёфт.

Дар фаҳмиши педагогӣ «технологияи таҳсилот» чун анъана бо раванди таҳсилот ҳамроҳ буда, аз ин лиҳоз метавон шартан мафҳуми

технологияи таҳсилотро чун технологияи махсуси муташаккилонаи (бевосита ва ё бавосита) ҳамкории таълимгиранда ва таълимдиҳанда ба самти ҳосили мақсад равонагашта, ки қаблан ба нақша гирифта шудааст, аз ҷумла, технологияи раванди таҳсилот номид. Бо чунин муносибат «технологияи таҳсилот», «технологияи ташаккулёбӣ» ва монанди инҳо навъҳои мафҳум дар самти технологияи фаннӣ пайдо мегардад [96]. Мо ҷонибдори мафҳуми «технологияи таҳсилот» ба он сабаб, ки он бо анъанаи истифодаи он дар амалия мувофиқат мекунад ва ҷорикунии муносибати технологӣ дар макотиби олӣ дар замони муосир мавқеи муҳим дорад.

Таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ нишон медиҳад, ки истилоҳи «технологияи педагогӣ», ки иборат аз якчанд маъно аст, низ маъмул мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳамаи он мафҳумҳо ба он такя мекунанд, ки технология аз системаи аз тарафи илми алгоритм пешниҳодгашта фароҳам омада, роҳу усули истифодае, ки натиҷаи фаъолият қаблан назарсанҷӣ гашта, ба даст овардани маҳсулотро бо сатҳу сифати баландро кафолат медиҳад. Технология – маҷмӯи ифодаи сатҳи баланди истеҳсолот буда, ҳамчунин роҳ ва самараи ҷорикунии комёбиҳои илмӣ аст. Дар китоби «Фарҳанги тафсирӣ» ***«технология» -*** маҷмӯи усулҳоест, ки дар ин ё он кор, ҳунар, санъат истифода мешавад [116].

Б.Т.Лихачев [85] технологияи педагогӣ гуфта, маҷмӯи дастурҳои психологӣ-педагогиро меноманд, ки гурӯҳи махсус ва ҷузъиёти шакл, метод, роҳ, усулҳои таълим, воситаҳои тарбияро муайян менамояд. Он восита-методи муташаккилонаи раванди педагогӣ мебошад. Ба ақидаи мо, розӣ шудан бо ин назария дар доираи мантиқи инкишофи мафҳуми технология мумкин нест, зеро муаллиф омили субъективии раванди таълимро таъкид накардааст. Агар афкори муаллифро пай дар пай инкишоф диҳем, пас ҳар як муаллим соҳиби технологияи муаллифӣ аст, ки дар асоси муносибатҳои психологию педагогӣ дар таҷриба ташаккул ёфта, ба воқеият мувофиқ нест.

Ба гуфтаи И.П.Волков [24] технологияи педагогӣ тавсифи раванди ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишудаи таълим мебошад. Маълум аст, ки муаллифи таъриф чунин мешуморад, ки барои сохтан ва равшан тавсиф намудани лоиҳаи раванди таълим нишон додани ақидаҳои консептуалӣ кифоя буда, технология таҳия мешавад. Аз андешаронихои И.П.Волков, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки агар омӯзгор фаъолияти худро хуб инъикос кунад, раванди расидан ба мақсадҳои таълимро возеҳ баён дорад, пас вай технологияи таълими худро тавсиф менамояд. Яъне, агар назарияҳои ду муаллифи қаблиро қабул кунем, пас таҷрибаи раванди таълими ҳар омӯзгор таҷрибаи эҷоди технология аст, дар ҳоле ки ин танҳо фаъолияти лоиҳавӣ аст.

В.И.Боголюбов дар асоси таҳлили маъхазҳои педагогии хориҷӣ ва ватанӣ рушди тасаввуротро аз «технология дар таълим» тавассути «технологияи таълим» ба «технологияи педагогӣ» асоснок кардааст [17]. Дар айни замон, тамоюли дар заминаи таҳсилот истифода гардидани мафҳуми «технологияи педагогӣ» мушоҳида карда мешавад. Муҳаққиқ Н.Е.Шуркова ва дигарон таҳти технологияи педагогӣ интихоби илмӣ асосноки хусусияти таъсири оперативиро дар раванди муошират бо донишҷӯён, ки аз ҷониби омӯзгор ташкил карда шудааст, бо мақсади ба ҳадди аксар расонидани рушди шахсият дарк мекунанд. Ҳамчун субъекти воқеияти атроф. Ба ақидаи Н.Е.Шуркова технологиякунонии тамоми раванди тарбия ғайриимкон аст, зеро илми педагогӣ то ҳол тарзи ташхиси шахсиятро ҳамчун маҳсули ниҳоии раванди тарбия таҳия накардааст. Корбурди технологияи педагогӣ дар замони ҳозира танҳо барои сифатҳое имконпазир аст, ки асосан таҷрибаи шахсиро инъикос менамоянд. Аммо метавон технологияи таъсиррасонии педагогиро ҳамчун амали ибтидоии ҳамкорӣ ба вуҷуд овард. Ба ин маъно, ба гуфтаи Н.Е.Шуркова технологияи педагогӣ ин тарҳи муайяни назария ва методологияи таълим ба амалияи таълим мебошад. Ин мактаби илмӣ технологияи таъсири педагогиро ба вуҷуд овардааст ва дар амал низ исбот кардааст, ки тарбиягирандаро ба мавқеи субъект мегузаронад [188].

Зимнан, Г.К.Селевко технологияи педагогиро ҳамчун як ҷузъи илми педагогӣ, ки назарияи дидактикӣ, роҳҳои самараноки таълим, системаи усулҳо, принсипҳо ва меъёрҳои таълим, инчунин раванди воқеии педагогиро меомӯзад, баррасӣ мекунад. [142].

Бар хилофи ин фикр О.Е.Попов [125] ва В.В.Гузеев [35] иброз медоранд, ки технологияи педагогӣ як соҳаи мустақили илми педагогӣ буда, байни дидактика, назария ва методологияи тарбия қарор дорад ва интиқоли таркиби амалии фаъолияти педагогиро ба сатҳи технологӣ, ба сатҳи сифатан нави самаранок, беҳтарину мувофиқтарин ва илмиро нисбат ба сатҳи анъанавӣ, ки бо мафҳуми «методика» ифода ёфтааст, фаро мегирад.

Сарфи назар аз он, ки равишҳои технологии ташкили раванди таълим дар шакли норавшан ҳам дар дидактика ва ҳам дар методҳои хусусӣ мавҷуд буда, дар системаҳои методӣ зуҳур мекунанд, дар илми педагогӣ мафҳуми «технологияи таълим» солҳои наздик пайдо шуд. Ба ин асос, ки усулҳои таълим нисбат ба технологияҳои таълим васеътаранд. Ба сифати аснод далелҳои зеринро овардан мумкин аст: методика ба саволҳои чаро, чиро ва чӣ тавр таълим додан мумкин аст? ҷавоб медиҳад. Технология вақте фаъол мешавад, ки ҳадафҳо ва мундариҷа аллакай муайян шудаанд ва асосан ба саволи сеюм ҷавоб талаб карда мешавад. Ҳамин тариқ, метавон тахмин кард, ки равиши технологӣ аз меҳвари равиши методӣ сарчашма мегирад. Вале дастурҳои методӣ дар мактабҳои ватанӣ бо мақсади «ташаккули шахсияти ҳаматарафа ва баркамол инкишофёфта» кор мекарданд. Азбаски ин ҳадаф ғайриташхисӣ аст, яъне пайгирии дараҷаи ноил шудан ба он имконнопазир аст, татбиқи ҳалли технологии ин масъала аз имкон берун мебошад. Муносибати технологӣ талаб мекунад, ки сифати маҳсулоти ниҳоӣ бо маҷмӯи хосиятҳое, ки барои онҳо воситаҳои муайяни ташхис мавҷуд аст, муайян карда шаванд.

Ҳамин тариқ, пайдоиши равиши технологӣ ба имкониятҳои маҳдуди раванди методологӣ вобаста буда, зарурати ҷавоб додан ба саволи он ки чӣ тавр ба натиҷаи раванди таълим, дар шакли ташхис пешакӣ муайян карда шудааст, ба даст овардан мумкин аст, ҷавоб медиҳад.

Тафовути куллии методика ва технологияро Н.В.Кузьмина чунин шарҳ медиҳад: «Технологияи инноватсионӣ аз усулҳо бо такрористеҳсолӣ, устувории натиҷаҳо, набудани «агар» -ҳои зиёд фарқ мекунад: агар омӯзгори боистеъдод, фарзандони боистеъдод, мактаби аз ҷиҳати моддӣ таъмин бошад. Ҳанӯз пештар ба ҳукми анъана медаромад, ки методика дар натиҷаи умумгардонии таҷриба ё ихтирои тарзи нави ифодаи дониш амалӣ мегардад. Аммо технологияи инноватсионӣ бо назардошти шароити мушаххас тарҳрезӣ шуда, на ба натиҷаи пешбинишуда, балки ба мавҷудбуда такя мекунад" [79].

Ба саволи «чӣ тавр таълим дод?» дидактикаи муосир, ки мазмуни таълим ва ташкили раванди таълимро меомӯзад, низ ҷавоб дода метавонад. Вазифаҳои он тавсиф ва тавзеҳ додани раванди таълим ва шароити татбиқи он, инчунин таҳияи беҳтари ташкили раванди таълим, системаҳо ва технологияҳои нави таълим мебошад [25]. Аз ин рӯ, дидактика масъалаҳои фалсафаи таҳсилот, аз ҷумла методологияро дар бар мегирад. Аммо технологияро метавон ҳамчун дидактикаи амалӣ ва низ ҳамчун як соҳаи мустақили илми педагогӣ баррасӣ кард. «Технологияи инноватсионии таълим – ин назарияи истифодабарии усулҳо, воситаҳо ва роҳҳои ташкили фаъолияти таълиму тарбия мебошад. Дидактика худ аз худ як технологияи умумии таълим нест. Вазифаи технологияи инноватсионӣ таълим асосан аз он иборат аст, ки дар дидактика қонунҳо ва принсипҳоро ба усулҳои самарабахши таълиму тарбия табдил дода, инчунин барои корбасти воситаҳои техникии мувофиқи онҳо тамоми шароити заруриро фароҳам оварад» [25]. Аз ин рӯ, технологияи инноватсионии таълимро метавон ҳамчун як ҷузъи амалии дидактика ва ба маънои маҳдудтар ҳамчун асбоби омӯзгор, объекти тадқиқоти дидактикӣ ва коркарди амалӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Агар дидактика назарияи таълим бошад, пас технология таълими мушаххас, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва махсус ташкилшуда барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси омӯзиш мебошад. Ҳангоми таҳияи технологияи инноватсионии таълим фаъолияти мушаххаси омӯзгор ва донишҷӯ бо воситаҳои техникии таълим ва ё бидуни онҳо бо назардошти захираҳои иштирокдорони раванди таълим ва ин воситаҳо ба назар гирифта

мешавад. Мақсади технологияи инноватсионӣ татбиқи амалии натиҷаҳои пешбинишуда мебошад. Технологияи инноватсионии муосири таълим барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти раванди мазкур пешбинӣ шудааст. Агар илм аслан ҷустуҷӯи ҳақиқат бошад, пас технологияи инноватсионӣ роҳи дақиқи дарки ҳақиқат аз рӯйи ҳар як маводи мушаххаси таълимӣ дар ҷараёни дарс ё семинари махсус ба шумор меравад.

Технологияи инноватсиониро метавон ҳамчун самти мустақили омӯзиши равандҳои дидактикӣ баррасӣ кард. Ба ин маъно, технологияи инноватсионии муосири таълим як соҳаи тадқиқоти илмӣ барои муайян кардани принсипҳои системаҳои беҳтарини равандҳои дидактикии бо хусусиятҳои пешакӣ муайяншуда мебошад. Раванди дидактикиро чун равандҳое мефаҳманд, ки донишҷӯро аз як зинаи таълим ба зинаи нисбатан болотар мебарорад [76]. Технологияи таълим дидактикаи амалӣ, яъне назарияи истифодаи ғояҳои пешқадами педагогӣ, принсипҳо ва қоидаҳои «илми соф» мебошад. Технологияи таълим масъалаҳои педагогиро дар асоси қатъиян илмӣ ҳал мекунад. Вай ҳамчун назария дидактикаи классикиро инкишоф медиҳад. Пеш аз ҳама, ин дар принсипҳои мураттабшудаи технология: ягонагии шакл ва мазмуни технология, самти таҳлилии он, мукаммалӣ, мувофиқати иҷтимоӣ ва табиӣ, суръатнокии тамоми равандҳо ифода меёбад. Дар таълими технологияи инноватсионӣ чизеро дар шакли ҳадаф ба расмият даровардан мумкин нест, зеро онро дар амал чен кардан, мунтазам сохтан ва назорат кардан ғайриимкон аст. Ба ин маъно, технологияи инноватсионии муосири таълим, бешубҳа, идомаи амалии дидактикаи умумӣ ва умуман педагогика мебошад.

Дар педагогика мафҳуми технологияи инноватсионӣ ҳамчун системаи аз ҷиҳати технологӣ таҳияшудаи метод ва усулҳои таълими ин ё он омӯзгор, роҳу усулҳои инфиродии тарбия (масалан, технологияи ташкили фаъолияти гурӯҳӣ) вуҷуд дорад, ки ба ҳалли масъалаҳои алоҳидаи таълиму тарбия нигаронида шудааст [19]. Дар ин маврид интихоби усули ҳалли масъалаи дидактикӣ ба зиммаи худи муаллим гузошта мешавад. Таҷриба нишон

медиҳад, ки иҷрои чунин вазифаи эҷодӣ барои бисёр муаллимон имконнопазир аст, зеро он сатҳи махсуси маҳорати педагогиро талаб мекунад. Дар амал муаллимон аксар вақт ба тарҳрезии раванди педагогӣ шуруъ намуда, марҳилаи таъини ҳадафҳои ташхисиро паси сар мекунанд. Тартиб додани равандҳои таълим, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳое, ки муаллифӣ номида мешаванд ба азнавсозии куллии системаи педагогӣ оварда намерасонанд ва аз ин рӯ, натиҷаҳои дилхоҳ намедиҳанд.

Роҳи боэътимоди ноил шудан ба натиҷаҳо муқаррар кардани технологияи инноватсионии муосири таълим дар робита бо ҳадафҳои таълим, бидуни гирифтани ҳуқуқи истифодаи технологияҳои пешрафта аз ҷониби омӯзгор мебошад. Технологияи инноватсионӣ бояд ноил шудан ба ҳадафҳои таълимро таъмин намояд, татбиқи он дар ҳама макотиби олӣ ва ҳар як омӯзгор имконпазир бошад. Маълум аст, ки технологияи инновасионии таълим бояд ба мазмун ва талаботи тағйирёбии парадигмаҳои педагогӣ ва ақидаҳои фалсафӣ дар соҳаи маориф мувофиқ бошад.

Дар таҷрибаи таҳсилот низ мафҳуми «технология» ҳамчун аломати таъсирнокӣ ва сифати раванди таълим дар макотиби олӣ, дар марҳилаи муайяни таълим истифода мешавад. Баҳодиҳӣ ба сифати технологияи инноватсионии таълим на танҳо ба натиҷаи аз ҷиҳати суръатнокӣ муқарраршуда, балки ба худи раванд, ки хусусияти стохастикӣ дорад, асос меёбад. Мақсади технологияи инноватсиониро В.В. Гузеев [35] дар ҳадди болои имконияти муваффақияти муҳассилин медонад .

Ҳамин тариқ, таҳлили таҳқиқоти педагогӣ оид ба проблемаҳои равиши технологияи инноватсионии муосири таълим нишон дод, ки дар мавриди тафсири мафҳуми «технологияи инноватсионии таълим» тафовути назаррас мавҷуд аст. Намунаи афкори муҳаққиқон, нуқтаи назар ва мавқеи омӯзгорони макотиби олӣ оид ба технологияи таълим таърифи пешниҳодкардаи ЮНЕСКО мебошад: «Технологияи инноватсионии таълим усули мунтазами эҷод, татбиқ ва муайян кардани тамоми раванди таълим ва азхудкунии донишҳо бо

назардошти хусусиятҳои техникӣ ва инсонӣ, таъсири мутақобилаи онҳо мебошад, ки барои беҳтар кардани шаклҳои таълим нигаронида шудааст» [127].

Мо қаблан истилоҳи "технологияи инноватсионии таълим"-ро аз байни дигар мафҳумҳое, ки дар натиҷаи равиши технологӣ дар макотиби олӣ зуҳур кардааст, интихоб намудаем. Мазмуни ин мафҳум бояд дар асоси таҳлили илмӣ, пеш аз ҳама, фаъолияти донишҷӯ, интихоби сифатҳо, дониш ва малакаҳое, ки дар фаъолияти касбии ӯ заруранд, бунёд карда шавад; таҳлил ва интихоби инноватсионии таълимӣ, яъне мундариҷаи маводи таълимӣ, ки барои таълим ва назорати азхудкунӣ пешбинӣ шудаанд; таҳлили воситаҳои алоқа интихоби китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълим, дастурҳои методӣ, воситаҳои техникии таълим, шаклу усулҳои таълиму тарбия; дақиқан таъйин намудани фаъолияти муаллиму шогирд. Аён аст, ки таърифи ЮНЕСКО ин шартҳоро қонеъ мекунад.

Дар марҳилаи имрӯзаи рушди равиши технологияи инноватсионӣ дар соҳаи маориф раванди истифодаи фаъолонаи захираҳои инноватсионӣ ҳамчун маҳсулоти иҷтимоӣ сурат гирифта истодааст. Бори аввал дар таърихи инкишофи маориф вазъияте ба миён омад, ки воситаҳои инноватсионии муосири таълим амалан ба васоити ҳатмии фаъолияти касбии омӯзгорони макотиби олӣ табдил меёбанд. Рушди шабакаҳои телекоммуникатсияи иттилоотӣ боиси пайдоиши технологияҳои муосири таълим дар асоси истифодаи воситаҳои муосири инноватсионӣ, рушди системаҳои таълими фосилавӣ мегардад. Воситаҳои муосири иинноватсионӣ барои ҳалли масъалаҳои дидактикӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоранд.

Истилоҳоти классикии педагогика бо истилоҳоти нав, масалан, компютер ва омӯзиши электронӣ, педагогикаи кибернетикӣ, информатикаи педагогӣ, таълими барномавӣ, информатикаи мактабӣ пурра мегардад. Дар Луғати компютерии Оксфорд (дар нашри русии «Луғати тавзеҳи системаҳои ҳисоббарорӣ» М.,1990) истилоҳҳои психологияи ҳисоббарорӣ, психологияи компютерӣ мавҷуданд; таълими компютерӣ ***(ЭВМ)*** - омӯзиши компютерӣ, омӯзиши автоматикунонидашуда; таълими бо компютер идорашаванда -

таълими компютерӣ, омӯзиши автоматикунонидашуда; таълим бо ёрии компютер - омӯзиш (ЭВМ) бо компютер, омӯзиши автоматикунонидашуда.

Баррасии паҳлуҳои алоҳидаи истилоҳи «технологияҳои инноватсионии муосири таълим» ҷолиби диққат мебошад. Аввалин маротиба мафҳуми «технологияи информатсионӣ»-ро дар замони Шӯравӣ В.М.Глушков, ки инҳоро «...ба равандҳои коркарди информатсия алоқаманд» мешуморид, қайд кардааст [33,с.14]. Р.Картер технологияи инноватсиониро ҳамчун маҷмӯи технологияҳои гуногуни нигоҳдорӣ, таҳлил ва коркард, интиқоли инноватсия муносибат мекунад, ки ба ӯ имкон дод, ҳадди ақал 4 марҳилаи инкишофи онро муайян намояд: коркарди дастӣ, табиӣ; коркарди механикӣ, интиқол ва нигоҳдории иттилоот; марҳилаи истифода аз усулҳои электромеханикӣ ва ниҳоят усулҳои электронӣ (компютерӣ) [53]. Ҳамин тавр, технологияҳои инноватсионӣ ҳама намудҳои технологияро муттаҳид мекунанд ва илова бар ин, система ва шакли алоқаро дар якҷоягӣ бо компютерҳои электронӣ, шабакаҳои коммуникатсионӣ талаб мекунанд.

Аз ин лиҳоз, мафҳумҳои омӯзиши компютерӣ ва омӯзиши электронӣ дар педагогикаи муосир мавҷуданд. Якум, системаи таълим аст, ки дар он яке аз воситаҳои техникии таълим компютер мебошад. Бо ёрии системаҳо ва дастгоҳҳои электронӣ ва оптоэлектронии ҳозиразамон, информатикаи бекоғазро омӯзиши электронӣ меноманд. Дар таълими электронӣ ду намуди он вуҷуд дорад: қабулкунанда (ресептивӣ), дар асоси дарк ва азхудкунии дониш, дар асоси дарк ва азхудкунии донишҳои тавассути телевизион ё бо истифода аз воситаҳои аудиовизуалӣ интиқолшаванда ва интерактивӣ - омӯзиш дар раванди ҳамкории байни шахс ва компютер дар реҷаи интерактивӣ; дар системаи зеҳни гибридии антропологӣ, дар системаҳои омодасозии коршиносон ва ғайра [18].

Ҳамин тариқ, технологияҳои инноватсионии муосири таълим омӯзиши электрониро бо усулҳои фаъол муаррифӣ мекунанд. Аслан, ин системаест, ки системаҳои алоқаи электронӣ, воситаҳои таълим ва технологияҳои инноватсиониро дар бар мегирад. Дар чунин системаҳо мубодилаи инноватсионии муосири таълим сурат мегирад, робитаи мутақобилаи

зеҳнии техникӣ ва инсон, муколамаи байни донишҷӯ ва омӯзгорон тавассути компютерҳои электронии коммуникативии воситаҳои муосири таълим ба амал меояд [14]. Маҳз ба ҳамин маъно мо ибораи « технологияи муосири инноватсионии таълим»-ро истифода мебарем. Дар асоси таҳлили мафҳумҳои технологияи инноватсионии таълим ва шарҳи моҳияти технологияи информатсионӣ имкони ворид гардидани мафҳуми зерин пайдо мешавад:

Технологияи муосири инноватсионии таълим як усули системавии эҷод ва татбиқи омӯзиши электронӣ дар вариантҳои қабулкунанда (ресептивӣ) ва интерактивии он бо назардошти захираҳои техникӣ ва инсонӣ ва ҳамкории онҳо мебошад, ки ҳадафи он беҳтар кардани шаклҳои таълим аст.

Чунин тафсири мафҳуми технологияи инноватсионии муосири таълим барои ташаккули намунаи натиҷаи раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ дар татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, аз ҷумла, муайян намудани меъёрҳои самаранокӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо зарур мебошад.

Маълум аст, ки ҷомеа системаи маориферо ба вуҷуд меорад, ки ба моҳият ва рушди иҷтимоии он мувофиқ бошад. Нақши омӯзгори макотиби олӣ дар ин система ҳамеша ба фаъолияти ӯ дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, ташаккул ва инкишофи онҳо алоқаманд аст. Тавассути меҳнати аз ҷониби иҷтимоъ идорашавандаи омӯзгори макотиби олӣ муҳите ба вуҷуд меояд, ки тамоми ҳаёти ҷомеа ба он нигаронида шудааст. Дар фаъолияти омӯзгори макотиби олӣ мубодилаи технологияи инноватсионии муосири таълим назорат карда мешавад, фарҳанг бозсозӣ ва ташаккул меёбад, инкишофи иҷтимоии шуури ҷамъиятӣ ба амал меояд, танзими педагогии раванди рушди ҷомеа амалӣ мегардад. Дар навбати худ, шароити иҷтимоӣ муҳитеро муайян мекунад, ки фаъолияти касбии омӯзгорро бармеангезад ва ба нақши ӯ дар ҷомеа баҳо медиҳад.

Дар шароити муосир талабот ба омӯзгорони макотиби олӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ тайёршуда хеле афзуда истодааст. Ба андешаи М.М.Левина «Омӯзгор дар шароити ҷомеаи муосир бояд дорои дониши амиқи ҳамаҷониба

инкишофёфта ва малакаҳои касбии ҳамгиро бошад, то татбиқи қарорҳоро бо азму иродаи қавӣ таъмин намояд, қодир ба иҷрои амалҳои эҷодӣ оид ба сохти технологияи инноватсионӣ ва намунавии робитаҳои коммуникатсионии раванди таълим бошад, қобилияти гузаронидани таҳлили мантиқии маводи таълим ва таҳияи сохтори инноватсионии он, ҳамгироии робитаҳои байнифаннӣ, муайян кардани сохтори шифоҳӣ ва хаттии инноватсионии таълим, инкишоф додани фаъолият ва мустақилияти фаъолияти таълимии омӯзгорони оянда” [83,с.5]. Муаллими муосирро зарур аст, ки фаъолияти таълимии донишҷӯёнро бо роҳи умумикунонии ақидаҳои илмӣ танзим намояд, намудҳои *репродуктивӣ* ва эҷодиро ба ҳам муттаҳид созад, то ки дар раванди таълим технологияҳои муосирро пурра татбиқ намояд.

Дар низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон тамоюли ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосири таълим, шаклу усулҳои фаъоли таълим дар макотиби олӣ, ки ба таъмини азхудкунии мазмуни муосири таълим нигаронида шуда, андешидан ва амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳо оид ба дигаргунсозии равандҳои педагогӣ дар асоси технологияи инноватсиониро тақозо менамояд, ки онро технологияи инноватсияи маориф меноманд. Тамоми субъектҳои системаи маорифро барои татбиқи раванди инноватсионии таълим ва раванди технологияи таҳсилоти бо он алоқаманд омода кардан зарур аст. Ба хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорони мактаби олӣ, ки дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим барои омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ муайян шудааст, таваҷҷӯҳ мекунем.

Чуноне, ки Ҷаксон М., Баттл С., Уолтон Г., таъкид мекунанд, омӯзгоре, ки дар заминаи истифодаи шабакаҳои компютерӣ кор мекунад, бояд масъалаи барқарор кардани робитаи ҳамкории донишҷӯён бо ҳамдигар ва инчунин бо худи омӯзгорро ҳал кунад. Муҳаққиқон мушоҳида кардаанд, ки донишҷӯёне, ки бо истифода аз шабакаҳои компютерӣ таҳсил мекунанд, эҳсоси нороҳатӣ намуда, хоҳиши ба таври пинҳонӣ муошират карданро доранд. Омӯзгор бояд ба рафъи душвориҳои равонии дар байни муҳассилин ба миён омада бо ташкили

гурӯҳи шогирдон, ки дар як лоиҳа кор карда тавонанд, кӯшиш намояд. Вазифаи омӯзгор иборат аз ташкили фазои рақобати солим, ташаккул додани маҳорати донишҷӯён дар иҷрои кори гурӯҳӣ мебошад. Омӯзгор бояд бо истифода аз суроғаи электронӣ ва конфронсҳои телефонӣ як қисми гурӯҳи таҳсилкунанда гардад. Вазифаи ӯ ифодаи эҳтиром ба камтарин саҳми ҳар яки онҳо, дастгирии фаъолияти донишҷӯён дар ҳалли мушкилот мебошад. Омӯзгор бояд пас аз шунидани ҳар яки онҳо бо истифода аз саволҳои бодиққат интихобшуда нуқтаи назари гурӯҳро муайян кунад. Ҳамин тариқ, дар шароити истифода аз воситаҳои муосири муошират муаллим нисбат ба низоми таълими анъанавӣ ба донишҷӯён таъсири бештаре дорад [193].

Мушкилоти асосии ҳалли масъалаи кори омӯзгор дар соҳаи технологияҳои муосири инноватсионии таълимро проблемаҳои муошират муайян мекунанд. Субъектҳои муошират дар бораи ҷаҳон, системаи ба худ хоси маънои ҳаёт, арзишҳо, мотивҳо тасаввуроти худро доранд. Ин ҳолат боиси аз байн рафтани ҳамдигарфаҳмӣ дар раванди муошират мегардад. Вайрон кардани фаҳмиши инноватсионӣ бо хусусиятҳои тафаккури қабулкунанда алоқаманд аст. Аслан, омӯзгор метавонад мушкилоти муоширатро ҳал карда, барои ин тамоми таҷриба, фаросат, заковат, малакаву маҳорати худро истифода барад. Чунин қарорҳо ба системаҳои муосири таълими компютерӣ дастрас нестанд. Аз ин рӯ, дар робита ба кори омӯзгор бо чунин системаҳо, масъалаҳои татбиқи равишҳо ба тарзи таълими инфиродӣ асосан мушкил аст.

Шу – Чинг Янг кайд кардааст, ки дар муҳити инноватсионӣ ба истилоҳ *«домҳои муошират»* имконпазиранд [194]. Ин ба таври ноогоҳона аз ҷониби омӯзгор таҳмил кардани дидгоҳи худ дар бораи системаи далелҳо ва хулосаҳо доир ба ин соҳаи дониш аст. Ин вазъият аз сабаби тафовути субъектҳои муошират аслан ногузир аст. Ҳамаи гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи мушкилии асосии истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим – муколамаи омӯзгор ва донишҷӯ хулоса барорем. Нақши муколама, пеш аз ҳама, ба татбиқи принсипи фардикунонии таълим, ки ба истифодаи технологияи компютерӣ нигаронида шудааст, муҳим мебошад.

В.М. Крол қайд мекунад, ки вақте донишҷӯ дар раванди таълим бо компютер муошират мекунад, он хусусияти бадалшавӣ пайдо мекунад. Воситаи ташаккули тафаккури касбӣ – нутқи донишҷӯ, воқеан, дар раванди ин навъи таълим хомӯш карда мешавад. Донишҷӯёне, ки дар муошират касбӣ малакаи кофӣ надоранд, имкони ташаккули тафаккури мустақилро соҳиб нестанд. Барои бартараф намудани хатари воқеии маҳдуд кардани робитаҳои иҷтимоӣ, шахспарастӣ дар ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ омӯзгоре лозим аст, ки натиҷаҳои манфии истифодаи технологияҳои инноватсионии муосир дар таълимро таъвиз карда тавонад [75].

Омӯзиши аксуламали донишҷӯён дар истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим аз ҷониби Фловерс Л., Паскарелла Э.Т., Пиерсон С.Т. нишон дод, ки технологияҳои инноватсионӣ усулҳои нави таълим ва таҳсилро тақозо мекунанд. Пеш аз ҳама, ин ба вижагиҳои муошират дар раванди омӯзиши онлайн вобаста аст. Масалан, донишҷӯ наметавонад ба омӯзгор ҳамчун аломати фаҳмидани мавод сар ҷунбонад. Муошират хаттӣ бо омӯзгор дар шароити истифодаи суроғаи электронӣ, муошират интернетӣ аз донишҷӯён чунин малакаҳои муоширатро талаб мекунад, ки онро пеш аз ҳама бо ёрии омӯзгор омӯхтан лозим аст. Раванди таълим аз бисёр ҷиҳат ба муошират байни омӯзгор ва донишҷӯ иртибот дорад. Ҳоло таҳқиқи намудҳои гуногуни ҳамкорӣ ва самарабахшии он ба роҳ монда шудааст [184].

Тавре Горневале Д. нишон додааст, дар заминаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълими фосилавӣ омӯзгор бояд маҳорати махсус: дар оғози курс оҳанги заруриро муқаррар кунад, нагузорад, ки баҳси донишҷӯён танҳо дар асоси матни китоби дарсӣ сурат гирад, ҳамбастагии гурӯҳ ташаккул дода шавад, шинос кардани иштирокчиён, ба ҷуфтҳо ҷудо кардани онҳо, пешниҳоди супоришҳои гурӯҳӣ, ба донишҷӯён малакаҳои зарурии техникӣ ва идоракунии мубоҳисаро омӯзондан, фаъолиятҳое, аз қабили баҳс, овоздиҳӣ, мулоҳиза ва танқид истифода бурданро дошта бошад. Талаботи ҳатмӣ ба фаъолияти омӯзгор қобилияти кор бо васоити ахбори омма, фаҳмидани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи технология, малакаи идоракунии

инноватсионӣ, интихоб ва арзёбии интиқодӣ, истифодаи усулҳои омехтаи кор, масалан, якҷоя кардани мубоҳисаҳои суроғаи электронӣ, истифодаи маводи аудиовизуалӣ барои дастгирии робитаҳои иҷтимоӣ, азхуд кардани усулҳои ташкили ҳамкории байни донишҷӯён ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Ҳарчанд омӯзиши шифоҳӣ дар раванди таълим мавқеи пешсаф дошта бошад ҳам, роҳҳои интиқол ва дарки он тағйир меёбад. Омӯзгорон метавонанд дар табдил додани иттилоот ба дониш нақши калон бозанд [196]. Маҳз мавқеи омӯзгорон бояд муайян кунад, ки дар оянда таълим тавассути шабакаҳои компютерии дар маркази ҷараёни таълим муносибатҳои инсонӣ қарордошта татбиқ мешавад ё на [196, 197, 198].

Намунаҳои овардашуда аз таҷрибаи тадқиқотии мутахассисони хориҷӣ дар соҳаи татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим моро ба хулосае оварданд, ки ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосири таълим дар мактабҳои олӣ ба ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони оянда дар асоси муносибати нави таълим мушкилоти зиёд ба миён овардааст. Таҳлили интишорот оид ба назария ва амалияи инноватсионии маориф нишон медиҳад, ки ин масъалаҳо бо хусусиятҳои хоси ташкили кори педагогӣ, ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯ, душвориҳои тағйир додани таълим, раванди фаъолияти педагогӣ, тафаккури касбӣ, азнавсозии фаъолияти мазмуни омӯзгор ва донишҷӯ алоқаманд мебошад. Мушкилоти асосии раванди инноватсионӣ ва технологияи раванди таълим дар макотиби олӣ маҳз аз ҳамин иборат аст.

Равандҳои муосири инноватсионии таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти гузаштан ба типи нави омӯзгор – муаллим тадқиқотчӣ - амалкунандаро муайян кардаанд. Технологияи таълим категорияи мурофиавӣ буда, системаи муайянии фаъолиятро ифода мекунад. Ҷорӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионии муосир маънои тағйир додани на танҳо худи фаъолият ва воситаҳо ва механизмҳои хоси он, балки бозсозии назарраси ҳадафҳо, арзишҳо, самтҳо, дониш, маҳорат ва малакаҳои мушаххасро дорад.

Чунон ки Берге З. нишон дод, фаъолияти омӯзгор дар шароити технологияҳои инноватсионии мактаби олӣ хусусиятҳои нав пайдо мекунад. Омӯзгорон дар таъмини саводнокии инноватсионии донишҷӯён, ташаккули малакаҳои ҳамкорӣ ва тафаккури интиқодӣ нақши муҳим доранд. Инноватсиякунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа боиси тағйироти куллӣ дар сохтори ҳар як фаъолияти касбӣ , аз ҷумла педагогӣ мегардад [201]. Бино ба ақидаи Сластенин В.В. «Маҳоратҳои инноватсионӣ тадриҷан маҳоратҳои анъанавии меҳнатиро дур мекунанд, ки дар навбати худ аз ибтидои тарбияи омӯзгори оянда маҳорати муайян намудани самти дурусту саҳеҳро дар муҳити нави инноватсионӣ талаб мекунад» [146.с.56].

Дар илми равоншиносӣ маълум аст, ки ба вуҷуд омадани асбобу воситаҳои нави фаъолияти инсон, аз қабили компютер боиси пайдо шудани шаклҳои нави фаъолияти равонӣ, эҷодӣ мегардад, ки онҳоро метавон ҳамчун равандҳои инкишофи таърихии тафаккури инсон ҳисоб кард [158]. Бино ба қайди Л. Виготский, ба сохтори фаъолият дохил шудани асбоби нав тамоми сохтори рафтори ӯро аз нав месозад. Тарзи асосии азхудкунии асбоби нав аз он иборат аст, ки пеш аз ҳама, ба мантиқи амалҳое, ки ин восита муқаррар кардааст, тобеъ гардонидани амали худ ва баъдан ба мақсаду вазифаҳои ин фаъолият тобеъ гардонидани имкониятҳои нав ҷиҳати ноил гардидан ба натиҷаҳои ин фаъолият мебошад [26].

Дар асоси тадбир гузоштани ашё ва воситаи мавриди таҳқиқ инкишофи фаъолият ва тафаккури инсонро муайян намуда, боиси таҷаддуди одат, шаклу усулҳои он мегардад [6].

Омӯзгор бояд ба мукотибаи дидактикии асоснок мантиқи кори воситаи инноватсия ва мантиқи фаъолияти таълимро ворид намояд. Ҳар як воситаи инноватсионие, ки дар раванди таълим истифода мешавад, танҳо яке аз ҷузъҳои таркибии системаи педагогӣ мебошад. Дар системаи дидактикӣ ҷорӣ намудани воситаи нав маънои оғози азнавсозии системавии тамоми технологияи инноватсионии муосири таълимро дорад. Пеш аз ҳама, тамоми фаъолияти субъектҳои маориф дигаргун карда мешавад. Дар баробари ин, аз омӯзгор

чунин маҳорату сифатҳои касбӣ талаб карда мешавад, ки то ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосири таълим аз имкон берун буд. Намунаи феҳрасти онҳо барои технологияҳои инноватсионӣ - таълими фосилавӣ мебошад. Омӯзгоре, ки бо таълими фосилавӣ машғул аст, бояд маҳорати кор бо воситаҳои нави таълимӣ ва коммуникативиро дошта бошад, соҳиби иродаи мустаҳками равонӣ ва кор бо донишҷӯёни "бомаҳорат", "виртуалӣ" (бисёр вақт омӯзгор донишҷӯёнро дар тамоми давраи таҳсил намебинад); кор дар шароити вақти кори "номушаххас" (зеро саволҳо ба воситаи телефон ва почтаи электронӣ дар вақтҳои гуногуни рӯз дода мешаванд. Агар ҷавоб додан ба саволи донишҷӯ то 10-20 соат таъхир кунад, пас донишҷӯ тадриҷан аз омӯзиши фосилавӣ масофа ноумеду бепарво мешавад); доимо барои мубодилаи иттилоот бо донишҷӯён омода будан (ҳар рӯз 60-80 хабар аз 40 то 50 нафар донишҷӯ ба ҳар як омӯзгор); ҳавасманд кардани донишҷӯёни фаъол ва ҳамкории онҳо ҳангоми иҷрои супоришҳои таълимӣ; омода бошед, ки мундариҷаи фаннро зуд-зуд тағйир диҳед (то 2 маротиба дар як сол).

Аз ин рӯ, имрӯз метавон дар бораи ташаккули фарҳанги нави инноватсионии омӯзгор ҳарф зад. Асоси фарҳанги инноватсионии ӯ дониш дар бораи муҳити инноватсионӣ, қонунҳои фаъолияти он, қобилияти пайдо кардани самти мувофиқ дар ҷараёни инноватсия мебошад.

Фарҳанги технологияи инноватсионӣ роҳи беҳтарини коркарди аломатҳо, додаҳо, технологияи инноватсия ва пешниҳоди онҳо ба истеъмолкунандаи манфиатдор барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ва назариявӣ, механизмҳои такмили истеҳсолот, нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот, таҳияи усулҳои таълим, омода намудани шахс барои истифодаи самараноки воситаҳои ахбори умум ва инноватсия мебошад [69].

Маҳорати касбии аксари омӯзгорони макотиби олӣ кифоя набуда, ба талаботи инноватсионӣ ва технологияи инноватсионии маориф қисман ҷавобгӯ нест. Барои қисми зиёди омӯзгорони навкорон шакли ҳаваскорӣ, яъне дониш ва малакаи нисбатан сатҳии касбӣ доранд. Омӯзгорони навкор гуфта, мо омӯзгоронеро дар назар дорем, ки дорои ҳадди ақали таҷрибаи педагогӣ

мебошанд, ки дар шароити истифода набурдани технологияҳои инноватсионии муосири таълим ташаккул ёфтаанд. Аксарияти онҳо дорои таҷрибаи зарурии фаъолият буда, нақши иҷтимоии омӯзгор дар мактаби олиро хуб дарк кардаанд ва ба шароити инноватсионӣ ва технологияи инноватсионии таҳсилот мувофиқ нест. Дар баробари ин, муаллимони ботаҷриба худро ҳамчун як мутахассиси муваффақ тасаввур мекунанд. Албатта, муносибати касбии ин гуна муаллимонро тағйир додан лозим аст. Онҳо бояд мутмаин бошанд, ки тағйир додани мавқеҳои касбӣ дар асоси рушди технологияҳои инноватсионии муосири таълим натиҷаҳои фаъолияти педагогии онҳоро бадтар нагардонад, балки ба ҳалли масъалаи интиқоли маҳорати касбӣ, рушди шахсии омӯзгорон ва мувофиқи талабҳои нав ба дараҷаи баландтар расидани онҳо мусоидат намояд.

Ҳамзамон, рушди касбӣ, яъне раванди ташаккули фарҳанги касбӣ тавассути азхудкунии рафтор, меъёрҳои касбӣ, дониш, қобилият, малака, арзишҳо ва муносибати мусбат ба фаъолияти касбӣ аз ҷониби шахс сурат мегирад [136].

Проблемаи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба технологияи инноватсионии муосири таълим бо хусусиятҳои хоси ташкили ҳамкории педагогӣ, душвориҳои тағйир додани услуби фаъолияти педагогӣ, тафаккури касбии педагогӣ ба азнавсозии фаъолияти мушаххаси омӯзгори макотиби олӣ вобастааст.

Аз ин рӯ, масъулияти асосӣ барои тахассуси онҳо бояд худи омӯзгори макотиби олӣ бошад. Бинобар ин, вазифаи макотиби олӣ аз он иборат аст, ки ба омӯзгорон дар кори азхудкунии технологияи инноватсионии муосири таълим ёрии ташкилию педагогӣ расонад. Ин кӯмак, пеш аз ҳама, бояд аз ташкили модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгорон ба татбиқи ин ё он технологияи инноватсионии муосири таълим иборат бошад. Дар оянда фароҳам овардани шароит барои азхуд намудани системаи зарурии малака ва қобилияти технологӣ, тағйир додани тафаккури педагогӣ ва тафаккури касбии омӯзгорон вазифа гузошта шудааст. Дар баробари ин, таъминоти психологию

педагогии раванди азхуд кардани донишҳои нави умумии назариявӣ ва иҷтимоию технологии омӯзгорон, инчунин васеъ намудани доираи малака ва маҳорат, таъминоти моддии ин раванд шартан фаҳмида мешавад. Барои ин бояд стандартҳои маҳорат ва малака, маҷмӯи фаъолияти дар татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим зарурӣ, усулҳои нави кори гурӯҳӣ бо донишҷӯён дар заминаи муоширaт бо истифода аз воситаҳои муосири муошират ва технологияи инноватсионӣ коркард шаванд. Бояд гуфт, ки зарурати стандартҳо бо мавҷудияти душвориҳои ба худи омӯзгорон маълум дар муайян намудани номгӯи зарурии маҳорату малакаҳои стандартии ба сатҳи зарурии омодагӣ мувофиқ, ки бояд ба он ноил шаванд, шарҳ дода мешавад. Шубҳае нест, ки ин стандартҳо бо сабаби ҳаракатнокии технологияҳои инноватсионии муосири таълим муддати тӯлонӣ эътибор надоранд. Механизми коркард ва минбаъд тағйир додани онҳо бояд таҳия карда шавад.

Бешубҳа, омӯзгорони мактабҳои олӣ бояд дониши ибтидоии педагогиву психологӣ дошта бошанд, зеро асосҳои консептуалии технологияи азхудшаванда дар заминаи малакаҳои ибтидоии технологӣ дар иҷрои фаъолияти касбӣ, бошуурона бартараф намудани якрангӣ, ки ба татбиқи пурраи технологияи инноватсионӣ мусоидат мекунад, сурат мегирад. Вазифаи макотиби олӣ аз он иборат аст, ки шаклҳои гуногуни такмили донишҳои асосӣ ва ташаккул додани малакаҳои касбиро пешниҳод намояд. Аммо, чунон ки дар тадқиқоти баъзе олимон нишон дода шудааст [57,58,154], аксари омӯзгорон, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати равонӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим ҳамчун модели азхудшудаи фаъолият омода нестанд.

Ҳамаи ин зарурат ва кӯшиши мантиқан тавсиф намудани барномаи омодасозии омӯзгорони макотиби олиро барои татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим дар асоси воситаҳои инноватсияи муосир ҳамчун раванди пайдарпайии марҳилаҳои азхудкунии фаъолияти касбии омӯзгорон дар шароити нав муқаррар мекунад. Намудҳо ва усулҳои фаъолияти касбии омӯзгор дар заминаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба мо дар шакли моделҳои меъёрии рафтор ва усулҳои ҳалли

масъалаҳои педагогӣ, яъне татбиқ намудани намунаҳои фаъолият ба технологияҳои мувофиқи азхудшуда пешниҳод карда мешавад.

Хамин тавр, муносибати технологӣ ба ҳалли масъалаҳои амалии таълиму тарбия чӣ дар мактаби маълумоти умумӣ ва чӣ дар макотиби олӣ ҳанӯз пештар арзи вуҷуд карда бошад ҳам, аммо дар илми педагогӣ асос ва аз лиҳози назарӣ инкишоф наёфтааст. Дар натиҷаи инқилоби саноатӣ бисёр падидаҳои иҷтимоӣ саноатӣ шуданд. Самараи саноатикунонӣ технологикунонӣ, сипас компютерикунонӣ ва инноватсиякунонӣ соҳаҳои иҷтимоии ҷомеа гашт. Дар системаи макотиби олӣ ва муассисаҳои илмӣ, пеш аз ҳама, технологияҳои инноватсионӣ ҷорӣ карда мешаванд. Ба шарофати ин, макотиби олӣ хусусияти умумиҷаҳонӣ касб карда, дар асоси принсипҳои муттасилӣ, ошкорбаёнӣ ва технологияи инноватсионӣ бунёд мегардад. Дар системаи он муассисаҳои таълимии инноватсионӣ пайдо мешаванд, ки нақшаҳои нави таълимӣ, равишҳои технологии инноватсионии ташкили раванди таълимро дар асоси фаъолияти худ матраҳ менамоянд.

Ин боиси дар соҳаҳои мухталифи илмӣ истифода гардидани мафҳумҳое,ба монанди технологияи инноватсионии таълим, технологияҳои нави таълими инноватсионӣ ва ғайра гардид. Мо мундариҷаеро, ки муаллифони гуногун ин мафҳумҳоро таъриф намудаанд, таҳлил намуда, кӯшиш кардем, ки робита, тафовут ва таносуби методология, дидактика ва технологияро нишон дода, ба мафҳуми “технологияи инноватсионии муосири таълим” равшанӣ андозем.

Азбаски ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълим тамоми ҷанбаҳои ҷараёни таълимро ба таври назаррас тағйир медиҳад, принсипҳои анъанавии таълим мазмун ва ҳатто тафсири нав пайдо намуда, системаи онҳо вобаста ба гузариши педагогика дар давраи кибернетизатсияи онҳо васеътар мегардад ва аз омӯзгорони макотиби олӣ талаб карда мешавад, ки дар шароити нав ба кор омода гарданд. Дар иртибот ба гуфтаҳои боло вазифаи омода намудани омӯзгорони макотиби олӣ барои амалӣ намудани фаъолияти касбии

худ дар заминаи равиши технологӣ ба таълим, дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим ба миён меояд. Ҳамаи инҳо барои гузориши масъала дар боби оянда асос мегарад.

## 1.2. Моҳият ва мундариҷаи раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим

Равишҳое, ки мо дар ҷараёни таҳқиқ ва тарҳрезии раванди таълим истифода мебарем, системавӣ, синергетикӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, шахсӣ, фаъолият, экологӣ ва ғайра унвон гирифтаанд.

Муносибати систематикӣ имкон медиҳад, ки муассисаи таҳсилоти олиро ҳамчун системаи ҷудонашавандаи иҷтимоию педагогӣ дар робитаи зич ва таъсири мутақобилаи ҷузъҳои он баррасӣ намоем [70].

Муносибати синергетикӣ аз он иборат аст, ки маҳорати омӯзгорони макотиби олӣ ба ташаккули донишҳои муҳим ва системавӣ оид ба технологияи инноватсионии муосири таълим ҳамчун воситаи фаъолият, инчунин аз худ намудани синтези фарҳангҳои педагогии техникӣ ва гуманитарӣ равона карда шавад [119].

Мутобиқи равиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ омӯзгори макотиби олӣ ҳамчун субъекти меҳнат ҳамчун, ҷузъи зерсистемаи техникӣ ва технологии фарҳанги меҳнат ва истеҳсолот муаррифӣ мешавад [81].

Муносибати инфиродӣ тарҳрезӣ ва татбиқи раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба ҷорикунии технологияҳои инноватсионии муосири таълимро ба шахсияти омӯзгор ҳамчун субъект, объект ва натиҷаи ин раванд пешбинӣ менамояд. Эътироф намудани таҷрибаи касбии андӯхташудаи ҳар як омӯзгори макотиби олӣ, истифодаи онро ҳангоми сохтани нақшаи инфиродии таълим талаб мекунад, дар раванди омодагӣ ба нерӯи эҷодии шахсият ва фароҳам овардани шароити мувофиқро барои ин пешниҳод менамояд [173].

Муносибати фаъолона ҳамчун принсипи методологӣ гузаронидани омӯзгори омӯзандаро ба вазифаи субъекти маърифат, кори тарбиявӣ, фаъолияти

илмӣ ва муошират тақозо мекунад. Вазифаи макотиби олӣ аз ташкили ҳаёти мукаммали касбии ҷомеаи омӯзгорӣ-профессорӣ иборат аст [44].

Муносибати акмеологӣ маънои ба инобат гирифтани сатҳи рушди худ, такмили худ, худмуайянкуниро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла касбӣ - педагогиро дорад [32].

Муносибати бисёрсубъективӣ (диалогӣ) нерӯи мусбати омӯзгорро эътироф намуда, имкониятҳои васеи ӯро барои худшиносии касбӣ дар бар мегирад, ки танҳо дар ҷараёни муносибат бо аъзои ҷомеаи касбии педагогӣ, ки мувофиқи шакли муколама сохта мешаванд, инкишоф меёбад [94].

Муносибати фазоӣ бунёди муҳитеро дар назар дорад, ки ба мутобиқшавии омӯзгори макотиби олӣ ба технологияи инноватсионии таълимӣ дар макотиби олӣ қабулшуда мусоидат мекунад [68].

Равишҳои интихобшуда ғояҳои асосиеро муайян карданд, ки мо барои омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ҷиҳати татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим гузоштаем: макотиби олӣ иборат аз системаи педагогӣ мебошад, ки яке аз вазифаҳои он омодагӣ ва омодасозии омӯзгорон дар татбиқи технологияи инноватсионӣ дар ин муассисаи таълимӣ қабулшуда мебошад; натиҷаи иҷрои ин вазифа дар баробари фаъолияти мустақилонаи омӯзгорони макотиби олӣ дар ташаккули маҳорату малакаҳои касбӣ бо муаррифии ҳамгирои асосҳои гуманитарӣ ва техникӣ аз ҷониби омӯзгорони макотиби олӣ ҳамчун воситаи нави фаъолияти касбии онҳо инъикос меёбад. Принсипҳои пешбари ташкили фаъолияти омӯзгорони макотиби олӣ дар рушди технологияи инноватсионии таълим инҳоянд: ҳамкории идоракунӣ ва дастгирии ҳам омӯзгори алоҳида ва ҳам тамоми ҷомеаи омӯзгорони макотиби олӣ, тафриқа ва ҳамгирой дар ташкили шароит барои таълим ва мутобиқсозии онҳо; усул, восита, шакл ва мазмуни тайёр кардани омӯзгорони макотиби олӣ ба хусусиятҳои технологияи инноватсионии таълим вобаста аст.

Мақсади тадқиқоти мо муайян кардани моҳият ва таносуби равандҳои бозомузӣ ва омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ мебошад. Бозомӯзӣ мафҳуми умумии навъҳои гуногуни таҳсилот мебошад, ки ба тағйир ёфтани хусусият ва

мазмуни вазифаҳои касбӣ нигаронида шудааст. Он метавонад қисман дар натиҷаи азнавсозии раванди меҳнат ба вуҷуд омада бошад ё пурра, дар натиҷаи таназзули касби корманд ё якбора паст шудани талабот ба он ба амал ояд [57]. Бо назардошти он, ки омӯзгори макотиби олӣ дар ҷомеаи инноватсионӣ ба зарурати ҳалли вазифаҳои нави касбӣ, татбиқи равишҳои нав дар ташкили ҳамкории педагогӣ рӯ ба рӯ шудааст, бинобар хусусиятҳо ва имкониятҳои воситаҳои муосири инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ, бозомӯзӣ бояд ба ташаккул ва ғанӣ гардонидани донишу малакаи омӯзгори макотиби олӣ равона карда шавад. Муносибат, дониш ва малакаҳои ба омӯзгори макотиби олӣ барои иҷрои вазифаҳои мушаххас заруриро истилоҳи «бозомӯзӣ» ифода мекунад [57]. Аз муқоисаи ин мафҳумҳо маълум мегардад, ки такмилро қисми таркибии раванди бозомӯзӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Бозомӯзӣ, пеш аз ҳама, мундариҷаи фаъолиятро тағйир дода, таҷрибаи амалии онро ғанӣ мегардонад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии таълим дар доираи раванди бозомӯзӣ таъмини таҷдиди сохтори ҷузъи ҳавасмандӣ-арзишии шахсияти омӯзгори макотиби олӣ мебошад. Омӯзиш бояд омӯзгори макотиби олиро ҳамчун ҳолати субъективии шахсе, ки худро ба иҷрои ягон фаъолияти касбӣ қодир ва омода медонад ва барои иҷрои он саъй мекунад, ба сатҳи омодагии касбӣ расонад. Раванди бозомӯзии ҳамаҷониба ба ноил шудан ба омодагии объективии касбӣ нигаронида шудааст.

Тавре, ки М.Т. Громков изҳор медорад, фаъолияти касбиро бо дараҷаи самаранокии технологии он тавсиф кардан мумкин аст. Мувофиқи ин ақида, он метавонад ё ба таври қатъӣ танзим карда шавад, ё озод ва эҷодӣ бошад ё дар байни ин хусусиятҳо мавқеи мобайнӣ дошта бошад. Бо назардошти ин нуқта, мо метавонем фаъолияти омӯзгори макотиби олиро дар татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим дар шакли лоиҳае, ки ба ноил шудан ба натиҷаи самараноки таълим нигаронида шудааст, дида бароем, ки бо ёрии роҳнамову дастурҳои технологӣ ба таври ҷиддӣ танзим карда мешавад. Дараҷаи баландтарини технологии фаъолият маҳсулотеро дар назар дорад, ки ба намунаи додашуда комилан мувофиқат кунад [34].

Муносибати объективӣ ҳамчун хусусияти фаъолияти педагогӣ дар шароити иҷтимоӣ, дар алоқамандӣ бо воситаҳои фаъолияти омӯзгори макотиби олӣ, нақшаҳо, шаклҳои муошират, нақши иҷтимоии омӯзгор, ки дар раванди рушди иҷтимоӣ, арзишҳои касбии педагогӣ, меъёрҳои иҷтимоии фаъолият ва рафтори омӯзгор тағйир меёбад, зоҳир мегардад. Субъективии фаъолияти педагогӣ маънои мӯҳлатнокии шакли равонии фаъолияти равониро тавассути таҷрибаи гузашта, талабот, муносибат, эҳсосот, ҳадафҳо ва ангезаҳо, ки самт ва интихоби фаъолиятро муайян мекунанд, ифода мекунад. Субъективӣ ба ҳолатҳои гуногуни фаъолияти касбӣ хусусияти инфиродӣ мебахшад.

Фаъолияти педагогӣ, аслан, маҷмӯи амали бошууронаи омӯзгорони макотиби олӣ ва донишҷӯ мебошад. Фаҳмиш, огоҳӣ, идрок ҳамчун фаъолияти хоси омӯзгори макотиби олӣ дар тарҳрезии фаъолият ва инъикоси он дар бораи худи фаъолият, ки аз ҷониби М.Т.Громкова таҳқиқ гаштааст, ба мо имконият медиҳад, то ҷузъҳои сохтории раванди омӯзиши омӯзгорони макотиби олӣ ва принсипҳои ташкили барномаҳои таълимии инфиродиро, ки ба таъмини тағйирот ба ниёзҳои касбӣ, стандартҳои касбӣ, қобилиятҳои ӯ нигаронида шудаанд, баррасӣ намоем. Маҳз ҳамин, ба назари мо, яке аз натиҷаҳои асосии тайёрӣ мебошад.

Фаъолияти педагогӣ ва корҳои инфиродӣ дар нақшаҳои воқеӣ ва идеалӣ вуҷуд доранд ва аз лиҳози фаҳмиш байни ҳам алоқа доранд. Омӯзгори макотиби олӣ эҳтиёҷоти худро дарк мекунад, онҳоро ташаккул медиҳад, афзалиятҳоро тақсим мекунад ва ҳадафи фаъолиятро ба расмият медарорад. Эҳтиёҷотро бо меъёрҳо ва қобилиятҳои дохилӣ муқоиса мекунад. Баъдан, раванди гузариши фаҳмиш аз ботин ба зоҳир таҳмил меёбад, яъне шароитҳои беруние, ки барои ноил шудан ба ҳадаф мусоидат мекунанд ё монеъ мешаванд, омӯхта мешаванд. Ворид шудан ба воқеият бо қарори анҷом додани амали кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат, фаъолият, яъне худмуайянкунии субъекти фаъолият мавҷуд аст.

Дар беҳтарин ҳолат худшиносӣ, меъёрҳои дохилӣ, қоидаҳои рафтор суратгирифта, симоӣ мубодилаи мундариҷаи зеҳнӣ, эҳсосӣ, моддӣ таҳия карда мешавад. Дар баробари ин, огоҳӣ, саводнокии субъекти фаъолият зоҳир мегардад. Меъёрҳои интихобшуда бо ҳадаф ва қобилиятҳои худ муқоиса карда мешаванд. Раванди фаҳмиш, минбаъд, аз ботин ба зоҳир_мегузарад, вақте ки меъёрҳои берунии иҷтимоӣ-фарҳангии амалҳои касбӣ омӯхта мешаванд, меъёрҳои амалӣ ҷавобии шахсоне, ки бояд бо онҳо муошират намоянд, пешгӯӣ карда мешаванд ва дараҷаи номутобиқатии онҳо ва эҳтимолияти мутобиқ гаштани онҳо муқаррар карда мешаванд. Ин азхудкунии инноватсионии нав аст, ки меъёри фаъолият дар зерфарҳангро фаро мегирад ва дар он амалӣ пешбинишуда густариш меёбад [57].

Ташкили вазъи беҳтарин бо муқоисаи қобилиятҳои худ ва роҳи хуби расидан ба ҳадаф ба вуҷуд меояд. Аз тамоми усулҳои омӯхташуда барои вазъияти воқеӣ мувофиқтарин интихоб карда мешавад, усулҳои кор дар ин соҳаи фаъолият муқоиса ва дараҷаи ихтилофи онҳо ошкор карда мешавад.

Дар шуури омӯзгори макотиби олӣ талабот, меъёр ва қобилияти муайян ташаккул меёбад. Ӯ мувофиқи он амалҳои худро, ки дар ҷомеаи муайян ба зуҳур меоянд, идора мекунад, дар шуури худ устувор мегардонад, ҳолати нави шуурнокиро мутобиқ ба шароит ба вуҷуд меоварад. Ин марҳала, ба андешаи М.Т.Громкова, талабот, меъёр, қобилиятро афзоиш дода, онҳоро тарбия намуда, ба фаъолият омода месозад [34]. Ҳамин тариқ, аз мулоҳизарониҳои М.Т. Громкова, — механизми ба дараҷаи технологӣ расонидани фаъолияти омӯзгори макотиби олӣ тасаввур кардан мумкин аст. Андешаҳои муаллиф, ки мо дар таҳқиқоти худ ба ӯ пайравӣ мекунем, бар асоси равиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба фаъолияти омӯзгор асос ёфтааст.

Мувофиқи ин равиш, фаъолият сохтори иҷтимоист, ки ҳолати он бояд дар асоси амалҳоест, ки мукарраран истеҳсол гашта ва ин такрористеҳсолиро имкони таъмин карданро дорад. Ба гуфтаи Г.П. Шедровитский [187], шакли содатарини механизми такрористеҳсоли фаъолият интиқоли намунаҳои фаъолият мебошад.

Азбаски фаъолияти педагогӣ як падидаи иҷтимоию фарҳангӣ аст, он бояд дар шакли намунаҳо интиқол дода шавад. Дар мавриди масъалаи мо сухан дар бораи интиқоли намунаҳои фаъолияти педагогӣ меравад, ки дар шароити фарҳанги гуногуни педагогӣ ташаккул ёфтааст ва онро ба таври сегонаи «Фалсафаи таълим – сиёсати таълим – технологияи таълимӣ» ифода кардан мумкин аст [54, с.26].

Фарҳанги касбии педагогии омӯзгорони макотиби олӣ мафҳуми таҳсилоти мураккаби бонизомест, ки маҷмӯи ақидаҳои умумибашарӣ, самтҳои арзишҳои касбӣ ва хислатҳои шахсият, усулҳои маърифат ва технологияи гуманистии фаъолияти педагогӣ мебошад [59].

Баррасии технологияи инноватсионии муосири таълим дар заминаи фарҳанги педагогӣ барои ба муомилоти илмӣ ворид намудани мафҳуми фарҳанги технологияи инноватсионии омӯзгор имкон фароҳам овард. Зери мафҳуми фарҳанги технологияи инноватсионии омӯзгор фаҳмида мешавад: ҳамгироии тарбияи шахсӣ, ки арзишҳои инсондӯстонаи раванди педагогӣ ва самтёбии шахсии таркиби фаъолияти педагогӣ ва мафҳуми онро муайян менамояд; маҳорати педагогие, ки технологияи фаъолияти педагогиро инъикос намуда, барои оҷилан ба сатҳи технологӣ гузаштани ҳайати он мусоидат мекунад; шакли инфиродӣ ва эҷодии фаъолияти педагогӣ, ки мафҳуми фаъолияти касбию педагогӣ ва таҷассуми эҷодии онро нишон медиҳад. В.А. Сластенин, В. Мишенко, Н.Г.Руденко ҷузъҳои зерини фарҳанги технологиро ҷудо мекунанд: маърифатӣ, ҳавасмандӣ-арзишӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ, фардӣ-эҷодӣ. Таркибҳои сохтории муайяншуда, махсусан, дар ҷузъҳои функсионалии фарҳанг – назарӣ (гносеологӣ), тарҳрезӣ, меъёрӣ, инноватсионӣ ва инъикоскунанда ифода меёбанд [148].

Дар партави ин фаҳмиши фарҳанги касбии омӯзгори макотиби олӣ ғояи механизмҳои ташаккули шахсияти ӯ дар раванди фаъолият тағйир меёбад. Агар пештар чунин мепиндоштанд, ки рушди инсон дар натиҷаи азхуд кардани таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангии ӯ сурат мегирад, ки ҳамроҳ бо тағйирот ва табдили ин таҷриба амалӣ мегардад, ҳоло ба таври умум қабул

шудааст, ки шахс аз сабаби дидан ва дарк кардани шаклҳои мухталифи фаъолият, хоҳ индивидуалӣ, хоҳ якҷоя ва хоҳ коллективона инкишоф меёбад, ин шаклҳоро дигаргун месозад, худро ва фардияти худро дар ин раванд ифода мекунад. Бинобар ин, такмили ихтисоси омӯзгори макотиби олӣ, ки дар ҷараёни он намунаҳои фаъолияти педагогӣ азхуд карда мешавад, малака ҳосил мегардад, табдил дода мешавад ва дар шароити инноватсионии макотиби олӣ сурат мегиранд, ҳатман аз вазъи фарҳанги фаъолияти педагогӣ муайян карда мешавад.

Чунин тафсири рушди касбии омузгорони макотиби олӣ ба мо имкон медиҳад, ки афкори пешниҳодкардаи Г.П.Шедровитский дар бораи намунаи олии фаъолият ҳамчун намунае, ки имкон медиҳад ҳудуди он чизеро, ки инсоният дар ҳоли ҳозир азхуд кардааст, ҷудо ва объективӣ гардонад [187].

Ҳангоми равшан кардани мафҳуми «намуна» бояд ба назар гирифт, ки фаъолияти педагогӣ дар ҷомеа ва фарҳанг нақши махсус дорад. Вижагии муҳимаш дар он ифода мекунад, ки вай ба таҷдиди ин ё он намуди фаъолият, аз ҷумла, фаъолияти касбӣ нигаронида шудааст.

Г.П. Шедровитский [187] намунаро унсури асосии фарҳанг мешуморад. Намуна асоси зоҳирии фаъолият, тарзи пӯшидаи он, шакли одитарини мавҷудияти фаъолиятро нишон медиҳад. Дар баробари ин, усул - «чунин раванди мушаххаси фаъолиятест, ки дар он намуна таҷдид мешавад ва аз насл ба насл мегузарад, дар раванди ташаккули фаъолиятҳои фарҳангӣ-таърихӣ интиқол меёбад. Бар ин сабаб он хусусияти муташаккилӣ дорад» [187, с.31].

Чи тавре, ки Г.П.Шедровитский қайд мекунад, намуна ҳамчун шакли амалигардонии усули фаъолият сохтори меъёрии ҷараёни фаъолиятро тавсиф карда метавонад. Меъёрҳоро дар тасвирҳо, диаграммаҳо, дастурҳо, инчунин дар шакли «намунаҳои зинда» ифода кардан мумкин аст. Мавҷудияти меъёрҳои фаъолият дар шакли намуна зуҳури хоси ин мафҳум буда, барои тадқиқоти мо аҳамияти бунёдӣ дорад. Худи фаъолияти омӯзгори макотиби олӣ дар татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим ҳамчун намуна

барои интиқол бо мақсади бозомӯзии касбӣ ҷудо карда шуда, низоми фарҳангӣ ва меъёриро ифода менамояд ва тарҳи фаъолияти технологияи инноватсионии интиқолёбандаро ташкил медиҳад. Фаъолият на танҳо аз ин сохтор иборат аст, балки дар асоси он интишор ва инкишоф меёбад.

Меъёр дастури фаъолиятест, ки аз тасаввуроти фаъолияти оянда ва вазъи меъёрии ин тасаввурот муносибат, принсипҳо, мақсад, усул, методология, нақша, лоиҳа, технология, барнома иборат аст. Меъёри фарҳангӣ қоида, дастури дақиқ, намуна дар соҳаи ҳар гуна амал ё эҷодӣ ягон ашё мебошад. Аксари меъёрҳои иҷтимоии фарҳангие вуҷуд доранд, ки ба равандҳои иҷтимоии фарҳангӣ аз сабаби расмият пайдо кардан, яъне ба анъанаи муайяни фарҳангӣ табдил ёфтани онҳо таъсири муайян доранд [59, с.124].

Дараҷаи муаррифии меъёрҳо дар намуна метавонад гуногун бошад. Масалан, дар намуна методика аз ҳама бештар ва усул аз ҳама камтар зоҳир гаштааст. Аз ин рӯ, дар сурати интиқоли як намунаи фаъолият барои бозсозии он кори махсус лозим аст. Гузашта аз ин, на меъёрҳои алоҳида, балки сохторҳои мураккаб ба сурвти дигар интиқол меёбанд. Намунаҳо метавонанд вазифаи меъёрии худро иҷро кунанд, агар шахс дар асоси намунаҳо шаклҳои нав – намунаҳо эҷод кунад, дар ин сурат фаъолият ҳам такмил меёбад. Шахси асосие, ки робитаи байни меъёр ва сохтори меъёриро мукаррар ва амалӣ менамояд, фард мебошад. Ҳамин тариқ, намунаи фаъолияти педагогӣ сохтореро соҳиб мебошад, ки меъёрҳои фаъолиятро дар бар мегирад ва интиқоли бомуваффақияти намунаи фаъолият фарди ба таври бояду шояд омодашуаро тақозо мекунад [187].

Умуман, ки мақсади омодасозии омӯзгори макотиби олӣ омӯзонидани амалҳои касбӣ тибқи намуна, ба намунаи фаъолият дохил намудани мазмуни меъёрҳо, равишҳо, принсипҳо, мақсадҳо, усулҳо, методҳо, нақшаҳо, лоиҳаҳо, технологияҳо, барномаҳо, воситаву фанҳои нави меҳнат, ки дар он худшиносӣ, ташаккули меъёрҳо ва усулҳои фаъолият сурат мегирад, яъне раванди азхудкунии малака барои ҳалли мушкилоти касбӣ идома меёбад. Дар баробари ин, талабот, меъёр ва сатҳи муосири фарҳанги касбӣ барои

омӯзгори макотиби олӣ шароити берунӣ маҳсуб меёбад. Дар асоси ҳамин шароити берунӣ ӯ худмуайянкунӣ, меъёр ва усулҳои фаъолияти касбии худро ташаккул медиҳад.

Ба омӯзгорони мактаби олӣ омӯзонидани амалҳои касбӣ, ки ба шароити инноватсионикунонии таълим мувофиқ аст, боиси тағйири дараҷаи тахассус мегардад, ки дар воқеъ хусусияти хоси фаъолият аст. Ихтисоси баланди омӯзгори макотиби олӣ сифати баланди кори педагогии ӯро пешбинӣ мекунад, ки ин, пеш аз ҳама, дар самарабахшӣ, яъне дар натиҷаи фардии ҳар як донишҷӯ зуҳур меёбад. Сифати ҳар кор аз рӯйи дараҷаи иҷрои вазифаҳои касбӣ баҳо дода мешавад. Агар раванди педагогӣ дар асоси технологӣ таҳия шуда бошад, пас, вазифаи омӯзгори макотиби олӣ аз он иборат аст, ки раванди таълимро мувофиқи технологияи инноватсионӣ ташкил намуда, ба қадри имкон дақиқан онро амалӣ намояд. Дар шароити технологиякунонии таълим ин баробар ба дараҷаи омодасозии омӯзгори макотиби олӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии сифати фаъолияти педагогӣ ҳисобида мешавад.

Аз ин рӯ, самаранокии технологияи инноватсионии муосири таълим ба таври назаррас аз сифати татбиқи он аз ҷониби омӯзгорони макотиби олӣ вобаста аст. Бартарии раванди педагогӣ, сифати натиҷаи он аз худ намудани технологияи инноватсионии муосири таълимро на ба дараҷаи дониш, балки ба дараҷаи афкору ақида талаб мекунад. Аз ин рӯ, дар системаи тайёрӣ бояд масъалаи бартараф намудани камбудиҳои омодагии макотиби олӣ, ташкили раванди худомӯзии доимии омӯзгорони макотиби олӣ ҳал карда шавад.

Ҳама гуна фаъолияти касбӣ дар шароити стандартӣ ва муқаррарӣ ба субъекти он мувофиқи алгоритми муайян, яъне бо истифода аз пайдарпайии қадамҳое, ки барои ноил шудан ба ҳадафи фаъолият оварда мерасонанд, амалӣ карда мешавад. Дарвоқеъ, алгоритми азхудшуда барномаи аниқ кор кардашудаи амалҳост. Фаъолияти касбии педагогӣ, сарфи назар аз хусусияти эҷодиаш, аз рӯйи алгоритмҳои муайян сурат мегирад. Комилан равшан аст, ки ба мазмуни алгоритмҳои таҳияшудаи фаъолияти омӯзгори макотиби олӣ аз донишҳои андӯхтаи психологию педагогӣ, таҷрибаи шахсӣ, гирифтани

намунаҳо аз фаъолияти педагогии ҳамкорон, маҳорати бадастомада хусусияти ҳалли масъалаҳои педагогӣ ва умуман, вижагиҳои тафаккури педагогиро дошта бошад. Ҳамаи гуфтаҳои боло дар шакли ҳадафҳо, нақшаҳо, барномаҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои муайяни фаъолияти касбии педагогӣ, яъне дар шакли муқаррароти касбӣ зуҳур меёбанд.

Раванди инноватсионии таълим дар доираи технологияи муосир, тарҳрезӣ ва татбиқи он аз омӯзгор талаб мекунад, ки дониш, малака ва маҳорати нави касбӣ дошта бошад, аз баъзе қолабҳои устувор даст кашад. Стереотипия - ин қисме аз таҷрибаи гузашта аст, ки дар рафти иҷрои фаъолияти касбӣ ташаккул ёфта, ба тафаккури касбӣ ҳамчун қисми репродуктивии он дохил мешавад, тамоми ҷараёни тафаккурро танзим мекунад, майл дорад, ки худро ҳамчун ҷузъҳои репродуктивӣ дар ҳалли мушкилот нишон диҳад ва дар соҳаи муқаррарӣ барои субъекти фаъолият алоқаманд нест [127,с.132]. Ба ибораи дигар, раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим ба омӯзиши алгоритмҳои нави фаъолият иборат аст. Аз ин рӯ, мазмуни омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бояд боиси тағйироти сифатии фаъолияти касбӣ, яъне тағйир ёфтани муносибатҳои касбӣ гардад.

Ташкили тағйир додани муносибатҳои касбии омӯзгори мактаби олӣ омӯзиш ва ба назар гирифтани хусусиятҳои шахсӣ ва касбиро талаб мекунад. Тадқиқоти Риммингтон Г. [198] нишон дод, ки мутобиқшавии пурраи омӯзгори макотиби олӣ ба технологияҳои инноватсионии муосири таълимӣ берун аз шароити махсус ташкилшуда ва дар муддати на камтар аз 3-4 сол сурат мегирад.

Раванди махсус ташкилшудаи тағйир додани муқаррароти касбӣ ҷанбаи психологию педагогии омодасозии омӯзгорро дар бар мегирад, ки фаъолияти он дар шароити технологияҳои инноватсионии таълим амалӣ карда мешавад. Барномаи тайёрӣ (таҳти барнома мо нақшаи амал ва корро дар назар дорем) бояд қоидаҳои инфиродии муқаррароти мавҷудаи касбии омӯзгорро

дар «ибтидо»-и раванди таълим ба назар гирад. Ин муносибатҳои ибтидоиро бо муносибатҳои истинодӣ, ки омодасозии омӯзгорони макотиби олиро барои амалӣ намудани вазифаҳои таълимӣ муайян мекунанд, муқоиса кардан лозим аст. Моҳият ва мазмуни муқаррароти касбие, ки омӯзгорони макотиби олӣ дар ҷараёни омӯзиши қаблӣ ва ё дар ҷараёни фаъолияти мустақили педагогӣ ба даст овардааст, муайян намуда, бояд ин муқаррароти ибтидоиро бо муносибатҳои меъёрӣ, ки омодасозии омӯзгори макотиби олӣ барои амалӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосири таълим муайян мекунанд, муқоиса кардан лозим аст. Муқаррароте, ки бо намунаҳои меъёрӣ мухолифанд, метавонанд тағйир дода шаванд. Чӣ қадаре, ки шумораи намунаҳои аз рӯйи меъёр таҳияшуда пас аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба комёбии шахсии омӯзгорони макотиби олӣ табдил ёбад, ҳар қадар ки муқаррароти нобаробар барои омӯзгори макотиби олӣ боқӣ монад, ба ҳамон андоза раванди тайёриро самаранок арзёбӣ кардан мумкин аст.

Аз гуфтаҳои боло маълум аст, ки лаҳзаи асосии оғози механизми тағйир додани муносибатҳои касбии омӯзгорони макотиби олӣ ташхиси ҳолати ибтидоии онҳо мебошад. Ташхис бо ҷамъ овардани маълумот барои анҷоми ин амали муҳим оғоз меёбад. Љамъоварии мавод метавонад бо истифода аз тестҳо, сӯҳбатҳои инфиродӣ, саволномаҳо ба роҳ монда шавад. Аммо омӯзгорони макотиби олӣ, ки дорои таҷриба ва дониши педагогӣ мебошанд, аксар вақт дар ҷавобҳои худ кӯшиш мекунанд, ки аз меъёрҳои ғоявии рафтори касбӣ истифода баранд. Омӯзгори макотиби олӣ дар иҷрои амалҳои касбӣ дар шароити суст шудани назорат аз болои ислоҳ намудани ин амалҳо муносибати воқеӣ зоҳир менамояд. Барои фароҳам овардани чунин шароити педагогика воситаҳои муносиб дорад. Зуҳуроти муносибатҳои манфӣ барои ташхис замина фароҳам меорад ва дар асоси он барномаи инфиродии омодасозии омӯзгор дар татбиқи модели инноватсионии фаъолиятро эҷод кардан мумкин аст.

Таблитсаи 1.




**Ҷадвали 1.**

| № | Нақша | Татбиқ |
|---|---|---|
| 1. | Раванди инноватсионии таълим дар доираи технологияи муосир | 1. Самаранокии технологияи муосири таълим<br>2. Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии донишҷӯён<br>3. Роҳҳои ташаккул додани малакаҳои истифодаи технологияи муосир дар донишҷӯён |
| 2. | Технологиякунонии раванди таълим | 1. Татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ<br>2. Рушди дониш азхудкунии донишҷӯён |
| 3. | Вижагиҳои тафаккури педагогӣ | 1. Ивази таҷриба дар фаъолияти педагогӣ,<br>2. Истифодаи босамарӣ донишҳои психологию педагогӣ дар ташкили кори таълим<br>3. Фароҳам овардани шароит барои донишазхудкунӣ ва рушди фикрронии донишҷӯён |
| 4. | Стереотипия ҳамчун ҷузъҳои репродуктивӣ | 1. Технологияи муосир, тарҳрезӣ ва татбиқи он аз омӯзгор талаб мекунад, ки дониш, |

| | | |
|---|---|---|
| | | малака ва маҳорати нави касбӣ дошта бошад<br>2. Аз баъзе қолабҳо даст кашидан ва рӯй оварда ба навгониҳои соҳаи таълиму тарбия<br>3. Огаҳии пурра доштан аз истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионии таълим ва рушди маҳорати педагогӣ тавассути он. |

Пайдарпайии амалҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишудаи таълим аз банақшагирии натиҷаи таълим оғоз мешавад. Раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ дар татбиқи технологияҳои нави инноватсионӣ аз ҷониби омӯзгори макотиби олӣ ҳадафи худ қарор додани фарогирии моделҳои фаъолият аст, ки дар он маҷмӯи усулҳои нави фаъолият – технологияи инноватсионии муосири таълим дар асоси истифодаи технологияҳои муосир, воситаҳои технологияи инноватсионӣ ва алоқа пайдо мешавад. Омӯзиш бояд аз худ намудани меъёрҳои асосии моделро (принсипҳо, равишҳо, ҳадафҳо ва усулҳо) таъмин кунад. Ин бе кори махсус ташкилшуда оид ба ташаккули қобилияти фард оид ба муқаррар намудани алоқаи байни меъёрҳо ва фаъолияти меъёрӣ, ки ин вазифаи асосӣ дар раванди азхудкунии технологияи инноватсионии муосири таълим мебошад, имконнопазир аст. Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосири таълим на танҳо омӯзгорони макотиби олиро тақозо мекунад, ки технологияро дар сатҳи татбиқи он бомуваффақият аз худ кардаанд, балки омӯзгор - муҳаққиқонеро тақозо мекунад, ки таълимро бо ҳалли масъалаҳои мутобиқсозии технологияи таълим дар раванди таълими муосири макотиби олӣ пайвастаанд. Аз ин рӯ, на танҳо дар бораи ташаккули омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, балки дар бораи сатҳи самаранокии раванди таълим, ки намунаи натиҷаи раванди таълим мебошад, сухан рондан мумкин аст. Инкишофи самаранокии сатҳи раванди омодагӣ лаҳзаи ибтидоии ин раванд мебошад. Модели самаранокӣ, пеш аз ҳама, бо хусусиятҳои технологияи инноватсионии муосири таълимӣ муайян карда

мешавад ва аз ин рӯ, офариниши чунин модел бояд дар макотиби олӣ сурат гирад. Модел ба намунаи фаъолиятҳо оид ба татбиқи технологияи таълимие асос ёфтааст, ки ҳамчун маҷмӯи дастурҳои меъёрӣ дар шакли тавсифи равишҳо, принсипҳо, ҳадафҳо, роҳу усулҳо, нақшаҳое, ки барои риояи талаботи технологӣ дар таълим пешбинӣ шудаанд, асос ёфтааст. Набудани модел маънои имконнопазирии раванди мақсадноки таълимро дорад, зеро маҳз модели амалкунанда мазмуни таълимро барои ҳар як омӯзгори макотиби олӣ, шаклу усулҳои амалисозии раванди таълим ва роҳҳои назорати ноил шудан ба ҳадафи таълимро муайян мекунад. Раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ метавонад аз нуқтаи назари вақт ва хароҷоти сарфшуда беҳтарин набошад. Ҳамин тариқ, мавҷудияти модели сатҳи самаранокии раванди таълим шарти зарурии ташкилию педагогии таълими натиҷабахши омӯзгорони макотиби олӣ барои татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим мебошад.




Амали навбатӣ гузаронидани корҳои таҳлилӣ буда, аз омӯзиши хусусиятҳои таҷрибаи педагогии инфиродӣ – таҷрибаи кори педагогӣ, сатҳи омодагии умумипедагогӣ, таҷрибаи фаъолияти инноватсионӣ дар таълими донишҷӯён, корҳои методӣ, мавҷуд будани малакаи истифодаи воситаҳои муосири технологияи инноватсионӣ ва техникаи компютерӣ иборат аст. Азбаски хусусиятҳои таҷрибаи педагогӣ сифати муносибати омӯзгоронро ба навоварӣ муайян мекунанд, дар ин марҳила кор оид ба муайян намудани

муносибатҳои омӯзгор, ки ба азхудкунии шаклҳои нави фаъолият халал мерасонад, махсусан муҳим аст.

Муносибати маълумоти бадастомада оид ба хусусиятҳои таҷриба ва муқаррарот бо талабот нисбат ба омӯзгори макотиби олӣ, ки модели самаранокии раванди таълим муайян мекунад, барои тартиб додани нақшаи инфиродии таълим маводи фаровон медиҳад. Ин нақша бояд омӯзгорро барои ноил шудан ба дараҷаи муайяни омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ бо назардошти нақшаҳои омӯзгор оид ба такмили ихтисос равона намояд ва ин инкишофро дар асоси қолабҳои андрагогӣ ислоҳ намояд.

Вазифаи тағйир додани муқаррароти касбӣ, ки ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим халал мерасонад, бо интихоби шакл, усул ва воситаҳои мувофиқи таълими омӯзгорони макотиби олӣ дар давраи омодасозӣ ҳал карда мешавад. Интихоб чун ҳадафи тайёрӣ, ки дар шакли натиҷаи сатҳи муайян пешниҳод шудааст ва ҳам аз рӯи имкониятҳои макотиби олӣ муайян карда мешавад.

Шароит ва меъёри фаъолияти омӯзгори макотиби олӣ аз берун муқаррар карда мешавад, онҳоро дар раванди тайёрӣ доимӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Мақсади раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ин тағйир додани мавзӯи фаъолият, тағйир додани мавқеи касбӣ, яъне муқаррарот, алгоритмҳои фаъолият, инчунин ба даст овардани малакаҳои истифодаи воситаҳои инноватсионӣ ва коммуникативии муосир барои ҳалли мушкилоти касбӣ мебошад. Омӯзгори макотиби олӣ дар ин замина, ба назари мо, симои асосии интиқолӣ, бознигарӣ, гузариш, такрори тарзи нави фаъолият намунаи фаъолият мебошад.

Ҳангоми моделсозии намунаи фаъолияти омӯзгори макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим маълум гардид, ки моделсозӣ вазифаи умумикунонии худро дорад. Моделҳо ин фарзияҳо дар бораи объект мебошанд. Дар раванди моделсозӣ системаҳо тавассути тарҳрезии махсус, ки принсипҳои ташкил ва фаъолияти системаро такрор мекунанд, тақлид карда мешаванд. Ба ақидаи В.Штофф

модел системаи маънавӣ ё моддие мебошад, ки бо нишон додан ё дубора тавлид кардани объекти тадқиқот қобилияти ҷойи онро тавре ишғол карданро дорад, ки омӯзиши он дар бораи ин объект маълумоти нав медиҳад [185].

Ҳангоми таҳияи модел, мо принсипҳои асосии моделсозии зеринро истифода мебарем:

- ягонагии забон ва маънои графикӣ (ягонагии забон ва фикр – сохтор ва системанокӣ (коркарди модел бо назардошти хусусияти системавии объекти системавӣ ва сохтории он);

- ягонагии аёнӣ ва намоишӣ (дар модел маълумот дар шакли шифоҳӣ ва аёнӣ пешниҳод шудааст);

- мухтасарӣ (муаррифии инноватсионӣ муҳимтарин дар модел);

- хусусияти илмӣ ва баробарӣ (аломати илмии модел аз ҷиҳати мутобиқати он бо инъикоси асл муайян карда мешавад);
- муттаҳидсозии забони графикӣ (моделҳо танҳо бо алифбои графикӣ ифода карда мешаванд) [200].

Вақти коркарди натиҷаи модели тайёрӣ мо ҳамчун асос нишондиҳандаҳоеро, ки омодагӣ ё қобилияти азхудкунии омӯзгорони макотиби олиро тавсиф мекунанд интихоб карда, ба шакли дастури меъёрӣ ва роҳнамоҳо пешниҳод кардем. Чунин нишондиҳандаҳо аз рӯйи анъанавӣ дар педагогика ҳавасмандкунанда, маърифатӣ ва самаранокии амалиётӣ.

Нишондиҳандаи ҳавасмандкунанда маънои талаботи огоҳона ва кӯшиш барои ҳамгироии назария ва амалияи илми педагогика, афзалиятнокӣ ва пешбурди раванди таълим, муносибати мусбат ба фарҳанги технологияи инноватсионӣ ҳамчун ба сифати касбии худро дорад.

Нишондиҳандаи маърифатӣ азхудкунии маҷмӯи инноватсионионӣ, мафҳумҳо, ақидаҳо дар бораи ашё ва падидаҳои воқеияти педагогиро дорад.

Нишондиҳандаи фаъолияти самаранок малакаро ба сатҳи дониши умумигардонидашуда лозим медонад ва ин раванд имкон медиҳад, то онҳо дар амал истифода бурда шаванд.

Ҳамин тариқ, омӯзгорони макотиби олӣ барои аз худ намудани модели фаъолият бояд дорои системаи ангезаҳо, дониши зарурӣ ва дастурҳо барои амалигардонии фаъолияти таълимӣ дар шароити истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, малакаҳои дахлдори иттилоотию технологӣ дошта бошад. Мо ангезаҳо, дониш, маҳоратро ба умумипедагогӣ, иттилоотӣ - фарҳангӣ, навоварӣ ва коммуникативӣ ҷудо карда, ҳамин тариқ меъёрҳои самаранокии омодасозии омӯзгорон – умумипедагогӣ, иттилоотӣ - фарҳангӣ, навоварӣ - фарҳангӣ ва инноватсиониро муайян кардем.

Меъёри умумипедагогиро мо ба он сабаб ҷорӣ намудем, ки истифодаи бошууронаи воситаҳои нав, ки технологияи инноватсионии муосири таълим аст, танҳо дар сурати мавҷуд будани донишҳои умумии педагогӣ имконпазир аст. Омӯзгорони мактаби олӣ, ки васоити нави фаъолияти касбии худро азхудкунанда бояд асосҳои илмии татбиқи онҳоро донанд. Дониш доир ба асосҳои илмӣ, пеш аз ҳама, бо фанҳои умумипедагогӣ алоқаманд аст. Дар баробари ин, усулҳои хусусии таълими фанҳои алоҳида мавқеи дуюмдараҷа касб мекунанд. Муносибати назария бо намунаҳои фаъолияти мушоҳидашаванда ба омӯзгори макотиби олӣ имкон медиҳад, ки аҳамияти амалии пешниҳодҳои назариявиро бинад ва зарурати истифодаи онҳоро дар фаъолияти касбии худ муайян намоянд. Ташкил намудани фаъолият дар асоси комёбиҳои афкори педагогӣ имкон медиҳад, ки таҳлили илмии таҷрибаи педагогӣ гузаронида шавад ва барои дур шудан аз қолабҳои кӯҳнашуда ёрӣ расонад.

Меъёри омодагии инноватсионӣ-фарҳангӣ аз он ҷиҳат мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ки омӯзгори макотиби олӣ роҷеъ ба асосҳои фарҳанги инноватсионӣ, яъне муҳити инноватсионӣ, қонунҳои фаъолияти он, қобилияти самтёбӣ дар ҷараёнҳои инноватсионӣ донишдошта хеле зарур аст.

Ҷузъи инноватсионию фарҳангии натиҷаи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ дар фаъолсозии субъекти омодагӣ аҳамияти калон дорад, ба

баланд бардоштани таъсирпазирии ӯ аз чизҳои нав мусоидат мекунад. Маҳс фаъолияти инноватсионӣ мавқеи педагогии омӯзгори макотиби олиро тағйир дода, муносибатҳои касбӣ, шахсӣ, ғояҳо, мақсадҳо, ҷузъҳои амалии фаъолияти ӯро иваз менамояд, мо онҳоро муҳимтарин натиҷаи омодагӣ мешуморем. Фаъолияти навоварона зуҳуроти фаъолияти иловагии шахсияти омӯзгорони макотиби олӣ мебошад. Он барои берун баромадани субъекти фаъолият аз ҳудуди фаъолияти ибтидоӣ, меъёрӣ, ки омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ – тадқиқотчиёни раванди таълимӣ аз ҷиҳати технологӣ ташкилшуда зарур аст, мусоидат мекунад [159].

Меъёри коммуникативиро мо аз он сабаб ҷорӣ мекунем, ки дар раванди истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим мушкили асосии омӯзгори макотиби олӣ ташкили ҳамкории таълимӣ мебошад ва маълум аст, ки он дар раванди муошират ба амал меояд. Азбаски муошират бо ёрии васоити инноватсионию коммуникатсионии муосир хусусияту мушкилоти хоси худро дорад, бинобар ин бартараф намудани ин мушкилот муҳимтарин натиҷаи омодагии омӯзгорон мебошад.

Модели натиҷаи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ талаботро нисбат ба фаъолияти омӯзгори дар шароити истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим фаъолияткунанда инъикос намуда, мавҷудияти сатҳи гуногуни тайёриро дар назар дорад.

Пеш аз гузаштан ба тавсифи ин сатҳҳо ба хусусиятҳои модели асосии натиҷаи омӯзиш, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст, таваққуф мекунем.

**Ташаккули тафаккури эҷодии омӯзгорони макотиби олӣ дар технологияи инноватсионӣ (мутобиқ ба моҳи октябри соли 2018)**

Ҷадвали 2.

| № | **Истифодаи технологияи инноватсионӣ** (технологияи инноватсионии муосири таълим) | **Натиҷаи иҷроиш** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **дар сатҳи баланд** | **дар сатҳи миёна** | **дар сатҳи паст** |
| **1.** | Омодасозии омӯзгорони макотиби олиро | | | + |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | барои татбиқи таълими электронӣ дар шакли маҷмӯи системавии мақсадҳо, донишҳо ва малакаҳои татбиқи захираҳои касбӣ дар заминаи ҳамкории мустақилонаи онҳо бо дастгирии техникии таълими электронӣ | | | |
| **2.** | Вазъи истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим барои донишҷӯёни ихтисосҳои технология, телекоммуникатсия ва технологияҳои иттилоотӣ, математика ва кибернетика | + | | |
| **3.** | Роҳҳои баланд бардоштани дониши касбии мутахассисони оянда тавассути технологияи инноватсионии таълим | | + | |
| **4.** | Ҷорӣ намудани технологияҳои нав ҳатман ба зарурати ташаккули тафаккури инноватсионии омӯзгорони макотиби олӣ | | + | |
| **5.** | Татбиқи донишҳои назариявӣ дар амалӣ | | + | |
| **6.** | Эҷодӣ технологияи таълим тарҳрезӣ ва татбиқи раванди педагогӣ | | + | |
| **7.** | Масъалаҳои педагогии раванди инноватсионикунонӣ ва технологиякунонии таълим | | | + |
| **8.** | Қобилияти пешбурди фаъолияти инноватсионӣ, муносибати мусбат ба равандҳои инноватсионӣ ва фарҳанги инноватсионӣ | | + | |

Ба назари мо, технологияи инноватсионии муосири таълим усули системавии эҷод ва татбиқи таълими электронӣ бо шаклҳои қабулкунанда

ва интерактивии он бо назардошти захираҳои техникӣ ва инсонӣ ва ҳамкории онҳо мебошад, ки ҳадафи он беҳтар намудани шаклҳои таълим мебошад. Мо натиҷаи омодасозии омӯзгорони макотиби олиро барои татбиқи таълими электронӣ дар шакли маҷмӯи системавии мақсадҳо, донишҳо ва малакаҳои татбиқи захираҳои касбӣ дар заминаи ҳамкории муташаккилонаи онҳо бо дастгирии техникии таълими электронӣ нишон додем. Бояд қайд кард, ки модели мо танҳо он малака ва донишҳоеро дар бар мегирад, ки дар ҳолати кунунӣ истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва воситаҳои коммуникатсионӣ барои мақсадҳои педагогӣ мувофиқат мекунанд. Мо модели мазкурро асоси ташаккули моделҳои самаранокии раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ дар татбиқи ҳама гуна технологияҳои инноватсионии муосири таълим мешуморем.

Меъёри умумипедагогии натиҷаи омодагиро ҷорӣ намуда, мо ба он такя кардем, ки омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ягонагии назария ва таҷрибаро дар фаъолияти амалии омӯзгори макотиби олӣ таъмин менамояд. Таъмини ин ягонагӣ, махсусан, дар шароити ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълим дар амалияи омӯзгорӣ муҳим аст. Назарияи педагогӣ қонуниятҳои умумии раванди педагогӣ, асоси ғояҳои пешбарандаи онро ошкор мекунад. Азбаски эҷоди технологияи инноватсионии таълим тарҳрезӣ ва татбиқи раванди педагогиро дар заминаи муайяни консептуалӣ сохташударо дар бар мегирад, омӯзгорони макотиби олӣ метавонад ин асоси консептуалиро тавассути аз худ кардани назария ва мафҳумҳои муосири педагогӣ дар бораи раванди педагогӣ дарк кунад. Ин фаҳмиш ба омӯзгори макотиби олӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти худро мустақилона таҳлил намуда, масъалаҳои педагогиро дар раванди иинноватсионикунонӣ ва технологиякунонии таълим дида, роҳҳои самарабахши ҳалли масъалаҳои педагогиро, ки дар рафти кори амалӣ ба миён меоянд, пайдо кунанд. Амалияи татбиқи технологияи инноватсионии таълим ҳамчун як соҳаи илми педагогӣ чун воситаи татбиқ ва дар айни замон манбаи рушди технологияи инноватсионии муосири таълим хизмат мекунад. Татбиқи назария дар таҷрибаи шахсии омӯзгори макотиби олӣ

асоси тағйир додани шуури касбӣ, муносибатҳои касбии ӯ ва ташаккули муносибати мусбат нисбат ба ғояи технологияи ҷараёни таълим дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим мебошад. Азхудкунии системаи донишҳои педагогӣ шарти ҳатмӣ барои таҳияи ҷузъи амалӣ – самаранокии натиҷаи омодагӣ, инчунин омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба субъекти фаъолияти касбӣ дар татбиқи муносибати инноватсионии технологии таълими донишҷӯён мебошад. Азхудкунии донишҳои умумипедагогӣ ба рушди касбӣ ва шахсии омӯзгори макотиби олӣ ва маънои субъективӣ бахшидан ба натиҷаҳои аз ин рушд ҳосилнамуда мусоидат мекунад.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, ки дар ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосир дар раванди таълим таҷриба доранд, гувоҳӣ медиҳад, ки консепсияи раванди таълим дар асоси истифодаи ин техника тағйир меёбад. Консепсияи қаблӣ, ки ба низоми анъанавии таълим мувофиқ мебошад, дар асоси пешниҳоди ҳадафи таълим дар шакли азхудкунии системаи дониш ва малакаҳои касбӣ аз тарафи донишҷӯён асос ёфтааст. Миёни имкониятҳои техникаи компютерии ба ташаккули тафаккури донишҷӯ, майлу хоҳиши ба ҷустуҷӯи низоми алоқа ва шаклҳои тафаккури компютерӣ нигаронидашуда зиддиятҳое ба мушоҳида мерасад. Дар баробари ин, тафовут дар он зоҳир мешавад, ки барои ташаккули суннатӣ матни чопӣ ё воситаҳои техникии муқаррарӣ истифода мегардад.

Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосири таълим, фаҳмиш, равандҳои равонии идрок, хотира ва эҳсосотро ба таври назаррас тағйир медиҳад. Технологияҳои омӯзиш бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ маънои истилоҳи “дониш”-ро ба таври назаррас тағйир медиҳанд. Ба ҷои ҷамъ кардани дониш дар хотираи инсон раванди дастрасӣ ба инноватсия муҳимтар мегардад.

Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ҳатман ба зарурати ташаккули тафаккури инноватсионии омӯзгорон, қобилияти пешбурди фаъолияти инноватсионӣ, муносибати мусбат ба равандҳои инноватсионӣ ва

умуман фарҳанги инноватсионӣ оварда мерасонад. Меъёри инноватсионӣ – фарҳангии натиҷаи омодагӣ ба модел ҳамчун қисмате дохил карда шудааст, ки аз ҷониби омӯзгор қабули технологияи таълим ҳамчун навоварие, ки дар муҳити инноватсионии ҷомеаи муосир аҳамияти хоса пайдо кардааст, таъмин менамояд. Фаъолияти таълимии омӯзгорони макотиби олӣ дар ин муҳит аз таҷрибаи ҳамагонӣ ва анъанаҳои фарҳангии давраи гузаштаи инкишофи маориф фарқ мекунад. Технологияи инноватсионии таълим навовариест, ки унсури нави нисбатан устуворро ба ҷомеаи касбии педагогӣ ворид мекунад ва аслан, маҷмӯи ғояҳо ва амалҳои тарбиявиро ифода мекунад, ки нисбатан нав ва қаблан номаълум буда, аз ғояҳои мутобиқшуда, такмилёфта ё аз нав ташаккулёфта иборатанд. Омӯзгори макотиби олӣ бояд механизми истифодабарии инноватсия – навовариро ҳамчун раванди аз як ҳолати сифатӣ ба ҳолати дигар гузаштани системаи таълим ба ҳаракат дарорад ва иҷрои онро таъмин намояд. Гузариш инчунин интиқолро дар бар мегирад, ки идоракунии ин равандро дар назар дорад, яъне ин равандҳои таҳрикдиҳанда ва назоратшаванда мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзгори макотиби олӣ бояд ба зарурати навоварӣ дар шакли технологияи инноватсионии таълим итминон дошта бошад, ба таълим бо истифода аз технология эҳтиёҷи мувофиқ дошта бошад, тавонад ва омода бошад, ки имкониятҳои технологияро барои босуръат пеш бурдани раванди таълими донишҷӯён пурра истифода барад. Ҳар як омӯзгори мактаби олӣ бояд чунин шароити корие дошта бошад, ки дар он модели раванди таълим аз мактаби олии умумӣ фарқ карда, мазмуни дигари кори омӯзгор ҷустуҷӯ ва воситаю усулҳои нави фаъолияташ ҷорӣ гардад. Ин омодагӣ мавҷудияти низоми ангезаҳои мувофиқ, дониш, малакаи истифодаи қонунҳои технологияҳои инноватсионӣ ҷорӣ намудани навовариро бо ёрии технологияҳои иҷтимоӣ, зарурати дар равандҳои инноватсионӣ иштироки шахсро пешбинӣ мекунад. Татбиқи худ дар равандҳои инноватсионӣ барои омӯзгори макотиби олӣ на азхудкунии таҷрибаи касе, балки маънои сохтани таҷрибаи худро дорад, ки ба шароити инноватсионии фаъолият мувофиқ аст.

Меъёри инноватсионӣ – фарҳангии натиҷаи раванди омодасозӣ маънои қабули имконониятҳои воситаҳои инноватсионӣ ва коммуникатсиониро дар фаъолияти педагогӣ дорад, ки ба дониши хусусияти дидактикӣ ва вазифаҳои воситаҳои муосири инноватсионӣ, хусусиятҳои раванди дидактикӣ ҳамчун инноватсионӣ, яъне қобилияти идоракунии қатъии ба даст овардани инноватсионии таълимӣ бо ёрии воситаҳои технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионии муосир, системаҳои малакаи истифодаи компютерҳо ва воситаҳои коммуникатсионии муосир бо мақсади таълим, муносибати арзишманд ба фарҳанги иттилоотӣ мебошад.

Омодасозии омӯзгори мактаби олӣ дар шароити истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ки дар заминаи истифодаи коммуникатсия ва телекоммуникатсияи муосир сохташуда, пеш аз ҳама, ба он равона карда шудааст, ки қобилияти ҷорикунии муколамаи таълимиро ҳамчун асоси ҳама гуна технологияи ба шахсият нигаронидашудаи таълим дорад. Муколамаи таълимӣ яке аз усулҳои душвортарини таълим буда, ҷузъи муҳими фарҳанги касбии омӯзгори макотиби олӣ мебошад. Дар шароити истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим муколамаи таълимӣ мазмуну ҳадафи комилан нав пайдо мекунад.

Омӯзиш бо истифода аз системаҳои технологияи инноватсионӣ муколамаи таълимиро дар вақти воқеӣ таъмин менамояд. Хусусияти алоқаи баръакс дар он аст, ки он на танҳо таҳти назорат, балки дар раванди азхудкунии дониш низ сурат мегирад. Чунин муколама усулан аз муколама ҳамчун тарзи муоширати байни одамон ба куллӣ фарқ мекунад. Муколамаи анъанавӣ, пеш аз ҳама, инкишофи мавзӯъ, мавқеъ, нуқтаи назар тавассути кӯшиши муштараки ду ё зиёда шахсон мебошад. Мубодилаи якҷояи афкор аз рӯйи маъноҳое, ки дар рафти муколама ба вуҷуд меоянд, муайян карда мешавад. Воситаҳои техникӣ ба монанди компютер муоширатро тақлид карда, ба муколамаи ҳақиқӣ монеъ мешаванд. Аслан, ҳеҷ гуна муколама бо маҷмӯи иттилооти расмӣ вуҷуд надорад. Реҷаи ба истилоҳ муколамавӣ шакли пайдарпайӣ ё миқдори иттилооти додашаванда мебошад. Масалан, ҳангоми таълим тавассути

шабакаҳои интернетӣ ҳолати маъмулии фаъолият ин речаи муколамавии омӯзиш ё омӯзиши мутақобила маҳсуб меёбад, ки омӯзгор гӯё бо донишҷӯ дар як сатҳ қарор мегирад ва бо ӯ маводи навро меомӯзад ва чунин таассуроте ба вуҷуд меорад, ки он низ барои ӯ номаълум аст. Ин, пеш аз ҳама, дар сурати баргузор намудни низоми видеоконфронс ба вуҷуд меояд. Вақте ки омӯзгор аз донишҷӯ суол мекунад ва донишҷӯёне, ки ин масъаларо беҳтар дарк мекунанд, ба ӯ ҷавоб медиҳанд, натиҷаҳои ин равшантар ошкор мегарданд. Дар навбати дигар, нақшҳо метавонанд иваз шаванд. Ба омӯзгори макотиби олӣ зарур аст, ки хусусиятҳо ва имкониятҳои бунёдии муоширатро бо ёрии техникаи компютерӣ ва телекоммуникатсия маърифат намуда, барои истифодаи самараноки технологияи инноватсионии муосири таълими донишҷӯён дар ҳамкории ҳамдигарӣ ва дар асоси донистани далелҳо кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар ҷараёни татбиқи шаклҳои муошират дар низоми нави «Одам-мошин», вижагиҳои муошират дар шароити таълими маҷозӣ, аз воситаҳои инноватсионии муосир барои ташкили ҳамкории таълимӣ истифода бурда тавонад.

Меъёрҳои мазкур натиҷаҳои омодагиро ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим ҷамъбаст мекунанд, зеро таркиб ва мундариҷаи онҳо ба таърифи технологияи инноватсионии муосири таълим, ки мо ҷорӣ кардаем, комилан мувофиқат мекунанд ва ба таҷрибаи инноватсионии маорифи дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷамъоваришуда мухолифат намекунанд.

Модели асосии сохташудаи натиҷаи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ дар татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим асосан барои модели натиҷаи омодагӣ барои технологияи «Эҷод» мебошад, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Натиҷаи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи «Эҷод» дар раванди таълим**

**Ҷадвали 3.**

| № | Пурсишнома оид ба омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба ташкили технологияи "Эҷод" дар раванди таълим. Саволҳо | Ҷавобҳои озмудашавандагон: ҳа | Ҷавобҳои озмудашавандагон: не |
|---|---|---|---|
| 1. | Шумо аз мафҳуми "Эҷод" бархӯрдор ҳастед? | | **не** |
| 2. | Шумо технологияи "Эҷод"-ро кай ва дар кадом намуди дарсатон истифода намудед? | назариявӣ | |
| 3. | Оё истифодаи технологияи "Эҷод" ба талаботи низоми кредитии таҳсилот (намуди таҳсили имрӯзаи донишҷӯён) мувофиқ аст? | **ҳа** | |
| 4. | Шумо боре барои омӯзиши технологияи "Эҷод" ба такмили ихтисос иштирок кардаед? | | **не** |
| 5. | Аз мафҳумҳои асосии технологияи "Эҷод" огаҳӣ пайдо намудаед? | | **не** |
| 6. | Оё истифодаи технологияи "Эҷод" ба касбияти донишҷӯён таъсири амиқ расонида метавонад? | | намедонам |
| 7. | Ба ақидаи Шумо истифодаи технологияи "Эҷод" дар раванди таълим ба инкишофи тафаккури эҷодии донишҷӯён саҳм гузошта метавонад? | намедонам чӣ гуна | **не** |
| 8. | Истифодаи технологияи "Эҷод" аз низоми таълими анъанавӣ бартарӣ дорад? | **ҳа** | |
| 9. | Ба ақидаи Шумо низоми анъанавии таълим хубтар аст, ё низоми технологияи инноватсионии муосири таълим? | Технологияи инноватсионии муосири таълим | |
| 10. | Ба ақидаи Шумо технологияи "Эҷод"бештар аз ҷониби омӯзгори макотиби олӣ истифода мешавад, ё донишҷӯёни аудитория | омӯзгор | Бояд донишҷӯ |

Модели натиҷаи омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба татбиқи технологияи «Эҷод», ки дар ҷадвали 3 пешниҳод шудааст, дорои унсурҳои

намунаи фаъолият оид ба истифодаи амалии технологияи мазкур мебошад, ки дар шакли дастурҳои меъёрӣ ва асосҳои муносибат ба ташкили раванди таълим пешниҳод шудаанд. Мутобиқи ин талабот омӯзгори макотиби олӣ бояд принсипҳои асосии таълим аз рӯи технологияи инноватсионӣ – банақшагирии инфиродии таълимӣ, кӯшишҳои академӣ, таълими виртуалӣ-тренингиро донад. Истифода бурдани шаклҳои таълим – луғат, алгоритмӣ ва модулиро донад. Малакаи корбасти воситаҳои таълим – китоби дарсӣ кори принтер, сабти лексияҳои видеоӣ, маводҳои таълимии деворӣ, барномаҳои таълимии компютерӣ дар шакли супертюторҳо,тренингҳои дастаҷамъона, телевизиони интерактивӣ, лексияҳои проблемавӣ, корҳои курсии хаттӣ ва шифоҳӣ, таҷрибаҳо, аз ҷумла шумораи семинарҳои байналмилалӣ, проблемавӣ, семинарҳо, санҷишҳои тестӣ, тест - ҳунарҳои компютериро дошта бошад.

Мо эътимоднокии ин моделро баҳогузорӣ намудем, ки барои он бо истифода аз саволномаҳо ва пурсишҳои омӯзгорони макотиби олӣ “образи идеалии муваффақ” ва “образи омӯзгори нисбатан каммуваффақ”-ро ташаккул додем. Маводи таҷрибавии тадқиқот инчунин натиҷаҳои худбаҳодиҳии сатҳи инкишофи сифатҳои омӯзгор буд.

Таҳлили таносуби байни сатҳи дастовардҳои намуна-стандарти омӯзгорони муваффақ ва каммуваффақ ва нишондиҳандаҳои қиёсии модели намунавӣ ба мо имкон дод, ки ба хулосае оем, ки байни сатҳи натиҷаҳои омӯзгорони муваффақ ва каммуваффақ тафовути назаррас вуҷуд дорад. Ин далели равшани мавҷудияти тафриқа байни образи омӯзгорони муваффақ ва каммуваффақ аст ва дурустии моделро тасдиқ мекунад. Дар баробари ин, дар байни сатҳи натиҷаҳои омодасозии омӯзгорони муваффақ ва модели намунавӣ шабоҳати зиёд вуҷуд дорад, ки имкон дод ба хулосае оем, ки талабот ба омӯзгорон дар модели натиҷаи омодасозии тартибдодаи мо ҳаматарафа ва пурра инъикос ёфтааст.

**Расми 1.**




Аз пурсишҳои дар ҷадвали боло овардашуда бар меояд, ки истифодаи технологияи “Эҷод” дар ҷараёни таълимро аксар омӯзгорон ба таври худ дарк намудаанд ва натиҷаи он чунин аст: аз мафҳуми технологияи “Эҷод” бархӯрдор ҳастанд – 11%, дар ҷараёни таълим аз технологияи “Эҷод”” истифода мебаранд – 9%, истифодаи технологияи “Эҷод” дар раванди таълим ба инкишофи тафаккури эҷодии донишҷӯён – 19%, мавқеи низоми технологикунонии таълим ба рушди касбияти омӯзгорон – 31%, аз такмили ихтисос оид ба истифода технологияи “Эҷод” дар ҷараёни таълим, гузаштаанд – 12% аз истифодаи технологияи “Эҷод” дар ҷараёни таълим бархӯрдор нестанд – 18% мебошанд.

Модели таҳияшуда имкон медиҳад, ки шароити педагогӣ барои омодасозӣ ташкил карда, механизмҳои воқеии идоракунии сифати раванди омодасозӣ фароҳам оварда шаванд. Моделсозии пешниҳодшудаи раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ имкон медиҳад:

• Самаранокии фаъолияти касбии омӯзгорони макотиби олӣ дар шароити истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим баҳогузорӣ карда шавад.

• Банақшагирии омодасозии омӯзгори макотиби олӣ мувофиқ ба талаботи технологияҳои инноватсионии муосири таълим ҷорӣ карда шавад.

Таъйин кардани раванди омодасозӣ кафолати ҳадди пасти эҳтимолияти муваффақияти донишҷӯён мебошад. Мисли ҳама гуна чараёни педагогӣ он моҳияти стохастикӣ дорад, ки дар он ба ақидаи В.П.Зинченко ақл ва ирода тобеи пешгӯӣ нестанд [45, с.61].

Банақшагирии натиҷаҳои таълимро метавон бо забони таксономия, мақсадҳои аз ҷиҳати ташхис ва амалиёт муқарраршуда, забони системаи малакаҳои мушаххас ва модели натиҷаҳо ба роҳ монд [162]. Мо варианти сеюмро интихоб мекунем, зеро он ба консепсияи қабулшудаи азхудкунии шакли муайяни иҷтимоию фарҳангии фаъолияти омӯзгори омӯзгори макотиби олӣ мувофиқат мекунад. Аз сабаби номуайянии ҳама гуна системаи башардӯстона, банақшагирии натиҷаҳои омодасозӣ метавонад танҳо хусусияти эҳтимолият дошта бошад. Банақшагирии омориро барои ташхиси ҳолати кунунӣ дар шакли системаҳои буриш_истифода кардан мумкин аст.

Нишондиҳандаҳои самаранокии раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ сатҳи натиҷаи омодагии банақшагирифта дар марҳалаҳои гуногуни ин раванд мебошанд. Мо дараҷаҳои натиҷаҳои пешбинишударо: минималӣ, умумӣ ва пешрафта ном ниҳодем. Чунин сатҳҳо ба истилоҳоте, ки дар бисёр кишварҳо қабул шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар асл истилоҳоти минималӣ, умумӣ, пешрафтаро инъикос мекунанд [15].

Азбаски мо омодасозиро ҳамчун раванди педагогӣ, яъне ба таври махсус ташкилшуда мешуморем, зарур аст, ки асосҳои илмии самаранокии сезинагии ин равандро, ки мо ҷорӣ кардем, баррасӣ намоем.

Мавҷудияти ҳадафҳои инкишофи касбӣ дар омӯзгорони макотиби олӣ, завқ ва талабот ба ташаккули донишҳои зарурӣ ва системавӣ оид ба технология ҳамчун воситаи фаъолияти худ, ба ҳисоб гирифтани омӯзгори

макотиби олӣ ҳамчун субъекти меҳнат барои нигаронидани раванди омодагӣ ба шахсият ҳамчун субъект, объект, натиҷа ва меъёри самаранокии он водор мекунад. Эътироф намудани таҷрибаи андӯхтаи касбии ҳар як омӯзгори макотиби олӣ, истифодаи он дар сохтани барномаи инфиродии омодасозӣ чунин маъно дорад, ки натиҷаи ба нақшагирифтаи раванди омодасозӣ барои ҳама як хел буда наметавонад. Мо чунин мешуморем, ки самаранокии сезинагии ин раванд рушди нерӯи эҷодии омӯзгорони макотиби олиро дар раванди омодасозӣ таъмин намуда, ҷиҳати фароҳам овардан шароит барои ин мусоидат мекунад.

Ҳар як омӯзгори макотиби олӣ бояд барномаи омодасозии худро амалӣ созад, ки барои ноил шудан ба сатҳи муайян нигаронида шуда бошад. Дар баробари ин, сатҳи омодасозӣ натиҷаи нишондоди андозагирӣ, дастовардҳои омӯзгор, ки пас аз омӯзиш ба даст омадааст, балки пеш аз оғози раванди таълим ба нақша гирифташуда мебошад. Вазифаи макотиби олӣ аз он иборат аст, ки ба ҳар як омӯзгори макотиби олӣ барои ба даст овардани ҳуқуқи худ барои ноил шудан ба дараҷаи дахлдори рушди технологияи инноватсионӣ шароит фароҳам оварда шавад.

Модели натиҷаи сесатҳаи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим аз ҷониби омӯзгорони макотиби олӣ дар асоси модели асосӣ таҳия карда шудааст ва ба вазифаҳои педагогии омодасозии омӯзгорони амалкунанда ва ҳам омӯзгор-тадқиқотчиёни муаммоҳои ҷорӣ ва таҳияи муносибати инноватсионии технологӣ ба таълим ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, мо ба интиқоли модели омодасозӣ ба модели натиҷаи омодасозӣ диққат додем. Моделҳои асосии се сатҳи натиҷаҳои омодасозӣ дар ҷадвалҳои 4,5,6 оварда шудаанд.

**Татбиқи амалии технологияи “Эҷод” дар таълими фанҳои тахассусӣ**

**Ҷадвали 4**.

| № | Тибқи нақша | Татбиқи амалӣ |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Равияи фанҳои дақиқ (омӯзгорони фанҳои математика, физика, химия, биология, психология, санъат ва дизайн, геометрияи тасвирӣ, методикаи таълими санъати тасвирӣ, назарияи иқтисодӣ) | 39% |
| 2. | Равияи фанҳои умумикасбӣ (фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, сотсиология, педагогика ва таърихи муосири тоҷик), ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ, таърих, таърихи сиёсӣ, фалсафа | 15% |
| 3. | Дар таълими фанҳои барномарезӣ, технологияи иттилоотӣ, кибернетикаи иқтисодӣ, иқтисодиёти ҷаҳон, математика-информатика | 89% |
| 4. | Дар таълими фанҳои забони тоҷикӣ, адабиёти муосири тоҷик, таърихи адабиёти ҷаҳон, фолклоршиносӣ, забони муосири рус ва забоншиносии умумӣ забони хориҷӣ (англисӣ, олмонӣ, хитоӣ) | 19% |

**Расми 2.**



**Татбиқи амалии технологияи “Эҷод” дар таълими фанҳои тахассусӣ (аз рӯи фанни таълимӣ)**

**Ҷадвали 5.**

| № | Истифодаи технологияи “Эҷод” дар раванди таълими фан | Натиҷаи | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Дар таълими математика | 12% | 95% |
| 2. | Дар таълими физика | 8% | |
| 3. | Дар таълими геометрия | 7% | |
| 4. | Дар таълими биология | 4% | |
| 5. | Дар таълими химия | 9% | |
| 6. | Дар таълими психология | 7% | |
| 7. | Дар таълими санъат ва дизайн | 15% | |
| 8. | Дар таълими геометрияи тасвирӣ | 14% | |
| 9. | Дар таълими методикаи таълими санъати тасвирӣ | 11% | |
| 10. | Дар таълими назарияи иқтисодӣ | 8% | |
| 11. | Дар таълими фарҳангшиносӣ | 3% | 19% |
| 12. | Дар таълими диншиносӣ | 3% | |
| 13. | Дар таълими сотсиология | 4% | |
| 14. | Дар таълими педагогика | 6% | |
| 15. | Дар таълими таърихи муосири тоҷик | 3% | |
| 16. | Дар таълими барномарезӣ | 89% | 89% |
| 17. | Дар таълими технологияи иттилоотӣ | 85% | 85% |
| 18. | Дар таълими кибернетикаи иқтисодӣ | 71% | 71% |
| 19. | Дар таълими иқтисодиёти ҷаҳон | 59% | 59% |
| 20. | Дар таълими математика-информатика | 67% | 67% |
| 21. | Дар таълими забони тоҷикӣ | 5% | 38% |
| 22. | Дар таълими адабиёти муосири | 2% | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | тоҷик | | |
| 23. | Дар таълими таърихи адабиёти ҷаҳон | 2% | |
| 24. | Дар таълими фолклоршиносӣ | 1% | |
| 25. | Дар таълими забони муосири рус | 5% | |
| 26. | Дар таълими забони англисӣ | 7% | |
| 27. | Дар таълими забони олмонӣ | 7% | |
| 28. | Дар таълими забони хитоӣ | 9% | |
| 29. | Дар таълими ҳуқуқ | 1% | 11% |
| 30. | Дар таълими сиёсатшиносӣ | 3% | |
| 31. | Дар таълими таърихи сиёсӣ | 3% | |
| 32. | Дар таълими фалсафа | 2% | |
| 33. | Дар таълими санъати мусиқӣ | 2% | |

**Истифодаи босамари технологияи “Эҷод” дар ташаккули тафаккури эҷодии донишҷӯён (аз рӯи фанни таълимӣ)**

**Ҷадвали 6.**

| № | Истифодаи технологияи “Эҷод” дар раванди таълими фан | Натиҷаи | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Дар таълими математика | 9% | 64% |
| 2. | Дар таълими физика | 4% | |
| 3. | Дар таълими геометрия | 6% | |
| 4. | Дар таълими биология | 3% | |
| 5. | Дар таълими химия | 6% | |
| 6. | Дар таълими психология | 4% | |
| 7. | Дар таълими санъат ва дизайн | 11% | |
| 8. | Дар таълими геометрияи тасвирӣ | 11% | |
| 9. | Дар таълими методикаи таълими санъати тасвирӣ | 7% | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10. | Дар таълими назарияи иқтисодӣ | 3% | |
| 11. | Дар таълими фарҳангшиносӣ | 1% | 6% |
| 12. | Дар таълими диншиносӣ | 1% | |
| 13. | Дар таълими сотсиология | 1% | |
| 14. | Дар таълими педагогика | 2% | |
| 15. | Дар таълими таърихи муосири тоҷик | 1% | |
| 16. | Дар таълими барномарезӣ | 79% | 79% |
| 17. | Дар таълими технологияи иттилоотӣ | 72% | 72% |
| 18. | Дар таълими кибернетикаи иқтисодӣ | 52% | 52% |
| 19. | Дар таълими иқтисодиёти ҷаҳон | 44% | 44% |
| 20. | Дар таълими математика-информатика | 62% | 62% |
| 21. | Дар таълими забони тоҷикӣ | 2% | 17% |
| 22. | Дар таълими адабиёти муосири тоҷик | - | |
| 23. | Дар таълими таърихи адабиёти ҷаҳон | - | |
| 24. | Дар таълими фолклоршиносӣ | - | |
| 25. | Дар таълими забони муосири рус | 2% | |
| 26. | Дар таълими забони англисӣ | 4% | |
| 27. | Дар таълими забони олмонӣ | 4% | |
| 28. | Дар таълими забони хитоӣ | 5% | |
| 29. | Дар таълими ҳуқуқ | 1 | 3% |
| 30. | Дар таълими сиёсатшиносӣ | - | |
| 31. | Дар таълими таърихи сиёсӣ | 1 | |
| 32. | Дар таълими фалсафа | - | |
| 33. | Дар таълими санъати мусиқӣ | 1 | |

Ҳамчун асоси назариявии сесатҳаи натиҷаҳо ақидаҳои Л.С.Виготский [27] хизмат мекунад, ки се намуди фаъолияти таълимӣ - репродуктивӣ, реконструктивӣ ва тағйирёбандаро ифода кардааст.

Маънои фаъолияти репродуктивӣ аз он иборат аст, ки омӯзгори макотиби олӣ меъёрҳои алоҳидаи намунаро дар сатҳи такрористеҳсолкунӣ дар шароити стандартӣ (сатҳи ҳадди ақали таълим) аз худ мекунад. Фаъолияти бозсозӣ имкон медиҳад, ки раванди педагогии аз ҷиҳати технологӣ ташкилшуда, сатҳи умумии омодагӣ дида ва пурра такрор карда шавад. Сатҳи пешрафтаи самаранокии раванди педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим маънои дарки роҳҳои эҷоди технологияи инноватсионии таълим, асосҳои консептуалӣ ва имкониятҳои онро дорад ва ба хусусиятҳои намуди тағйирёбандаи фаъолият мувофиқат мекунад.

Имконияти интихоби ҷадвали сесатҳаи натиҷаҳои раванди омодасозиро назарияи марҳала ба марҳала ташаккулёбии фаъолияти зеҳнии П.Я.Галперин низ тақвият мебахшад [28]. Тибқи ин назария, се намуди самтёбӣ дар амалисозии фаъолият имконпазир аст. Навъи якум маънои тамаркуз ба аломатҳои ягонаи тасодуфӣ, яъне азхудкунӣ тавассути озмоиш ва хатоҳоро дорад. Дар амалияи азхудкунии технологияи инноватсионии таълим ин маънои берун аз ҷараёни махсус ташкилшуда, тавассути шиносоии тасодуфӣ, ғайрисистема бо дастуру тавсияҳо оид ба татбиқи раванди аз ҷиҳати технологии сохтори таълим ҳосил намудани дониш ва малакаи зарурииро дорад. Дар айни замон, сатҳи ҳадди ақали омодагӣ мустақилона, бидуни таваҷҷӯҳ ба стандарти мушаххас ба даст оварда мешавад. Механизми психологӣ ба фаҳмидан ва ба хотир овардан асос ёфтааст.

Самтёбӣ аз рӯи навъи дуюм дохил намудани механизмҳои қиёс, муқобилгузорӣ, муқоисаро дар бар мегирад. Хусусияти асосии фарққунанда фаъолияти аналитикӣ ва синтетикӣ мебошад. Интиқоли дониш ба объектҳо ва ҳолатҳои монанд мавқеъ дорад. Дар рафти омодагӣ ба сатҳи умумие мерасад, ки

дар тамоми қисматҳои он бошуурона татбиқ намудани технологияи таълимро пешбинӣ мекунад.

Навъи сеюм ба хусусиятҳо ва сифатҳои глобалӣ, ки таснифоти васеи ашё ва падидаҳоро фарқ мекунанд, нигаронида шудааст. Дар ин ҳолат, дониш метавонад ба шароити нави ғайристандартӣ интиқол дода шавад. Мо бо назардошти он, ки дар ин сатҳ ииноватсионикунонӣ ва технологиякунонии макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи омодасозии кадрҳои педагогиро, на танҳо мутобиқ кардани аллакай дар амалияи ҷаҳонии маълумоти олӣ мавҷуда, балки барои эҷоди технологияи инноватсионии таълим аз ҷиҳати методӣ омодаро ҳал намудан зарур аст, сатҳи сеюми омодасозии омӯзгоронро ҷорӣ кардем.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи падидаи фаъолият дар доираи фаҳмиши фалсафӣ ва равонӣ ба мо имкон надод, то шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ дар татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бо ҳадафи ниҳоии он – расидан ба мавқеи намунавии_омӯзгор, ки бо технология ва вазифаҳои ҷорӣ кардани он дар амалияи омӯзиш муайян карда мешавад, баррасӣ карда шавад.

Фаҳмиши иҷтимоӣ - фарҳангии фаъолият ва баррасии мафҳуми "намунаи фаъолият" ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ имкон дод, ки дар асоси синтези ин ақидаҳо дар бораи фаъолият механизми психологии азхудкунии намунаи фаъолият корбаст карда шавад. Дар асоси таҳлили намунаҳои технологияи фаъолиятӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» пешниҳодшуда омӯзиши таҷрибаи истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим дар асоси корбурди воситаҳои муосири инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ, пойгоҳи модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олиро ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълимро таҳия намудем.

Дар асоси таҳлили назариявии масъала мо ба хулосае омадем, ки раванди педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи

технологияи инноватсионии муосири таълимро метавон самаранок ҳисоб кард, агар он барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишудаи таълим ва инчунин ба воқеан такмил додани фаъолияти омӯзгорон дар таълими донишҷӯён хизмат кунад. Ин дар баланд шудани пешрафт, инчунин қаноатмандии донишҷӯён аз фаъолияти таълимӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои банақшагирифтаи раванди педагогии омодасозии омӯзгоронро ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим дар шакли сегонаи сатҳи дастовардҳои онҳо - ҳадди ақал, умумӣ ва пешрафта пешкаш намудем. Мувофиқи ин, модели асосии се сатҳи имконпазири омодасозии омӯзгорони макотиби олиро дар шакли маҷмӯи меъёру нишондиҳандаҳо тартиб додем.

Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои ҳавасмандӣ, маърифатӣ ва амалӣ-самаранокиро, ки ба сохтори педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ мувофиқанд, истифода бурдем. Меъёрҳое, ки асоснок кардем, умумипедагогӣ, инноватсионӣ – фарҳангӣ, иттилоотӣ – фарҳангӣ, коммуникативӣ номида мешаванд.

Барномаи омодасозии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати татбиқи технологияҳои муосири иттилоотии таълим дар шакли пайдарпайии қадамҳо, ки сабаби тағйири муносибатҳои касбӣ гашта, ба амалисозии фаъолиятҳо дар заминаи истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим халал мерасонанд, таҳия шудааст. Барномаи мазкур аз 6 марҳала: банақшагирии самаранокии раванди педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ дар татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим, дар шакли эҷоди модели самаранокии раванди омодасозӣ; гузаронидани корҳои таҳлилӣ, мушаххас кардани хусусиятҳои таҷрибаи касбии омӯзгорон, алоқамандии он бо модели нави фаъолият, таҳияи барномаи инфиродии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ тавассути татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим; интихоби восита, шакл ва усулҳои таълими омӯзгорон иборат мебошад.

## 1.3. Муҳити муосири раванди тайёр намудани омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим

Масъалаҳои тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ, инкишоф ва такмил додани маҳорати касбӣ дар илми педагогӣ то сатҳи муайян рушд кардаанд.

Як зумра муҳаққиқон масъалаҳои такмили ихтисоси омӯзгоронро, ки дар омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияи инноватсионии таълиму тарбия саҳми муайян доранд, дар сатҳҳои мухталиф ҳал кардаанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти Рогов Е.И. [129] роҳҳои ташаккули маҳорати касбии омӯзгорон муаммогузорӣ шудааст. Роҳи асосии инкишофи онро ин муҳаққиқ дар иҷрои дарозмуддати фаъолият дар шароити нав мебинад. Инноватсиягардонии макотиби олӣ барои ҳалли масъалаҳои анъанавии педагогии вобаста ба таълими донишҷӯён шароити махсус фароҳам оварда, боиси ба миён омадани вазифаҳои нави касбӣ мегардад. Ба андешаи мо, давомнокии ташаккули маҳорати касбии омӯзгор дар шароити истифодаи фаъолонаи технологияи инноватсионии таълим метавонад ба таври назаррас кам карда шавад, агар аз системаи омилҳои ташкилию педагогие, ки ба ин раванд таъсири мусбат расонанд ва шароити хуби таълим барои амалӣ гаштани ин омилҳо фароҳам оварда шавад. Рогов Е.И. чунин омилҳоро сифатҳои шахсияти омӯзгор, сохтори функсионалии фаъолияти ӯ ва объекти фаъолияти касбӣ эътироф мекунанд [129,с.9]. Инҳо ба ном омилҳои умумии инкишофи маҳорати касбӣ мебошанд. Омилҳои нисбатан камтар аҳамият дошта шартҳои иҷрои фаъолият маҳсуб меёбанд. Рогов Е.И. пешниҳод мекунад, ки таъсири ин омил бо тавсифи хусусиятҳои объекти фаъолият ва вазифахои худи фаъолият ба назар гирифта шавад.

Сластенин В.А., Мищенко В.А. ва Руденко Н.Г. [148] вазифаи омода намудани омӯзгорон ба муошırати босифати инноватсионию коммуникатсиониро ба бисёр омилҳо – аз шуури ташаккулёфтаи педагогӣ, намуди тафаккур, услуби фаъолият ва муошират, мавқеи касбӣ ва ҷаҳонбинӣ вобаста медонад. Заминаи муҳими сифати раванди педагогӣ ҳамчун ҳамкории

инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ сатҳи омода намудани дониши назариявии омӯзгор мебошад.

Сластенин В.А., Мищенко А.И. ва Хмель Н.Д. [74,152] масъалаи омода намудани омӯзгорони макотиби олиро бо фароҳам овардани шароит барои таъмини мукаммали (яклухт) раванди таълим ба миён мегузорад. Ба сифати қобилиятҳои мувофиқ муаллифон зарурати банақшагирии ҳамаҷонибаи ҳадафҳои таълиму тарбияро дар асоси таҳлили вазъи таълим ва пешгӯии инкишофи ҷомеа ва донишҷӯёни алоҳида, хоҳиши ягонагии се намуди муносибатро номбар мекунанд: омӯзгорон дар байни худ, омӯзгорон ва донишҷӯён, донишҷӯён дар байни худ. Ҳамин тариқ, андешаҳои муаллифон барои ҳалли масъалаҳои ташкили ҳамкории педагогӣ дар шароити истифодаи воситаҳои муосири технологияи инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ ҳамчун асос хизмат мекунанд. Бояд қайд кард, ки муаллифон камбудиҳои тайёр намудани омӯзгоронро ба татбиқи раванди ягонаи педагогӣ дуруст қайд намуда, тайёр намудани омӯзгорро ба ҳалли масъалаҳои педагогӣ бо ёрии технологияҳои педагогӣ ҳаллу фасл намекунанд.

В.А.Сластенин мавҷудияти қолабҳои педагогиро ҳамчун зуҳуроти муносибатҳои арзишманди омӯзгор эътироф намуда [146], ғояи ташаккули шуури педагогиро, ки воқеиятро ба таври мувофиқ инъикос мекунад, ҳамчун шарти омодагии он ба татбиқи мукаммали раванди педагогӣ таъкид мекунад.

Як қатор тадқиқотҳо дар илми педагогикаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои алоҳидаи тайёр намудани омӯзгорони мактоби олӣ барои дар фаъолияти амалӣ татбиқ намудани ғояҳои технологии раванди педагогӣ бахшида шудаанд. Вижагиҳои идоракунии фаъолияти маърифатӣ дар таълими компютерӣ, ки Шарипов Ф.Ф. муайян кардааст, имкон дод, то маҷмӯи талаботи барои тарҳрезии сенарияҳои педагогӣ ва барномаҳои таълими компютерӣ зарур асоснок карда шавад [170]. Муаллиф ба ҳалли масъалаи тайёр намудани омӯзгорони макотиби олӣ ба лоиҳакашии раванди таълим замина гузоштааст. Шарипов Ф.Ф.[170] асосҳои илмию назариявии раванди ташаккули фарҳанги инноватсионии омӯзгорони

ояндаро ошкор карда, модели фарҳанги инноватсионии донишҷӯро ба вуҷуд овардааст. Тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули фарҳанги инноватсионии донишҷӯён метавонанд дар ҳалли масъалаи тайёр намудани омӯзгорон муфид бошанд.

А.Р.Мирзоев [100] шароитҳои дидактикии тайёр намудани омӯзгорони макотиби олиро ба истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим таҳия кардааст. Муаллиф дар асоси омодагӣ модели фаъолиятро оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим барои се категорияи омӯзгорон – навомӯз, таҷрибадор ва эҷодкор замина гузоштааст. Фаъолият се сатҳ дорад: элементарӣ-мутобиқшавӣ, функсионалӣ-ҷустуҷӯӣ ва системавӣ-эҷодӣ. Бояд қайд кард, ки муаллиф ба тавзеҳи мафҳуми “технологияи инноватсионии муосири таълим”[100] кӯшиш намуда, онро ба воситаҳои нави техникии таълим нисбат медиҳад. Дар баробари ин, муаллиф мегӯяд, ки технологияи инноватсионии муосир иборат аз таълим, омӯзиш, компютер бо таъминоти барномавии мувофиқ ва маводи таълимӣ аст. Тайёрии равонии онҳо ҳамчун унсури модел ба гузоштани мақсад, вазифаҳо ва сатҳи фаъолият иртибот дорад. Ҳадафҳо аз маҳорати амалии методология ва усулҳои истифодаи технологияи инноватсионии таълим то ҷустуҷӯи шаклу усулҳои фаъолтарини таълими компютерӣ дар дарс, ки ба услуби инфиродии кори омӯзгор ва минбаъд таҳияи таҷрибаи инноватсионӣ мувофиқанд, метавонанд тағйир ёбанд. Мақсадҳо мутаносибан аз ташаккули малакаҳои истифодаи ТИТ (технологияи инноватсионии таълим) то такмили ин малакаҳо ва умумигардонии таҷрибаи инфиродӣ тағйир меёбанд.

Омӯзиши хусусият ва самтҳои асосии тадқиқоти илмӣ оид ба тайёр намудани омӯзгорон ба фаъолият дар шароити инноватсионикунонии таҳсилот ба мо имкон дод, ки дар бораи ҷанбаҳои тайёр намудани омӯзгорони макотиби олӣ ба чунин хулоса оем, ки барои омӯзгорони макотиби олӣ ягон тадқиқот доир ба ҷорӣ намудани компютер ва дигар воситаҳои информатсионӣ барои такмили омодагии донишҷӯёни макотиби олӣ мавҷуд нест. Мавзӯҳои тадқиқот асосан ба истифодаи воситаҳои техникии таълим дар раванди таълими макотиби

олӣ, идоракунии фаъолияти таълимии донишҷӯён бо истифода аз компютер ва дигар воситаҳои таълим, асосҳои дидактикии технологияҳои таълими компютерӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар омодагии касбии таълими фосилавӣ нигаронида шудаанд. Аз таҳлили таҳқиқот метавон ба хулосае расид, ки барои татбиқи ҷараёни таълим, ки дар асоси системаи муайяни ақидаҳои илмӣ тартиб дода шудааст, омодагии пешакии омӯзгор зарур аст. Мазмуни ин таълим, шаклу усулҳои ин раванд дар адабиёти педагогӣ танҳо дар ҷанбаҳои марбут ба такмили малака ва маҳоратҳои алоҳида мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Зарурати омодагии махсуси омӯзгор дар татбиқи технологияи инноватсионии таълим дар асоси ғояҳои муайяни педагогӣ ва фалсафӣ, равишҳои инсондӯстона ба ташкили ҳамкории таълимӣ аз вазъи номукаммалии омодагии методӣ ва дидактикии омӯзгори мактаби олӣ ба миён меояд. Тайёрии омӯзгори мактаби олӣ низ бояд аз дарки талаботи нави тайёр кардани мутахассисон дар шароити нав иборат бошад.

Омӯзгорони макотиби олӣ бояд технологияҳои инкишофёбандаи таълиму тарбия, дастовардҳои таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷиро пайваста аз худ намуда, татбиқи онҳоро дар фаъолияти худ мутобиқ созанд. Мушкилоти асосии ташкили кори педагогӣ омодагӣ ва гузаштан ба таълим бо истифода аз технологияи инноватсионӣ, омода намудани таъминоти барномавӣ - методии раванди таълим дар фазои ягонаи иттилоотӣ мебошад. Асоси ҳалли ҳамаи ин масъалаҳо омодагии омӯзгор ба кор дар муҳити ягонаи инноватсионӣ буда, аз қобилияти соҳиб шудан ва дарки имкониятҳои истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим ва омӯзиши технологияҳои анъанавию нав дар он иборат аст.

Таҷрибаи татбиқи амалии технологияи инноватсионии муосири «Эҷод» дар раванди таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» нишон медиҳад, ки мушкилот дар муносибати омӯзгорон ба ин технологияи таълим ба мушоҳида мерасад. Он дар

зиддияти байни таҷрибаи амалии ҳамъкардаи онҳо ва талаботи нави раванди таълим, ки аз ҷиҳати технологӣ ташкил карда шудааст, ифода меёбад.

Дар ҷараёни гузаронидани озмоиш ҳадафи мо аз он иборат буд, ки вазъи воқеии азхудкунии намунаҳои фаъолияти педагогиро дар шароити корбасти технологияи инноватсионии муосири таълими “Эҷод”-ро муайян намоем.

Дар рафти озмоиш як қатор усулҳо истифода шуданд, ки дар ҷадвали 7 оварда шудаанд:

Ҷадвали 7 - Усулҳои санҷиши самаранокии раванди тайёр намудани омӯзгорон барои татбиқи технологияи “Эҷод”

**Татбиқи амалии технологияи “Эҷод” ва ташаккули маҳорати истифодабарии он дар ҷараёни таълим**

**Ҷадвали 7.**

| № | **Татбиқи амалии технологияи “Эҷод” ва ташаккули маҳорати истифодабарии он дар ҷараёни таълим** | **Натиҷаи амалигардии технологияи “Эҷод”** |
|---|---|---|
| 1. | Тайёр намудани омӯзгорон дар шароити технологикунонии таълим ва истифодаи босамари технологияи “Эҷод” | Тавассути курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон |
| 2. | Барномаи тайёр намудани омӯзгорони макотиби олӣ ҷиҳати татбиқи технологияи инноватсионии муосир таълим дар шакли пайдарпайии қадамҳо дар заминаи истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии муосири таълим. | Консепсияи мушаххаси психологӣ-педагогии истифодаи босамари технологияи инноватсионии муосири таълим |
| 3. | Татбиқи амалии технологияи инноватсионии муосири “Эҷод” дар раванди таълим | Ташкили раванди таълим бо истифода аз технологияи инноватсионии муосири он |
| 4. | Истифодаи босамари технологияи “Эҷод”дар раванди таълими фанҳои математика ва геометрия ва равияи фанҳои дақиқ | Тавассути курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, семинар-машваратҳо ва семинарҳои таълимӣ-методӣ |
| 5. | Раванди тайёр намудани омӯзгорони макотиби олӣ азхудкунии моделҳои нави | Тавассути курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, семинар-машваратҳо |

| | | |
|---|---|---|
| | иҷтимоию фарҳангии фаъолияти педагогӣ | ва семинарҳои таълимӣ-методӣ |
| 6. | Ташаккул додани таассуроти умумии муносибати омӯзгорон ба идеяи технологияи раванди таълими макотиби олӣ | Ташкили босамари кори таълим бо ҷоринамоии технологияи инноватсионии муосири таълим |
| 7. | Муносибати педагогӣ бо донишҷӯён дар заминаи амалии технологияи муосири инноватсионии “Эҷод” дар раванди таълим ва иҷрои кори амалии онҳо | Омода намудани рисолаҳои дипломӣ, рисолаҳои хатми бакалавр ва магистрӣ дар заминаи технологияи инноватсионии таълим |
| 8. | Заминаҳои психологӣ-педагогии тайёр намудани донишҷӯён дар муносибат бо технологияи муосири инноватсионии “Эҷод” дар раванди таълим | Ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии таълим дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ ва таҷрибаи илмӣ-педагогии донишҷӯёну магистрон дар макотиби олӣ |
| 9. | Баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорони макотиби олӣ муносибат бо технологияи муосири инноватсионии “Эҷод” дар раванди таълим | Тавассути курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, семинар-машваратҳо ва семинарҳои таълимӣ-методӣ назди кафедраҳо ва шӯроҳои таълимӣ-методии факултетҳо |
| 10. | Фаъолияти репродуктивии омӯзгорони макотиби олӣ дар истифодаи босамари технологияи муосири инноватсионии “Эҷод” | Натиҷабардорӣ карда тавонистани натиҷаҳои таълим аз тарафи омӯзгорони фаннӣ |
| 11. | Иттилоотигардонии таҳсилоти олӣ барои ҳалли масъалаҳои анъанавии педагогии раванди таълим | Баинобатгирии стандартҳо ва нақшаҳои таълимии тахассусӣ доир ба ҷоринамоии технологияи инноватсионӣ дар таълим |
| 12. | Омӯзиши хусусият ва самтҳои асосии тадқиқоти илмӣ оид ба тайёр намудани омӯзгорон ба фаъолият дар шароити инноватсионии таҳсилот | Асоснок намудани мазмун ва моҳияти таълимӣ ҷорӣ ва дар заминаи он бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби омӯзгорони макотиби олӣ |

Татбиқи комплексии усулҳои тадқиқот ба мо имкон дод, ки маълумоти бадастомадаро бори дигар кунем ва бо ҳамин эътимоднокии онҳоро таъмин намоем. Эътимоднокӣ бо истифода аз усулҳои тадқиқоти оморӣ-таҳлилӣ коррелятсия тақвият ёфт.

Ба сифати санҷишшавандагон омӯзгорони Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент буданд. Азбаски раванди тайёр намудани омӯзгорони макотиби олӣ азхудкунии моделҳои нави иҷтимоию фарҳангии фаъолияти педагогиро аз ҷониби онҳо пешбинӣ мекунад, мо нишондиҳандаҳои сатҳҳои ба нақшагирифтаи тайёрии дар банди қаблӣ зикршударо санҷидем. Барои ин мо аз саволномаҳои махсус таҳияшуда, анкетаҳо, сӯҳбатҳо, мушоҳидаҳо, усулҳои баҳодиҳӣ ба сифати кори омӯзгори мактаби олӣ, тестҳо барои муайян кардани сатҳи мавҷудаи дониш ва талабот доир ба иҷрои раванди таълим дар заминаи истифодаи технологияи таълимӣ истифода бурдем.

Таҷрибаи санҷишӣ дар соли таҳсили 2018-2019, ки технологияи таълими “Эҷод” дар муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» қариб пурра ҷорӣ карда шуд, сурат гирифт.

Барои ташаккул додани таассуроти умумии муносибати омӯзгорони макотиби олӣ ба идеяи технологияи раванди таҳсилоти макотиби олб татбиқшаванда, мо аз саволномаҳои махсус таҳияшуда истифода бурдем.

Ҳамагӣ 254 нафар пурсида шуданд. Таҳлили ҷавобҳо ба мо имконият дод, ки дар бораи хусусияти муносибати омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияи таълими “Эҷод” дар Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” хулосаҳои пешакӣ барорем.

Сарфи назар аз он, ки омӯзгорони пурсишшуда дар раванди таълими аз ҷиҳати технологӣ ташкилшуда ширкат варзиданд, 73% (185 нафар) аз онҳо дар гузаронидани семинарҳои фаъол, ки ҷузъи муҳими технологияи таълим мебошад, таҷрибаи кофӣ надоранд. 95% (251 нафар)-и пурсидашудагон ба ин савол ҷавоб дода натавонистанд, ки омӯзиши дастаҷамъона аз дарсҳои инфиродӣ бо донишҷӯён чӣ бартарӣ дорад.

**Расми 3.**




Худи мафҳуми "омӯзиш" аз ҷониби омӯзгорони макотиби олӣ дар вақти пурсиш ташаккул наёфта буд. Ба саволи «Чаро технологҳо номи «семинари фаъол»-ро ба «тренинги коллективӣ» иваз карданд? 99% (251 нафар) посух дода натавонистанд. 98% (249 нафар) пурсидашудагон мехоҳанд, ки донишҷӯёни соҳаи касби онҳо аз рӯи низоми анъанавӣ – лексияҳо, семинарҳо, имтиҳонҳои шифоҳӣ таҳсил кунанд. Маълум гардид, ки аксари омӯзгорон мувофиқи талаботи технологӣ дар санҷиши дониши донишҷӯён иштирок намекунанд. Ба ақидаи 96% (244 нафар) омӯзгорони пурсидашуда ин ҳолат дараҷаи таъсири онҳоро ба интизоми таълимии донишҷӯён хеле коҳиш медиҳад. Дар ҳамин ҳол, аксари омӯзгорон бар ин назаранд, ки санҷиш ҳамчун воситаи назорати дониши донишҷӯён бояд ба имтиҳони шифоҳӣ иваз карда шавад, зеро дар рафти ин санҷишҳо шумо метавонед донишҷӯёни хубро бо баҳои баланд ташвиқ кунед, камфаъолонро бо холҳои паст ҷазо диҳед, яъне бо ҳамин роҳ ба фаъолияти таълимии донишҷӯён роҳбарӣ кунанд.

**Расми 4.**




Пурсишнома саволҳоеро дар бар гирифтааст, ки дар бораи фаъолияти таълимии донишҷӯён ҳамчун категорияи педагогӣ то чӣ андоза маълумот доштани омӯзгоронро муайян менамояд. Таҳлили ҷавобҳои гирифташуда нишон медиҳад, ки 54% (156 нафар) аз пурсидашудагон ин донишро дар сатҳи таҷрибавӣ доранд. 23% (58 нафар) ин мафҳумро дар сатҳи кофӣ медонанд. Бояд илова кард, ки ин 23% омӯзгорони кафедраҳои педагогика ва психология буданд.

**Расми 5.**



Лозим ба қайд аст, ки дар пурсишнома саволе мавҷуд буд, ки ба он ғайричашмдошт шумораи ками омӯзгорон тавонистанд посух диҳанд (« Технологияи таълим, ки шумо истифода мебаред, чӣ ном дорад?») - ҳамагӣ 6 нафар (2%). Сабаби ин, бешубҳа, дар он аст, ки омӯзгорон бо маводи таълимӣ оид ба татбиқи амалии технологияи "Эҷод", агар умуман чунин шиносоӣ сурат гирифта бошад, беэътиборона муносибат кардаанд.

Силсилаи саволҳо барои муайян кардани он, ки омӯзгорон имкони баланд бардоштани сатҳи касбии худро чӣ гуна тасаввур мекунанд, тарҳрезӣ шуданд. Ҳамаи омӯзгорон ҷавоб доданд, ки ба такмили ихтисос эҳтиёҷ доранд. Аз ин шумора 88 фоиз (229 нафар) хоҳиши такмили ихтисосро дар соҳаи илми худ доранд. Танҳо 10 фоиз (25 нафар) дар назди худ вазифа гузоштаанд, ки тайёрии методиро беҳтар кунанд. Зарурати бозомӯзӣ аз ҷиҳати тайёрии технологии махсус аз ҷониби омӯзгорон зикр нагаштааст. Дар асоси ин, мо чунин натиҷагирӣ кардем, ки сабабаш шабоҳат додани усулҳои таълим ба технологияи таълим мебошад.Ҷолиб он аст, ки онҳое, ки мехоҳанд дар соҳаҳои илм ва методикаи таълими фанҳои худ такмили ихтисос гузаранд, майл доранд ба марказҳои бузурги илмию методӣ ба хориҷи наздик ва дур раванд. Ҳеҷ кадоме аз онҳо имкони такмили ихтисоси худро бо ёрии воситаҳои инноватсионии муосир ва иттилоотӣ зикр накардаанд.

**Расми 6.**



Ҳамин тавр, таҳқиқоти мо баъзе хусусиятҳои муносибати Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент ба технологияи таълими дар донишгоҳ татбиқшавандаро ошкор намуд. Дар натичаи тадқиқоти илмӣ маълум шуд, ки қисми зиёди омӯзгорон нақши дар раванди таълим ба онҳо гузошташударо дар сатҳи матлуб иҷро намекунанд. Онҳо андешаи зеринро рад мекунанд, ки масъулияти асосӣ дар кори таълим ба дӯши донишҷӯ аст. Омӯзгорон идоракунии фаъолияти донишҷӯёнро дар кори маҷбуркунии беруна, истифодаи ангезаҳои беруна дар кори таълимӣ мебинанд. Сарфи назар аз он, ки баъзе аз омӯзгорон (30% пурсидашудагон, ба истисной омӯзгорони информатика) баъзе малакаҳои компютерӣ доранд, баъзан аз шабакаи интернет истифода мебаранд, дар бораи фарҳанги иттилоотии онҳо шартан сухан рондан мумкин аст.

Бо 54 омӯзгори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент бо истифода аз саволномаи мусоҳиба гузаронида шуд 98% (53 нафар) амалан бо кадом технологияҳои таълими макотиби олӣ ошно буданашонро бо мушкилӣ шарҳ доданд. Аксарият (95%) бар ин назаранд, ки самти асосии бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгори макотиби олӣ пурра намудани дониш аз рӯи фанҳои таълимӣ ва соҳаи дахлдори донишҳои илмӣ мебошад.

**Расми 7.**




Дигарон, ғайр аз ин, хоҳиш доранд, ки дар соҳаи методҳои фанни тадрисшаванда такмили ихтисос гузаранд. 54 ҷавоб ба саволи «Фарқи байни

усули таълим ва технологияи таълим чӣ гуна аст?» ба таври зерин тасниф карда шуданд: “Ман фарқиятро намебинам” – 41 нафар, “Намедонам” – 5 нафар, “Ман дар ин бора фикр накардаам» — 8 нафар. Ба саволи «Кадоме аз навовариҳои муосир дар соҳаи макотиби олиро шахсан барои худ қобили қабул мешуморед?» ҷавоби маъмулӣ чунин буд: «Вобаста ба он, ки навоварӣ чӣ маъно дорад». Аён аст, ки бо ин васила посухдиҳандагон кӯшиш мекарданд, ки муносибати худро ба равандҳои технологияи инноватсионии макотиби олӣ пинҳон дошта бошанд, ё нахостанд, ки огоҳии нокифояи худро аз ин масъала ошкор созанд.

**Расми 8**




Ҳамин тавр, натиҷаҳои пурсиши пешакии мо нишон доданд, ки аксарияти омӯзгорони пурсидашудаи макотиби олӣ бо донишҳои педагогии номукаммал барои баланд бардоштани дараҷаи тайёрии махсуси худ бештар кӯшиш мекунанд. Омӯзгорон саъй мекунанд, ки зиддиятҳои байни талаботи технологияи инноватсионии таълим ва таҷрибаи шахсии худро дар татбиқи раванди таълим ба донишҷӯён тавассути риояи талаботи расмии дастур оид ба гузаронидани дарсҳо бо истифода аз технологияи “Эҷод” бартараф намоянд. Маълум аст, ки ғояи мазмуни мафҳуми «Технологияи инноватсионии таълим» барои аксари онҳо дар сатҳи таҷрибавӣ боқӣ мондааст.

Қадами навбатии мо равшан кардани хулосаҳое буд, ки тавассути истифодаи саволномаи пӯшидаи "Шумо бо он розӣ ҳастед, ки ...?".

Мундариҷаи ин саволнома аз ҷониби мо дар асоси мушоҳидаҳои рафтори касбии омӯзгорон, сӯҳбат бо онҳо, таҳлили дарсҳои иштирок намуда тартиб дода шудааст. Қариб ҳар як изҳорот дар байни омӯзгорони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент ё ҷонибдори худро дошт. Вазифаи мо аз он иборат буд, ки то чӣ андоза ин андешаҳо байни ҷомеаи омӯзгорон паҳн шудаанд ва муносибати омӯзгорон ба истифодаи технологияи инноватсионии таълим намунаи хос буда, тасаввуроти муосири илмӣ дар бораи таълим ва муносибатҳои анъанавӣ дар татбиқи онҳоро муайян намоем.

Тавре, ки посуххо нишон доданд, аксарияти омӯзгорони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» нисбат ба қобилияти пешрафти таълимашонро ба зиммаи худ гирифтани донишҷӯён шубҳа доранд. Сабаби мавҷудияти чунин ақида метавонад дар ташкил ва ҳавасмандгардонии кори мустақилонаи донишҷӯ дар доираи технологияи татбиқшаванда ва дар натиҷа баҳо надодан ба ин маҳорати касбӣ, инчунин принсипи мустақилияти донишҷӯён дар татбиқи технологияи таълимии "Эҷод" мебошад.

Фоизи хеле зиёди (94%) омӯзгорон бар ин боваранд, ки масъулияти асосии дониши пасти донишҷӯро на худи донишҷӯ, балки омӯзгор ба дӯш дорад. Тақрибан ҳамин миқдор пурсидашудагон бар ин назаранд, ки дар меҳвари ҳама гуна низоми педагогӣ бояд омӯзгор не, балки донишҷӯ қарор дошта бошад. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки омӯзгорон барои татбиқи муносибатҳои «субъект - субъект» дар ҷараёни татбиқи раванди педагогӣ дар шароити технологияи инноватсионии таълим омода нестанд. 81% омӯзгорони пурсидашудаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бар ин назаранд, ки дар сурати пурзӯр кардани назорати модулии дониш хавфи қатъи таҳсил аз ҷониби донишҷӯён вуҷуд дорад. Инро метавон ҳамчун нобоварӣ ба донишҷӯён, имкониятҳои омӯзишии онҳо, мавҷудияти шубҳа нисбат ба мутобиқшавии донишҷӯён ба

Дар марҳалаи татбиқ интихоби шаклҳо, воситаҳо, равишҳо ва усулҳои таълим, ки барои сатҳи муайяни ниҳоӣ пешбинӣ шудаанд, зарур мебошад. Ин намудҳои кор ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва касбии иштироккунандагони тренинг, инчунин муносибати дастаҷмаъонаи ҳалли проблемаҳои тайёриро дар бар мегирад. Аз омӯзгор талаб карда мешавад, ки шаклу усулҳои муосири таълими донишҷӯёнро донад, қобилияти ташкили муошурати мутақобилаи донишҷӯёнро дошта бошад, раванди тайёриро назорат кунад, барои фавран татбиқ намудани донишу малакаҳои гирифтаи донишҷӯён дар амалия шароит фароҳам оварад. Мо чунин мешуморем, ки чунин корро ба зиммаи Шӯрои илмии - методии Донишгоҳ гузоштан мумкин аст. Шӯрои таълимӣ - методии муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» сохторест, ки барои ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири раванди таълими касбии донишҷӯён пешбинӣ шудааст. Мувофиқи низомнома ба он омӯзгорони баландихтисос ва кормандони макотиби олӣ дохил мешаванд. Самтҳои асосии фаъолият бо назорати сифати хизматрасониҳои таълимӣ, тактикаи пешбурди хизматрасонии таълимӣ дар минтақа, таҳлили сифати таълим, корҳои таълимӣ-методӣ, такмили ихтисоси кормандони техникии макотиби олӣ алоқаманданд.

Марҳалаи арзёбии натиҷаҳои раванди таълим таҳияи талаботи аттестатсияи омӯзгоронро дар асоси сатҳҳои ба нақшагирифтаи тайёриро талаб мекунад. Ин кори асосӣ ва зарууртаринест, ки намуна надорад. Маълум аст, ки ин гуна корро бо қувваи гурӯҳи ташаббускори эҷодии омӯзгорону хизматчиён амалӣ кардан мумкин аст. Дар он қисмати илмӣ, гурӯҳи коршиносони маркази таълимӣ, шӯрои таълимӣ – методӣ метавонанд иштирок намоянд. Ҳамин тариқ, мо сохтори ташкилии муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» -ро муайян намудем, ки барои омода намудани омӯзгорон ба истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълими “Эҷод” дар фаъолияти худ пешбинӣ шудааст ва ин дар расми 3 нишон дода шудааст.

Расми 3.




Расми 3. Сохтори ташкилии муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» барои омода намудани омӯзгорон ба истифодаи технологияи таълимии “Эҷод” пешбинӣ шудааст.

Имкониятҳои мавҷудаи муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба ташкили раванди

омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ барои татбиқи технологияи таълими “Эҷод”-ро омӯхта, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

- дар донишгоҳ пойгоҳи зарурии таҷҳизоти компютерӣ ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ мавҷуд аст, ки ба он ҳар як омӯзгор дастрасии озодона ҷиҳати ҳосили малака ва қобилият барои истифодаи онҳо дар раванди таълимро дорад;

- манбаъҳои гирифтани иттилоот дар бораи технологияи инноватсионии таълим, ҳуҷҷатҳои танзимкунанда ва методӣ барои омӯзандагони технологияи таълим вуҷуд доранд;

- сохторҳое ҳастанд, ки зимни равона кардани фаъолияти онҳо барои тайёр намудани омӯзгорон дар татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим, ба таъмини самаранокии ин раванд мусоидат карда метавонанд.

Ҳамин тариқ, моҳияти кори педагогӣ - таҷрибавии мо аз ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои интихобшуда оид ба тайёрии омӯзгорон, ҷамъбасти натиҷаҳои ин кор ва исботи самаранокии шароитҳои ташкилию педагогии ҷоринамуда иборат аст.

Барномаи корҳои таҷрибавӣ ва педагогӣ оид ба омода намудани омӯзгорон ба истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим дар муҳити макотиби олӣ дар расми 4 нишон дода шудааст.

Расми 4.




Барномаи корҳои таҷрибавӣ - педагогӣ оид ба омодасозии омӯзгорони муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» оид ба истифодаи технологияи таълими “Эҷод”.

Мутобиқи ҷадвали 9 унсури зерсохтори масъули ҳамоҳангсозии ҳамаи кафедраҳои донишгоҳ, ки барои тайёр намудани кадрҳо масъул аст, Шӯрои таълимӣ - методӣ мебошад. Вазифаи он инкишоф додани ҳамоҳангсозӣ ва фаъолият буда, супоришҳо ба кафедраҳо бо мақсади муайян намудани самтҳои

асосии кори онҳо оид ба тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон, назорати пешрафти раванди тайёрӣ дохил мешаванд.

Ба вазифаҳои қисми таълим ҷамъоварии мавод барои таъмини меъёрии раванди таълим, назорат аз болои кори ҳамоҳангсозони ҷадвал дар робита ба риояи талаботи технология, риояи талаботи технологӣ оид ба назорати тестии дониши муҳассилин, назорати сифати хизматрасониҳои таълимӣ бо истифода аз технологияи "Эҷод" дохил мешавад. Шакли махсуси кори УМС ташкили гурӯҳҳои экспертӣ оид ба аттестатсияи омӯзгорон аз рӯйи натиҷаҳои таълим мебошад. Ба гурӯҳҳои экспертӣ педагог - технологҳо, омӯзгороне, ки ба зинаи баланди тайёрӣ расидаанд ва малакаи кори таҷрибавӣ – педагогӣ дар соҳаи технологияи ҷараёни таълим доранд, дохил мешаванд.

Дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорон кафедраҳои умумӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд, онҳо ба сатҳи муайян тайёр намудани омӯзгорони кафедраҳоро бевосита ба нақша мегиранд. Ба гурӯҳҳои коршиносӣ оид ба таҳлили сифати маводи таълимии таҳияшуда омӯзгорони кафедраҳои умумӣ дохил мешаванд ва иттиҳодияҳои байникафедравӣ маҳсуб меёбанд. Дар байни донишҷӯён ва омӯзгорон пурсишҳо ва анкетаҳо мегузаронанд, супоришҳои шӯрои таълимӣ - методиро иҷро мекунанд. Сифати кори гурӯҳҳои ташхисиро кафедраҳои умумидонишгоҳӣ таъмин мекунанд.

Нақши муҳимтарин дар тайёр намудани омӯзгорон ба татбиқи технологияи таълим ба зиммаи гурӯҳи педагог -технологҳо гузошта шудааст, ки мақсади асосии онҳо назорати сифати татбиқи занҷири технологӣ мебошад. Дар системаи таҷрибавии мо ин хадамот ба корҳои ташкилӣ дар раванди тайёрӣ масъул буда, ба омӯзгорон барои азхудкунии тамоми унсурҳои технология кӯмаки машваратӣ расонида, оид ба арзёбии самаранокии таълим корҳои экспертӣ мегузаронад ва ҷиҳати банақшагирии натиҷаи таълим машваратҳои инфиродӣ медиҳад.

Дар кори китобхона самтҳои ҳатмии иштирок дар тайёр намудани омӯзгорон ба фаъолият бо истифода аз технологияи "Эҷод" - маълумот додан ба омӯзгорон аз навовариҳо дар соҳаи назария ва амалияи технологияи таълим,

педагогикаи мактабҳои олӣ ба воситаи намоиши адабиёти нав, ёрӣ расонидан ба интихоб кардан ва бо маводи методӣ таъмин намудани муаллимон қобили зикр аст.

Вазифаи кабинети таълимӣ ё кабинети технологӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти маркази таълимӣ, хизматрасониҳо, аз қабили машваратҳо ва ёрии методӣ ба омӯзгорон оид ба маводи таълимӣ маҳсуб меёбад. Чунин кӯмак аз он сабаб зарур аст, ки маводи таълимӣ дар шакли барномаҳои таълимии компютерӣ, тестҳо барои гурӯҳҳои кории байникафедравии омӯзгорон муносибати навоварона ва риояи пурраи талаботи технологиро талаб мекунад.

Маркази таълимӣ, ки ба кори банақшагирии пешакӣ оид ба таҳияи маводи нави таълимӣ машғул аст, пас аз тасвиб лексияҳои телевизионӣ, слайд – лексияҳо, тестҳо, лексияҳои умумӣ, тарҳи сенария, тренингҳои гурӯҳӣ (коллективӣ), сабти видеоии дарсҳои намоишӣ, китобҳои дарсии модулиро мегузаронад.

**Ҷадвали 9.**

| № | **Омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни технологияи “Эҷод”** | **Роҳҳои дар амал татбиқ намудани технологияи “Эҷод”** |
|---|---|---|
| 1. | Барномаи корҳои таҷрибавӣ - педагогӣ оид ба омода намудани омӯзгорони муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” оид ба истифодаи технологияи таълими «Эҷод» | Баррасӣ дар ҷаласаҳои наздикафедра |
| 2. | Инкишоф додани ҳамоҳангсозии технологияи таълими «Эҷод» дар ҷараёни дарс | Назорати ташкили дарс аз ҷониби омӯзгорони ҷавони кафедраҳо |
| 3. | Риояи талаботи технологӣ оид ба назорати тестии донишҷӯён, назорати сифати хизматрасониҳои таълимӣ бо истифода аз технологияи «Эҷод» | Мунтазам мавриди муҳокима қарор додани шаклҳои истифодабарии технологияи «Эҷод» дар шӯроҳои таълимӣ – методӣ |
| 4. | Ташкили гуруҳҳои экспертӣ оид ба аттестатсияи омӯзгорон аз рӯйи натиҷаҳои таълим | Муайян намудани савияи касбӣ-педагогии омӯзгорон |
| 5. | Такмили ихтисоси муаллимон | Мувофиқи нақшаи пешкашнамуда |

| | | |
|---|---|---|
| | кафедраҳои ғайритахассусӣ оид ба омӯзиши сатҳи васеи истифода аз технологияи «Эҷод» дар ҷараёни таълими донишҷӯён | |
| 6. | Иштирок ҷиҳати омодасозии омӯзгорон ба фаъолият бо истифода аз технологияи «Эҷод» дар китобхонаҳо, семинарҳои омӯзиши ва симпозиумҳо | Ташкили дарсҳои намунавӣ ва ё ивази таҷрибаи касбӣ |
| 7. | Ба даст овардани маълумотҳо оид ба навовариҳо дар соҳаи назария ва амалияи технологияи таълим, коркарди назарияҳои педагогӣдар истифодабарии босамари технологияи «Эҷод» | Ҷоннок намудани сатҳу сифати дарсҳои амалӣ ва соатҳои ҷоришудаи лабораторӣ |
| 8. | Таҷҳизонидани кабинетҳои технология дар назди кафедраҳои амалкунанда мутобиқ ба шароити имрӯзаи кори таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Назорати қатъии иҷрои амалҳо оид ба рушди малакаҳои касбии омӯзгорон дар истифодаи технологияи «Эҷод» |

Ҳамин тариқ, мундариҷа ва шаклҳои кори зерсохторҳои макотиби олӣ, ки дар ҷадвали 9 оварда шудааст, ба модели таҳияшудаи самаранокии сесатҳаи раванди таълим мувофиқат мекунад, шароити берунӣ ва дохилиро барои фаъолияти бевоситаи онҳо, фарогирии омӯзгоронро ба татбиқи технологияи таълим дар сатҳи зарурӣ метавонад таъмин кунад.

Дар ин фасл назди худ вазифа гузоштем, ки имкониятҳои макотиби олиро дар мисоли МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» раванди омодасозии омӯзгоронро ба татбиқи технологияи таълимии «Эҷод» муайян кунем.

Мо заминаи инноватсионии мавҷударо дар татбиқи раванди омодагӣ тавсиф кардем. Муайян карда шуд, ки он танҳо ба тайёр намудани омӯзгорон мусоидат мекунад, зеро он азнавсозии мақсадҳои касбӣ, ташаккули маҳорату малакаҳои амалӣ, ҷузъи маърифатии сатҳи ақалли тайёриро таъмин намекунад.

Дар асоси таҳлили муаммовӣ – тахминӣ доир ба имкониятҳои сохторҳои мавҷудаи ташкилӣ гузаронидашуда ба хулосае омадем, ки агар фаъолияти сохторҳо ба тайёр намудани омӯзгорон барои татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим нигаронида шуда бошад, самаранокии ин равандро таъмин кардан мумкин аст.

Ин сохторҳо барои анҷом додани раванди омодагӣ кифоя мебошанд. Масъала муайян кардани вазифаҳои ҳар як шӯъба дар ин раванд, фароҳам овардани шароит барои иҷрои пурраи ин вазифаҳо ва тафтиши таҷрибавӣ - санҷишии самаранокии ин шароитҳо мебошад. Дар асоси мантиқи ақидае, ки нишон додем, мо барномаи корҳои таҷрибавиро барои тайёр намудани омӯзгорони муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ба технологияи «Эҷод» таҳия кардем.

Азбаски ҳар як раванди педагогӣ, аз ҷумла раванди тайёр намудани омӯзгорон хусусияти эҳтимолӣ дорад, 100% натиҷаи таълимро дар сатҳи пешбинишуда кафолат додан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, барои таъвиз метавон муҳити мутобиқшавии макотиби олиро ба кор гирифт. Истифодаи муҳити мутобиқшавӣ дар зербоби оянда баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар ин фасл гузошташуда пурра иҷро гардида, натиҷаҳои бадастомада вазифаҳои фасли ояндаро муайян намуданд.

## 2.2. Ташкил ва мундариҷаи корҳои озмоишӣ – педагогӣ оиди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим

Мақсади корҳои озмоишӣ оид ба ташкили омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ дар татбиқи технологияҳои муосири инноватсионии муосири таълим санҷиши самаранокии шароитҳои ташкилию педагогии омодасозии омӯзгор ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим буд.

Ҳамзамон мақсадҳои стратегӣ (ташкили дастаи омӯзгорон ҳамчун субъекти коллективии фаъолият оид ба татбиқи технология), тактикӣ (ислоҳи раванди таълим) ва оперативӣ (ташкил ва татбиқи раванди таълим) муқаррар карда шуданд. Муваффақияти пайвастаи ин ҳадафҳо имкон дод, ки самаранокии шароитҳои пайдошуда баҳо дода шавад.

Мо дар марҳалаи иҷрои вазифаҳои таъҷилӣ асосан мақсад гузоштем, ки якчанд корҳои ташкилиро барои омодагии шӯрои таълимӣ -методӣ, китобхона, кафедраҳои умумӣ педагогика ва психология, шуъбаи таълимӣ - методӣ, хизмати педагог-технологҳо дар татбиқи раванди омодасозии омӯзгорон роҳандозӣ намоем.

Омодагии шӯрои илмӣ – методии муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» иборат аз банақшагирии татбиқи такмили ихтисоси омӯзгорон ҳамчун яке аз самтҳои фаъолияти он буд. Ба нақша тадбирҳои ҳамоҳангсозӣ оид ба ташкили фаъолияти зерфаслҳои ҷудокардаи мо ворид карда шудаанд. Дар натиҷаи ин кор ба ҳар як кафедраи байнидонишгоҳӣ супориш дода шуд. Моҳият ва мундариҷаи супориш дар асоси омилҳои муайяншуда, ки ба рушди омӯзгорони кафедраҳои технологияҳои инноватсионии таълими «Эҷод» монеъ мешаванд, дар маҷмуъ баҳодиҳӣ ба сатҳи иқтидори инноватсионии ҳар як кафедра ва ҷомеаи муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» .

Баҳодиҳии мазкур дар асоси муайян кардани андешаҳо дар бораи омодасозии омӯзгорон ба тағйироти навоварона, шаклҳои афзалиятноки тайёрӣ ва азхудкунии навоварӣ, шароити тайёрии дар макотиби олӣ мавҷудбуда ва монеаҳо дар ин намуди фаъолият ташаккул ёфтааст.

Дар ҷаласаи шӯрои таълимӣ - методӣ вазифаҳои омӯзгор-технолог дар татбиқи раванди тайёрӣ тасдиқ карда мешаванд. Дар рафти ин омӯзгор - технолог ҳамчун ташкилотчии фаъолияти якҷояи ҳамаи субъектҳои раванди тайёрӣ, инчунин чун коршиноси иҷрои барномаи инфиродии тайёрӣ баромад мекунад. Омӯзгор-технолог ҳамчун мутахассис метавонад

назоратро амалӣ созад, сифати иҷрои барномаҳои инфиродии тайёриро арзёбӣ кунад, ба омӯзгорон дар интихоби маълумот, манбаъҳо, воситаҳо, шаклҳои тайёрии ба сатҳи пешбинишуда мувофиқ ёрӣ расонад. Ҳамчун ташкилотчии фаъолияти якҷоя ҳамкории ҳамаи субъектҳои раванди тайёрӣ, кори гурӯҳҳои эҷодии омӯзгоронро ташкил мекунад, шӯъбаҳои тайёрии макотиби олиро танзим менамояд. Ҳамчун машваратчӣ ва раҳнамо барои ҳавасманд гардондани омӯзгорон дар рафти тайёрӣ чораҳо меандешад. Чун эҷодкунандаи шароити мусоиди таълимӣ хусусиятҳои муҳити мутобиқшавиро нигоҳ медорад. Он ҳамчун манбаи инноватсия дар ҳолатҳои вобаста ба тағирёбии усулҳои технологӣ, ҷорӣ намудани ҷузъҳои технология, ки омӯзгорон дар фаъолияти омӯзгорӣ вонахӯрдаанд, амал мекунад.

Китобхонаи муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» маводи дастурӣ ва методиро интихоб намуда, онҳоро ба кафедраҳо пешкаш мекунад. Вазифаҳои он мунтазам огоҳонидани ҳайати омӯзгорон оид ба адабиёти таълимӣ ва илмии воридшуда дар нусхаҳои чопӣ ва электронӣ, ташкил ва баргузории намоиши нашрияҳои даврӣ мебошад, ки назария ва амалияи истифодаи технологияи инноватсионии муосири таҳсилотро дар макотиби олӣ инъикос менамоянд.

Шуъбаи таълимӣ - методӣ барои таъминоти меъёрии раванди таълим маҷмӯи маводҳо тартиб медиҳад, сифати тайёриро дар асоси муносибати технологӣ назорат мекунад. Кори танзимгарони ҷадвалро аз ҷиҳати риояи талаботи технологӣ, кори омӯзгоронро оид ба назорати тестии дониши муҳассилин назорат мекунад. Вазифаҳои шуъбаи таълимӣ - методӣ таъсиси гурӯҳҳои ташхисӣ оид ба арзёбии татбиқи технологияи «Эҷод» барои аттестатсияи минбаъдаи омӯзгорон аст.

Утоқи методӣ намунаҳои унсурҳои технологияро ҷамъоварӣ мекунад, ҷойҳои кориро барои омӯзгороне, ки ин ё он унсури технологияро аз худ мекунанд, муҷаҳҳаз месозад, барои омӯзгорон дар бораи телеконференсияҳо, онлайн-конференсияҳо, семинарҳо маълумот омода мекунад. Ба вазифаҳои он инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти маркази таълимӣ ва ташкили ташхиси

илмию методии коркардҳои анҷомдодашуда барои татбиқ, такмил ва мутобиқсозии технология ба шароити мушаххас дохил мешаванд.

Маркази таълимӣ кори худро оид ба эҷоди маводи нави таълимӣ – лексияҳои телевизионӣ, слайд – лексияҳо, маводи тестӣ, лексияҳои ҷамъбастӣ, сенарияҳои тренингҳои коллективӣ, сабти видеоии дарсҳои намоишӣ, китобҳои дарсии модулӣ – воҳид ба нақша гирифтааст.

Кафедраи умумидонишгоҳӣ мувофиқи мақсадҳои мавҷудаи тайёрии стратегӣ ва тактикии омӯзиш ва такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони худ нақша тартиб медиҳад. Дар шароити тайёрӣ ҳамчун базаи амалӣ гардондани шаклҳои асосии ин раванд кафедраҳои педагогика ва психология мавқеи махсус дорад. Дар миқёси макотиби олӣ семинарҳои методӣ, семинарҳо оид ба дидактикаи макотиби олӣ гузаронида, ҳамчунин дарсҳои кушоди омӯзгоронро ба нақша гирифта, барои паҳн намудани таҷрибаи пешқадам нақшаи дарсҳои ба навор гирифташударо тайёр мекунад. Омӯзгорони кафедра ба ҳайати шӯрои таълимӣ-методӣ дохил мешаванд ва барои пурра намудани ҳайати омӯзгорон – технологҳо ҳамчун захира хизмат мекунанд. Кафедраи информатика низ дар татбиқи раванди тайёрӣ саҳм мегузорад. Бо кӯмаки мутахасисони ин кафедра омӯзгорон бо васоити муосири инноватсионию коммуникатсиониро кор карданро аз худ мекунанд.

Ба даст овардани мақсадҳои тактикӣ ҳавасмандгардонии омӯзгоронро ба тайёрӣ, фароҳам овардани шароити моддию педагогӣ барои он дарбар мегирад. Тавре, ки дар банди 1.3 –и рисолаи илмӣ зикр гардид, омӯзгорон нисбат ба технологияи истифодашавандаи «Эҷод» ба 3 намуд – «ситоишгар», *« созишкор »* ва *« кӯҳнапараст »* ҷудо мешаванд.

Аён аст, ки дар кори ҳавасмандгардонии омӯзгорон гурӯҳҳои муайянкардаи мо бояд хусусиятҳои зикршуда ба назар гирифта шаванд.

Азбаски муносибати омӯзгорони гурӯҳи якум ба технология мусбат аст, мо самти асосии тайёрии онҳоро аз худ намудани қобилияти истифодабарии тамоми ҷузъҳои технологияи таълим муайян кардем. Ҳамзамон, бо мақсади ҳавасмандгардонӣ нисбат ба корҳои тайёрӣ

омӯзгорон бо натиҷаҳои таълим шинос шуданд. Барои ин омӯзгор-технолог якҷоя бо онҳо дарс мураттаб намуд, ё худ нақшаи тавзеҳии тайёрро истифода бурд ва он фавран дар амал татбиқ карда мешуд. Ҳамин тавр, барои омӯзгор татбиқи технология аз ҳисоби фавран дар амал татбиқ намудани донишҳои андӯхташуда маънои малакаи шахсиро пайдо кард.

Гурӯҳи дуюми омӯзгорон ғояву принсипҳоеро, ки тағйироти куллии фаъолияти онҳоро талаб намекунанд, қабул карда, бояд ҷиҳати аз нав сохтани он қисми муносибатҳои касбии худ, ки ба технологияи таълими "Эҷод" мувофиқ нест, ҳавасманд карда шаванд. Барои ин ба гурӯҳи мазкури омӯзгорон маҷбурии берунӣ аз ҷониби роҳбарият лозим аст. Барои онҳо донистани норасоии таҷрибаи онҳо дар татбиқи технология муҳим аст, аз ин лиҳоз, амсилаи натиҷаи омодагӣ ҳамчун аломати намунавии фаъолият, ки бояд ба он ноил шаванд, пешниҳод карда мешавад. Дурнамои аттестатсия ва давра ба давра ҳисоботдиҳӣ ба роҳбарият дар бораи иҷрои барномаи таълим, чунон ки таҷрибаи мо нишон дод, метавонад ҳамчун чораҳои муассир бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ба тайёрӣ барои ин омӯзгорон хизмат кунад.

Гурӯҳи сеюми омӯзгороне, ки ақидаҳо ва принсипҳои технологияи фосилавӣ - модулиро фаъолона қабул намекунанд, нисбатан каманд, вале тавре ки таҷрибаи мо нишон дод, тағйир додани муносибатҳои касбии онҳо, ки ба технологияи инноватсионӣ мувофиқ нест, комилан имконпазир аст, агар тадбирҳо андешида шаванд, масалан ба системаи арзишҳои касбии онҳо ворид намудани маданияти технологӣ ва информатсионӣ. Барои ин ба ин категорияи омӯзгорон нишон додан кифоя аст, ки татбиқи технология на танҳо талаботи муассисаи таълимӣ, балки талаботи шахсии онҳоро пурра қонеъ мекунад.

Ба вуҷуд овардани шароити педагогӣ дар марҳалаи ҳалли масъалаҳои тактикӣ аз тарафи мо бо роҳи интихоби усулҳои ташхисии муайян намудани сатҳи ҳозираи тайёрӣ, инкишоф додани мазмун, муайян намудани шаклу

усулҳои амалигардонии раванди тайёрӣ сурат гирифт. Дар баробари ин, ҳангоми истифодаи усулҳое, ки барои муайян кардани хусусиятҳои ҳавасмандгардонӣ ва самаранокии нишондиҳандаҳои натиҷаи тайёрӣ пешбинӣ шудаанд, зуҳури «падидаи дорои тамоюли иҷтимоӣ» имконпазир аст: «Ҳар як субъект, ба робитаи расмӣ бо субъекти дигар баромада, дар шароити расмӣ кӯшиш мекунад, ки рафтори худро бо назардошти меъёрҳои дар ин ҷомеа қабулшуда ва риояи онҳо аз ҷониби ҷомеа қобили қабул ва тасдиқшуда ташаккул диҳад" [125]. Бино бар ин, аксарияти омӯзгорон огоҳона ва ё бешуурона муносибати худро ба технология пинҳон карданӣ мешаванд, муносибатҳои касбии худро, ки ба меъёрҳои татбиқи муносибати технологӣ ба таълим мухолиф аст, пинҳон мекунанд. Падидаи тамоюли иҷтимоӣ ба зуҳури муносибатҳои мавҷудаи касбӣ монеъ мешавад. Омӯзгор, одатан, кӯшиш менамояд, ки худро аз ҷиҳати мусбат нишон диҳад, хусусиятҳои мавҷудаи таҷрибаи таълимиашро нишон надиҳад, агар ин таҷриба бар хилофи меъёрҳои технологии қабулшуда бошуурона идрок карда шавад. Барои бартараф намудани ин монеа мо системаи бозиҳои таълимиро таҳия ва татбиқ намудем, зеро дар рафти бозӣ омӯзгорон дар шароити суст шудани назорати амалҳои худ ислоҳи бошууронаи шаклҳо муқарраршудаи фаъолияти касбиро фаромӯш мекунанд.

Усули гузаронидан ва натиҷаҳои бозии «Технологияи фосилавӣ – модулӣ: мусбат ваманфӣ»-ро тавсиф мекунем, ки мақсад аз он муайян кардани хусусияти муқаррарот ва муносибати омӯзгорон ба технологияи «Эҷод» мебошад. Бо воситаҳои психологӣ ҳавасмандии омӯзгорон ба ҳадаф ва мундариҷаи бозӣ, қадршиносии ҳар як омӯзгор бо шаҳодатномаи иштирокчии фаъол дар бозӣ, мутобиқати равонии дастаи бозигарон, рефлексия буданд. Ба воситаҳои ташкилӣ мо қоидаҳои бозӣ, тақсимоти вазифаҳо, мукаммалии иҷрои онҳо, суръати бозиро, ки ба имкониятҳои бозингарон мувофиқ аст, нисбат додем. Воситаҳои педагогӣ маҳорати роҳбари бозӣ, возеҳӣ дар пешниҳоди натиҷаҳо, конкретӣ ва дурустии ҳамаҷонибаи дастурҳо ба бозигарон ва нақшаҳоро дар бар мегиранд. Бозӣ дар 6 марҳала сурат гирифт. Дар марҳалаи аввал самтгирӣ тавассути баргузор намудани

бозӣ сурат гирифта, ҳадафу вазифаҳои он муайян гардид, нақшҳои иштирокчиён тақсим карда ва дастаҳо ташкил ёфтанд. Дар марҳалаи дуюм бозингарон бо иштироки фаъолонаи худ дар бозӣ барои «ҳуҷуми ақлӣ» аз ҷиҳати равонӣ омодагӣ диданд. Дар марҳалаи сеюм ҷустуҷӯи дастаҷамъона барои посух ба саволҳои додашуда баргузор гардид. Дар баробари марҳалаи сеюм, таҳқиқоти хурд, ки мо онро дар марҳалаи чорум муайян кардем, ҷараён гирифт. Ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқоти хурд низ ба ин марҳала дохил гардида, дар марҳалаи панҷум мубоҳисаи байни дастаҳо истифода шуд, зеро мубоҳисаи гурӯҳӣ ҳавасмандӣ ва ҷалби иштирокчиёнро ба бозӣ дар ҳалли масъалаҳои баррасишаванда зиёд мекунад. Ин таъсир бо он шарҳ дода мешавад, ки иштирокчиёни муҳокима фикру мулоҳизаҳои мушаххасеро ба миён мегузоранд, ки дар рафти муҳокима аён мешаванд. Он гоҳ мулоҳизаҳои иштирокчиён метавонанд мукаммал шаванд ё баръакс, мисли аввала боқӣ монанд. Аммо дар ҳар ду маврид мубоҳиса ба фаъолияти минбаъдаи ҷустуҷӯи иштирокчиён такони ҷиддӣ медиҳад, ки ин дар навбати худ дар фаъолияти мушаххаси онҳо амалӣ мегардад. Марҳалаи шашум ба ҷамъбасти мулоҳиза тавассути хулосабарорӣ аз натиҷаҳои муҳокимаи гурӯҳӣ ва равшан кардани андешаҳои гурӯҳи коршиносон бахшида шуд.

Дар бозӣ 5 даста иборат аз 6 нафар ширкат намуданд. Дастаҳо аз рӯйи принсипи таҷҳизоти кафедравӣ ташкил карда шуданд. Гурӯҳ аъзоёнеро муайян кардааст, ки нақши кӯҳнапарастон (консерваторҳо), ҷонибдорони технологияҳои инноватсионӣ ва дигар бозигаронро иҷро мекунанд, ки дар байни онҳо назарияпардозон ва татбиқкунандагони муносибати технологӣ ба таълим муайян шудаанд.

Муқаддимаи психологӣ ба усули бозӣ аз ҷониби мо тавассути намоиш додани порчаҳои лексияи муқаддимавии телевизионӣ, ки ба хусусиятҳои технологияи "Эҷод" ва дурнамои такмили он бахшида шудааст, ворид карда шуд. Саволҳое, ки дар гурӯҳҳо муҳокима мешуданд, инҳо буданд:

-муносибати худро ба ғояи технологикунонии таҳсилот баён намоед;

-бартариҳои технологияи "Эҷод" аз нуқтаи назари таълимдиҳӣ;

-афзалиятҳои технологияи «Эҷод» аз нуқтаи назари таълимгирӣ;

-моделикунонӣ намунаи технологияи омӯзиши донишҷӯёне, ки шуморо ҳамчун омӯзгори мактаби олӣ қонеъ мекунанд;

- тақлид ва пайравӣ кардан ба технологияи таълимие, ки ба донишҷӯи муосир мувофиқ аст;

- дар роҳи азхуд кардан ва татбиқи технологияи «Эҷод» ба кадом монеаҳо дучор мешавед?

Ҳангоми омода намудани ҷавобҳои гурӯҳӣ ба саволҳои додашуда бо мақсади муайян кардани сатҳҳои меъёри инноватсионии натиҷаи тайёрӣ тадқиқоти хурд гузаронида шуд.

Баъд, аз рӯйи масъалаҳои муайяншуда сӯҳбати байни гурӯҳҳо барпо гардид. Гурӯҳи коршиносон натиҷаҳои тадқиқоти хурдро ҷамъбаст кард.

Пас аз ҷамъбасти натиҷаҳои бозӣ бо ҷалби роҳбарони дастаҳо, аъзоёни гурӯҳи коршиносони бозӣ, ки дар он бозӣ роҳбарӣ мекунанд, тавсияҳои дастаҷамъона таҳия карда шуданд:

- Шӯрои илмӣ - методӣ барои тартиб додани тарҳи тавзеҳии машғулиятҳои коллективӣ гурӯҳҳои омӯзгори эҷодкорро ташкил кунад;

- семинар роҷеъ ба муаммоҳои дидактии макотиби олӣ дар заминаи истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим баргузор намояд;

Ҳамин тариқ, натиҷаи бозии таълимӣ дар таҳияи намунаи инкишофи ҳавасмандии сатҳи тайёрӣ саҳми сазовор буд.

Мушоҳидаҳо аз рафти бозӣ имкон доданд, ки муносибати омӯзгорон ба татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар макотиби олӣ ошкор карда шавад ва аз ин ҳолати тайёрии инноватсиониро муайян кардан мумкин аст. Дар баробари ин, омӯзгороне ба назар мерасанд, ки малакаҳои навоваронаро нокифоя инкишоф додаанд, малакаҳои инноватсиониро ба қадри кофӣ ва низ ниҳоят хуб инкишоф додаанд. Мо гурӯҳи аввалро ҳамчун ба ҳадди ақали натиҷаи омӯзиш расида тавсиф мекунем, гурӯҳи дуюм - умумӣ, сеюм - пешрафта.

Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда оид ба фарҳанги навоваронаи омӯзгорон маълумоти иловагӣ дода, ба мазмуни барномаи семинар оид ба дидактикаи макотиби олӣ таъсири мусбат бахшид. Барои равшан кардани аҳамият ва асоснокии саволҳои дар семинар ба миён гузошташуда мо натиҷаҳои санҷишро истифода бурдем.

Барои омӯзиши меъёри умумипедагогии таълим мо аз методи «Зарурати омӯзиши педагогика ва психологияи педагогӣ» истифода намудем[200]. Дар натиҷа, ҳамаи омӯзгорон ба чор гурӯҳ тақсим карда шуданд. Барои озмоиши мо омӯзгорони дараҷаи якум ба сатҳи омодагии камтар аз ҳадди ақал; омӯзгорони зинаи дуюм — ба дараҷаи пасти тайёрӣ; омӯзгорони дараҷаи сеюм — ба зинаи умумӣ; омӯзгорони дараҷаи чорум — ба зинаи такмили ихтисос таъин карда шуданд.

Барои муқаррар намудани сатҳи фарҳанги инноватсионии омӯзгорон тестҳои махсус таҳия шуд, мушоҳидаи истифодаи суръатнок аз воситаҳои технологияи инноватсионии муосири таълим аз ҷониби омӯзгорон, инчунин методи «Фарҳанги технологияи инноватсионии омӯзгор» истифода шудаанд [170]. Аз рӯи натиҷаҳои татбиқи усулҳо ҳамаи омӯзгорон ба се гурӯҳ ҷудо шуданд. Мо омӯзгоронеро, ки фарҳанги инноватсионии паст доранд, ба сатҳи ҳадди ақали омодагӣ, ба сатҳи миёнаи фарҳанги инноватсионии ба онҳоеро, ки ба сатҳи умумии таҳсилот расидаанд ва омӯзгорони дорои фарҳанги баланди инноватсионӣ ҳастанд, ба гурӯҳи пешрафта нисбат медиҳем.

Маълумоти бадастомада аз рафти мубоҳисаи кушод тафтиш карда шуд. Дар рафти муҳокима маводҳо аз нашрияҳои даврӣ гирифта шуданд, ки масъалаҳои ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии муосири таълимро дар макотиби олӣ инъикос мекунанд. Усули «мизи мудаввар» ба мо имкон дод, ки дар фазои озод мушкилоти касбии омӯзгорон ва муносибати воқеии онҳоро ба технология муайян кунем, муносибатҳои нави касбиро ташаккул диҳем, барои инъикоси таҷрибаи андӯхтаамон шароит фароҳам оварем. Меъёри муошират барои ба даст овардани натиҷаи тайёрӣ

аз ҷониби мо дар ҷараёни мушоҳидаҳо, саволномаҳо, муқоисаи натиҷаи мушоҳидаҳо бо меъёрҳо омӯхта шуд.

Қиёси натиҷаҳое, ки мо дар усулҳои дар боло зикршуда ба даст овардаем, бо талаботи амсилаи сатҳи тайёрӣ имкон дод, ки сатҳи мавҷудаи омодагии ҳар як омӯзгор муайян ва барномаи инфиродии тайёрӣ тартиб дода шавад. Омӯзгор ҳангоми мураттаб намудани барнома бо талаботи дараҷаи муайяни натиҷаи тайёрӣ шинос шуд. Ҳангоми тартиб додани барномаи инфиродӣ маълумотҳои аз мушоҳида ба даст омада, худбаҳодиҳӣ ба малака ва қобилиятҳои мавҷуда, имкониятҳое, ки макотиби олӣ барои омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ фароҳам овардааст, натиҷаҳои тадқиқот оид ба сатҳи ҳозираи тайёрӣ ба назар гирифта шудаанд. Омӯзгор-технолог ёрии машваратӣ расонид, омӯзгорро бо тавсияҳои дар варақаҳои шахсиашон мавҷудбуда худ шинос кард, барои мушаххас гардондани шаклу мазмуни кор, муайян кардани мухлатҳои иҷрои нақшаи пешбинишуда ёрӣ расонд.

Марҳалаи навбатии кори озмоишӣ - педагогӣ оид ба омодасозии омӯзгор раванди худи тайёрӣ буд. Барои ташаккул додани ҳавасмандкунӣ мо семинарҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронидем ва муҳокимаҳоро барои тағйир додани муносибат истифода мебарем. Иштирок дар шабакаи интернет - конфронсҳо ба омӯзгорон имкон дод, ки дар бораи таҷрибаи истифодаи технологияи инноватсиони муосири таълим андешаронӣ кунанд.

Барои ташаккули дониш аз усули «кластер», семинарҳо оид ба дидактикаи мактабҳои олӣ ва семинарҳои илмӣ - методӣ истифода сурат гирифт.

Барои рушди малакаҳои технологӣ шаклҳои гуногуни семинар, ба монанди тренингҳои мувофиқ ба малакаҳо истифода бурда шуд. Идомаёбии тренинги малакаҳои технологӣ ва омӯзиши асосҳои назарии технология бо анҷоми ихтиёрии семинар ва дарси кушод аз тарафи ҳар як иштирокчӣ ба интиҳо расид.

Барои ташаккули фарҳанги инноватсионии омӯзгор аз ҷониби кафедраи информатика оид ба тарзи кор дар шабакаи интернет, кор бо системаи IP-

helping, почтаи электронӣ ва кор дар китобхонаи электронӣ тренинг гузаронида шуд.

Бо мақсади ба роҳ мондани омодагии омӯзгороне, ки ба сатҳи пешрафта расиданд, мо гурӯҳҳои эҷодӣ ташкил кардем, то сифати маводи тестиро аз рӯи маҷмӯи стандартӣ, эҷоди наворҳои таълимӣ, сабти видеоии дарсҳои омӯзишӣ арзёбӣ кунанд. Тамоми коркардҳо, маводҳо барои омодасозии омӯзгорон, супоришҳои тестӣ оид ба санҷиши донишҳои дастурии технологӣ тавассути шабакаи факултаҳои муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» барои истифода дар раванди омодасозии омӯзгорон интишор дода шуданд.

Ба иштироки омӯзгорон дар конференсияҳои онлайнӣ, ки маркази фазоӣ (таҷрибавӣ) ташкил кард ва дар конференсияҳои илмӣ- методӣ оид ба муаммоҳои ҷорӣ намудани технология диққати махсус дода шуд.

Ҳамаи маълумот дар бораи пешравии омӯзгорон дар фарогирии технологияи инноватсионӣ ба варақаҳои шахсии омӯзгорон дохил карда шудааст. Баъди ба охир расидани давраи таълим ҳар як омӯзгор дар ҳузури аъзоёни шӯрои таълимӣ - методӣ, омӯзгор – технолог дар бораи кори дар кафедра анҷомдода ҳисобот дод. Ҳамин тариқ, ҳар як омӯзгор имкон дошт, ки дар як муддати кӯтоҳ ба пешравии касбии худ боварӣ ҳосил кунад.

Муҳимтарин шароити кори гурӯҳии омӯзгор сатҳи баланди инкишофи ҳайати омӯзгорон, муҳити мусоиди равонию педагогӣ, ҳамкорӣ, тамоюли умумии арзишмандӣ, ягонагӣ дар идроки мақсад ва вазифаҳо барои татбиқи технологияи «Эҷод», шароити мусоиди пажӯҳишӣ, ҳалли эҷодкоронаи масъалаҳо, фаъолнокии аъзоёни даста, муташаккилӣ, тақсими дақиқи ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти байни омӯзгорон, идоракунии самараноки гурӯҳ мебошад, ки ба самти касбии фаъолият нигаронида шудааст.

Дар раванди азхудкунии технология шахсияти омӯзгорон куллан ташаккул меёбад. Барои ноил шудан ба ҳолати пешбинишудаи омӯзгор, фаъолияти мувофиқ зарур аст. Инкишоф на танҳо дар фаъолият, балки

дар он сурат ба даст меояд, ки бо фаъолияти шахсияти омӯзгор ҳамроҳ шавад.Талабот манбаи фаъолият мебошад. Аз ин мавқеҳои классикӣ, инчунин аз назарияи муносибатҳои В.Н.Мясищев [200] мо ғояеро ба миён мегузорем, ки муҳити омӯзгорро ба технологияи инноватсионӣ мутобиқ месозад.

Муҳит маҷмӯи шароитест, ки инсонро иҳота мекунад ва бо ӯ ҳамчун ҷисм ва шахсият муносибат мекунад. Дар робитаи мутақобилаи муҳити зист ва шахсият тағйироти омӯзгор метавонад аз тағйироти муҳит ақиб монад, ки ин ихтилофҳоро ба миён меорад ва баррасии он барои тарбия ва бозомӯзии омӯзгорон зарур аст. Аз ин рӯ, муҳити дуруст тарҳрезишуда бояд ба ҳалли ин ихтилофҳо мусоидат кунад. Муҳити иҷтимоӣ зуҳуроти мушаххаси муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, ки дар он омӯзгор, ҷомеаи иҷтимоӣ, шароити иҷтимоии рушди онҳо инкишоф меёбад. Аз рӯи таъсири ташаккулёбанда муҳит ба муайянкунанда, тарбиякунанда, машқкунӣ, таълимдиҳанда, тарбиякунанда, аз нав тарбияшаванда ҷудо мегардад. Он метавонад мусбат (бедор кардани тақлид), бепарво, манфӣ (барангезандаи эътироз) бошад[155]. Ҳамин тариқ, вазифаҳои муҳити зист дар донишгоҳ аз инҳо иборатанд:

- муайянкунандагӣ ва роҳнамоикунандагии раванди бозомӯзии омӯзгорон дар шароити технологикунонӣ ва иттилоотикунонии ҷараёни таълим;

- таълимӣ, ки ба омӯзгор барои комёбӣ дар сатҳи зарурии технологияи педагогӣ кӯмак менамояд;

- бозомӯзӣ, ки ба тағйири касбии муқаррарот ва мутобиқати онҳо бо талаботи муосири технологияи инноватсионии муосири таълим мусоидат мекунад;

- тарбия кардан, яъне тағйир додани муносибати омӯзгорон ба равандҳои инноватсионии макотиби олӣ.

Муҳити макотиби олӣ ҷаҳони ашё ва падидаҳо, одамоне мебошад, ки ба ҳам алоқаманданд, пайваста омӯзгорро иҳота намуда, рушди касбии ӯро муайян мекунанд. Ба ин муҳит муҳити иҷтимоии наздиктарин дохил мешавад: ҳайати омӯзгории кафедраҳо, гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорони, кормандони маъмурию роҳбарикунанда; сипас - биноҳо, таҷҳизот, яъне ҳамаи он чизе, ки бо дасти инсон сохта шудааст [173].

Маълум аст, ки барои бомуваффақият мутобиқшавӣ ба шароитҳои нав махсусан шароити татбиқ намудани технологияи ғайриоддии таълим аз ҷониби омӯзгорони тайёрнашуда, равандҳои омодагӣ, ҳолати функсионалӣ, равонӣ ва ахлоқии шахс нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, мазмуни иҷтимоию психологии мутобиқшавии омӯзгор ба технологияи нави таълим ҳамбастагии мақсадҳо ва тамоюлҳои арзишманди ҷомеаи омӯзгорон ва омӯзгори ба он дохилшуда, аз худ намудани меъёрҳо, фарҳанги инноватсионӣ, ворид шудан ба ҳайати асосии ҷомеаи омӯзгорони макотиби олӣ маҳсуб меёбад. Азбаски навъҳои асосии ҳар як раванди мутобиқшавӣ аз рӯи сохтори эҳтиёҷот ва мақсадҳои фард муайян карда мешавад [96], муҳити сохтории макотиби олӣ бояд мутобиқ бошад, яъне ҳамзамон сохтори мувофиқи эҳтиёҷот ва ҳавасмандии омӯзгоронро барои азхудкунии технологияи инноватсионии муосири таълим ба назар гирад ва ташаккул диҳад.

Аз ин рӯ, муҳити мутобиқшавии макотиби олӣ муҳити омӯзгорро дар шароити таълимӣ аз ҷиҳати технологӣ ташкилшуда, ба натиҷа нигаронидашуда – омодасозии омӯзгор дар сатҳи муайяни самаранокии ин раванд маънидод карда мешавад. Барои ин, муҳити зист бояд чунин бошад:

- барои раванди инноватсионӣ мусоид, яъне сарвари макотиби олӣ методология ва асосҳои илмии технологияро донад, барои доштани гурӯҳи ҳамфикрон ҳавасманд бошад;

- шахсоне, ки технологияро пурра аз худ кардан ва ҷорӣ кардан мехоҳанд, шароити мусоид фароҳам бошад;

- барои онҳое, ки технологияро эҷодкорона аз худ кардаанд, барои фаъолияти минбаъдаи истеҳсолӣ шароит муҳайё кунанд;

- нисбат ба омӯзгороне, ки фаъол нестанд, серталаб бошанд;

- барои азнавсозии шуури педагогӣ шароит дошта, аз ҷиҳати равонию педагогӣ салоҳиятнок бошад.

Раванди ташаккули муҳити мутобиқшавӣ ба амал ва таъсири мутақобилаи омилҳои самаранокии фаъолияти омӯзгорӣ дар шароити истифодаи технологияи таълимии «Эҷод», инчунин ба истифодаи механизми дарк, азхудкунӣ, азёдкунӣ ва рушди фаъолияти маърифатӣ, ки аз рӯи принсипи тарғибкунӣ, таваҷҷӯҳ - шавқ - хоҳиш - амал фаъолият мебарад.

Раванди мақсадноки ташкили муҳити мутобиқшавиро шартан ба се марҳала ҷудо кардан мумкин аст. Самаранокии ҳар як марҳала аз рӯйи дараҷаи ноил шудан ба ҳадафи мувофиқ баҳо дода мешавад. Аз ин рӯ, ташхис ва воқеияти ҳадафу вазифаҳои марҳалаҳо, таъмини назорати ин раванд нақши махсус мебозад. Ду шарти охирин имкон медиҳад, ки раванди ташкили муҳити мутобиқшавӣ самаранок идора карда шавад ва қарорҳо оид ба масъалаҳои ташкилӣ дар асоси инноватсионӣ аз ҷиҳати ташхисӣ аҳамиятдошта бо истифода аз усулҳои ташхиси ба ҳадаф ва вазифаҳои марҳала ҷавобгӯ қабул карда шаванд.

Дар марҳалаи аввал барои омӯзиш дар раванди тайёрӣ заминаи моддӣ фароҳам мегардад, яъне дастрасии ройгон ба адабиёти методӣ, техникаи компютерӣ, адабиёт оид ба масъалаҳои педагогикаи макотиби олӣ ва шабакаи интернет таъмин карда мешавад. Марҳалаи аввал ҳамчунин ташкили кабинети методиро, ки ба хизматрасонии ҳар як омӯзгори муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» нигаронида шуда, утоқи махсуси компютерӣ, ки дар он тестҳо санҷида мешавад, муҷаҳҳаз гардонида шуда, лабораторияҳои лингвистии ултрамодернро низ дар бар мегирад. Ороиши ғайримаъмулии биноҳои таълимии муҷаҳҳаз бо васоити таълимӣ махсус ба татбиқи пурраи технологияи «Эҷод», ҳамчунин ба унсурҳои муҳити мутобиқшавӣ дахл дошта, ки барои омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён рӯҳияи муносиби корӣ фароҳам меорад, пешбинӣ шудааст. Шароити моддии дастгирии омодасозии омӯзгорон аз рӯи унсурҳои

технология ба татбиқи барномаҳои инфиродии омодагӣ замина мегузорад. Осорхонаи технологияи фосилавӣ - модулӣ, ки дар муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» таъсис ёфтааст, барои ташрифкунандагон - омӯзгороне, ки бори аввал ба азхудкунии технология шурӯъ мекунанд, фазои мусоид фароҳам меорад.

Марҳалаи дуюми эҷодӣ муҳити мутобиқшавӣ бо муносибатҳои объективии маъмурияти макотиби олӣ ба татбиқи технологияи таълими «Эҷод» алоқаманд аст. Мавзӯъҳои ташаккулёфтаи вохӯриҳои маъмурият, вохӯриҳо бо декан, вохӯриҳои истеҳсолӣ бо иштироки кормандони ёрирасон, кори онлайни таълимӣ оид ба намоиши видеофилмҳо оид ба технологияи фосилавӣ-модулӣ, видеомаводи дорои хусусияти рекламавӣ ба мутобиқшавии кормандон ба шароити махсуси кор мусоидат мекунанд.

Марҳалаи сеюми ташкили муҳити мутобиқшавӣ ба қобилияти дастрасии ройгони омӯзгорон ба нашрияҳои даврии дорои мавзӯъҳои инноватсионӣ, озодона дар маҷмӯаҳои макотиби олӣ нашр кардан, иштирок дар конфронсҳои онлайнӣ ва гирифтани шаҳодатномаҳо дар бораи гузаштани марҳалаи муайяни такмили ихтисос алоқаманд аст. Ин сеюм марҳала фароҳам овардани шароит барои худшиносии омӯзгорон дар соҳаи азхудкунии технология, ифодаи соҳибтахассусӣ ва рушди худинкишофдиҳиро дар назар дорад.

Муҳити мутобиқшавии тавсифшуда аз ҷониби мо омили муҳимтарини баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандии омӯзгорон дар раванди таълим дониста мешавад, ки шарти асосии фаъолгардонии шахсияти омӯзгор дар раванди азхудкунии технологияи таълими дар макотиби олӣ қабулшуда мебошад. Хусусиятҳои он фароҳам овардан ва нигоҳ доштани шароит барои зуҳури эҳсосоти мусбат аз ҷониби омӯзгорон, муайян кардани_мушкилоти макотиби олӣ вобаста ба ҷорӣ ва рушди технологияи таълим, тарҳрезии мутобиқсозии омӯзгорон ба муҳити зистро дар бар мегирад. Ин авҷи мутобиқшавии омӯзгорон ба технологияи нави таълим мебошад. Исботи таъсири муҳити мутобиқшавӣ аз ҷониби мо дар ҷараёни ҷамъбасти натиҷаҳои кори таҷрибавӣ анҷом дода шуд. Барои ин, мо дар байни омӯзгорон пурсиш

гузаронидем, ки ҳадафи он равшан кардани дараҷаи таъсири муҳити мутобиқшавии макотиби олӣ ба натиҷаҳои таълим мебошад. Омӯзгорон бояд аз се баҳо: «паст», «миёна», «баланд» барои таъсири муносибатҳои объективии роҳбарият ба татбиқи технологияи таълим, фаъолияти омӯзгор-технолог, мавҷудияти дастрасии ройгон ба парки техникаи компютерӣ, қобилияти озодона интишор додан дар маҷмӯаҳо ва ғайраро қайд мекарданд.

Аксарияти омӯзгорони пурсишшуда таъсири хусусиятҳои муҳити мутобиқшавиро, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, пурқувват арзёбӣ мекунанд. Таъсири аз ҳама бештар ба бозомӯзӣ дастрасии ройгон ба компютерҳо, шабакаи интернет ва дастурҳо оид ба ҷорӣ ва татбиқи технологияи инноватсионии таълим буд. Шумораи бештари баҳои пасти дараҷаи таъсир ба омодагӣ ба имконияти чопи озод дар маҷмӯаҳои маводи илмию методии конфронсҳо (26,9%), камтар аз ҳама ба муқаррароти объективии роҳбарияти макотиби олӣ оид ба ҷорӣ намудан ва татбиқи технологияи инноватсионии таълим (5%) рост меояд. Дар асоси таҳлили маълумоти ҷадвал ба хулосае омадем, ки дар воқеъ хусусиятҳои дар боло зикргардидаи муҳити мутобиқшавӣ барои ҳавасмандгардонии омӯзгорон ба татбиқи технологияи таълимии «Эҷод» нақши назаррас доранд. Аз ин рӯ, метавон ба хулосае омад, ки дар раванди ҷорӣ намудани ҳар як технологияи инноватсионии муосири таълим муҳити мутобиқшавӣ ҳамчун омили ҳатмӣ дар раванди ташкили такмили ихтисоси омӯзгорон ба инобат гирифта шуда, бо назардошти хусусияти технологияи ҷоришаванда махсус тарҳрезӣ карда мешавад.

Инак, мо раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ пайваста тавсиф намуда, шартан ба марҳалаҳо мувофиқи мақсадҳои стратегӣ, тактикӣ ва оперативӣ тақсим кардаем. Шакл ва усулҳои кори омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияи «Эҷод» оварда ва шароити татбиқи ин раванд тавсиф карда шудааст;

- нақши муҳити мутобиқшавӣ ва вазифаҳои он дар татбиқи раванди омодагӣ нишон дода шудааст. Вазифаи асосӣ, ба андешаи мо, фароҳам овардани шароит барои зуҳур ва рушди муносибатҳои эмотсионалии

омӯзгорон ба технологияи таълимии дар макотиби олӣ қабулшуда мебошад, ки дар баробари инкишоф додани онҳо метавонад ба эҳтиёҷоти рушди он табдил ёбад ва аз ин рӯ, ба ҳавасмандгардонии омӯзгорон барои омодагии самарабахш мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, вазифаҳои дар банди 2.2. дар назди мо гузошташуда иҷро гардиданд.

Акнун, мантиқан самаранокии системаи таҷрибавии шаклҳо, усулҳо, шароитҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишудаи омодасозии омӯзгорон дар татбиқи технологияи фосилавӣ-модулии «Эҷод», ки мазмуни фасли навбатиро муайян мекунад, бояд вазифа гузошта шавад.

## 2.3. Самаранокии технологияи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим

Дар марҳалаи муосири таълим ва имконоти зеҳнии захираҳои инсонӣ технологияи инноватсионии муосири таълим ва дар мазмуни таълим истифода намудани он ҳамчун маҳаки сатҳи рушди ҷомеа, тавоноии иқтисодӣ ва амнияти миллии кишвар ба дастовардҳои беназир соҳиб мегардад. Технологияи инноватсиониро мо ҳамчун раванди махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ дарк менамоем, ки ба кор карда баровардани донишҳои объективии бо низоми муайян ташаккулёфта дар бораи олам равона гардидаанд.

Истилоҳи «технологияи инноватсионии муосири таълим» имкон медиҳад, «технология» дар соҳаи маориф ба таври васеъ шарҳу эзоҳ дода шавад. Мо афзал медонем, ки технологияи раванди таълимро мавриди тадқиқ қарор диҳем. Маҳз дар ҳамин маъно мо мафҳуми «технологияи инноватсионии муосири таълим»-ро татбиқ менамоем.

Инноватсия – ин истилоҳе мебошад, ки объектҳо, меъёрҳо, арзишҳо ва парадигмаҳоеро ифода менамояд, ки бори аввал пайдо гардидаанд ё аз соҳаҳои дигари илму фарҳанг гирифта шудаанд.

Ҳамин тавр, технологияи инноватсионӣ дар пасманзари таҳқиқоти мо

ҳамчун раванди ба ташаккули фаъолияти маърифатӣ дохил намудани воситаҳои таълим бо мақсади баланд бардоштани сифати таълими муҳассилин муайян карда мешавад.

Раванди педагогӣ ба фикри мо, дар асоси ҷамъбаст, кушода додан ва таҳлили таҷрибаи омӯзгорони каму беш муваффақ, ки дар мавқеи пешрафта ва муосири педагогика қарор дошта, амалия ва илмро бо хулосаҳо ва муқаррароти нав бой мегардонанд, таҳия мегардад. Барои ҳар як ҳолати мушаххас намунаи фаъолияти педагогии омӯзгори муваффақ дарёфт карда ва ин намуна барои омӯзгорони дигар қатъиян тавсия карда мешавад. Аз тарафи методистҳо таҷрибаи педагогӣ андӯхта шудааст. Татбиқи таҷрибаи бегона пешрафти сифатнок ва миқдориро кафолат дода наметавонад, бинобар ин пешгӯии рушди низом муҳим арзёбӣ мегардад (баҳогузорӣ карда мешавад), то сари вақт дахолат карда шавад, агар раванд аз самти дилхоҳ дур равад. Бо ҳамин сабаб унсури асосии муносибати анъанавии шахсӣ-методикӣ пешгӯи-шаванда буда, он барои иттилооти робитаи мутақобила зарур мебошад.

Технологияҳои «самаранок»-и таълим ҳамчун тарзҳои ташкили бонизоми фаъолияти муҳассилин ва педагогҳо дар доираи низомҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ метавонанд бо барномаҳои махсуси таълимӣ асоснок карда шаванд. Асоси истифодаи воситаҳои таълимиро инҳо ташкил медиҳанд:

- ба таври нопурра қабул доштани технологияҳо;
- технология ҳамчун алгоритми иҷрои фаъолияти муайяни омӯзгорӣ (ҳамчун раванд);
- назарияи таълим (мазмуни он ба назар гирифта нашудааст);
- технологияи педагогӣ ҳамчун микросистема бо мақсади ба даст овардан ;

Воситаҳои таълимӣ бо мазмун, методҳо ва шаклҳо, инчунин муҳити инноватсионии-мавзӯии таълим, ки воситаҳои моддии таълим робитаи муҳими онро ташкил медиҳанд, зич алоқаманд мебошанд.

Дар ин марҳалаи рушди ҷомеа функсияҳои асосии донишҳои илмӣ ва

малакаҳои амалӣ аз рӯи мақсад ва хислати амалишавӣ ба ҳамдигар мувофиқ набуда, бо ин сабаб барои тақвияти мақсадноки ҳамкорӣ дар байни онҳо заминаи зарурӣ фароҳам оварда намешавад. Ин имкон медод, ки аз як тараф ба рушди илм суръат бахшида шавад, аз тарафи дигар сифати фаъолияти таълимию тарбиявӣ баланд бардошта, ба таври фаврӣ ба рушди фарҳанги зеҳнии муҳассилин мусоидат карда шавад.

Раванди таълим, ки дар он функсияи асосии омӯзгор аз хабар додани донишҳои тайёр иборат буда, вазифаи муҳассилин қабул, дарк, ба хотир гирифтан ва нақл карда тавонистани донишҳои ба ӯ додашуда мебошад, ба он мусоидат мекунад, ки дар муҳассилин қобилияти такроран ба миён овардани фаъолияти маърифатӣ рушд намуда, вале ба пешрафти фарҳанги зеҳнии ӯ чандон мусоидат намекунад.

Ҳангоми чараён бахшидани амалиёти зарурӣ дар раванди таълим аз ҳама муҳим ғоя дар бораи таҳлил аз рӯи алгоритмҳои қатъиян муайянгардида, аҳамияти дилхоҳ мафҳум ба воситаи шарҳи амалиёте муайян карда мешавад, ки ҳангоми ташаккул, татбиқ гардидан ва санҷиши ин мафҳум истифода шуда буд. Агар мафҳумҳо бо амалиётҳо алоқамандӣ надошта бошанд, он гоҳ онҳо бемаъно эълон карда мешаванд. Агар мафҳум бо роҳи ишора ба он амалиёти такроpистеҳсолшаванда ба даст омада бошад, он гоҳ натиҷа танҳо барои мушоҳидаи эмпирикӣ ё ченкунӣ дастрас аст. Нақши амалиёт – ҳаракат муболиға карда (аз будан зиёд нишон дода) ва мутлақ сохта шудааст. Амалиётҳо метавонанд «инструменталӣ» ё тафаккурӣ бошанд. Масалан, амалиёти «коғаз ва қалам» ва «вербалӣ» «шифоҳӣ», «гуфтугӯӣ».

Ба шарофати муайян кардани аҳамияти дилхоҳ мафҳум ба воситаи шарҳи ҳаракат ва ҷудо кардани вокуниши оперантӣ ҳамчун воҳиди раванди омӯзиш, таълими барномавишуда мумкин аст бо истифода аз мошинҳои омӯзишӣ амалӣ гардад. Бо ёрдами ин таҷҳизот инноватси аз нав коркард гардида, пешниҳоди он бо як амр сурат мегирад.

Барои ташаккули мукаммали ҳаракатҳои шуурнок зарур шуморидем,

ки бунёди системаҳои шартҳои психологӣ таъмин карда шаванд, ки аз чор зерсистема иборат мебошанд:

-ташаккули ангезанокии муқаррарӣ барои азхудкунии ҳаракат ва ба амал баровардани он;

- таъмини ҳадафнокии мукаммал ва иҷрои ҳаракати азхудшаванда;
- тарбияи хосиятҳои зарурии ҳаракат;
- ба нақшаи идеалӣ (бошуурона) гузаронидани ҳаракат.

Ҳангоми ин гуна муносибат ба таълим муҳассилин субъекти ҳамкории таълимӣ набуда, балки объекти таъсиррасонии педагогӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки дар байни омӯзгор ва муҳассилин муколама баргузор нагардида, интихоби озоди пешрафт ва ҳаракати мустақилона вуҷуд надорад. Дар назди мо, падидаи ба ном «муносибати фардӣ» меистад, ки дар мавриди он чунин мешуморанд, ки худи муҳассилин дар бораи худ ягон чӣ намедонад, вале омӯзгор бисёр хуб дарк менамояд, ки барои ӯ чӣ беҳтар аст.

Данилчук Е.В. мегуфт, ки бисёр вақт кӯдакро барои сусткорӣ, барои дер ҷавоб додан, барои он вақте, ки ӯ мехоҳад фикрҳои худро ҷамъу гирд намояд ва дар воқеъ дар атрофи масъалаи пешомада фикрронӣ кунад, маломат мекунанд. Дар ин гуна ҳолатҳо тасаввуроти нокифоя дар бораи вақт ва озодӣ боиси ба вуҷуд омадани одати муҳокимаронихои рӯякӣ ва осемавор мегардад. Чуқурие, ки бояд дарки масъала то он рафта расад, сифати тафаккури минбаъдаро муайян мекунад. Ҳар гуна усули дарсдиҳӣ, ки хонандаро барои ҷавоби бомуваффақона ё дарки равшани донишҳои азхудшуда талқин менамояд, дар болои яхи тунуки муаммоҳои воқеӣ мелағжад, яъне мавқеи устувор надошта, методи воқеии тарбияи шуурнокиро халалдор месозад [38,с.45].

Технологияи педагогӣ нисбат ба технологияи шахсӣ-методикии таълим хислати умумӣ дорад. Технологияи таълим аз технологияи педагогӣ бо он фарқ мекунад, ки технологияи таълим роҳи аз худ намудани маводи таълим (мавҳум)-ро дар доираи фан, мавзӯъ ва масъалаи муайян ва дар доираи технологияи интихобшуда инъикос мекунад.

Ба принсипҳои дар боло номбаршудаи таълим такя намуда, мо имкон пайдо кардем, ки қонуниятҳои зерини таълимро муайян созем:

- қонуниятҳои алоқамандии ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯ;
- қонунияти илмӣ будани маводи таълим дар мутобиқат бо имкониятҳои синнусолӣ ва фардии донишҷӯён;
- мазмуни маводи таълимӣ ва супоришҳои таълимӣ хислати ба донишҷӯ нигаронидашуда доранд;
- қонуниятҳои мазмуни маводи таълимӣ ва супоришҳои таълимӣ бо назардошти ифодаи системавӣ ва пайдарҳамӣ бунёд ёфтаанд;
- қонуниятҳои алоқамандии байниҳамдигарии байни гурӯҳҳои алоҳидаи фанҳо;
- қонуниятҳои алоқамандии диагностика ва прогностикаи фаъолияти таълимӣ;
- қонунияти таъсири курси «Фарҳанги зеҳнӣ», модели графикӣ барои аз худ намудани донишҳои фаннӣ.

Танг ва якмаъно будани мақсадҳо, ки аз ҳисоби технологияҳои педагогии солҳои 50-80-уми қарни гузашта ба вуҷуд омадаанд, акнун бо афзалиятҳои рушди фардияти инсон ва шахсият зиддият мекунад [76]. Худро муҳим шуморидан ва худро ҳаматарафа дар ҳаёт татбиқ намудан, нотакрор будани инсонро ҳавасманд намудан мавқеи бештар пайдо мекунанд, ки дар ин гуна вазъият ҳар як донишҷӯ нақшаи худии ҳаракатро аз рӯи маводи таълимӣ таҳия месозад, ки ба мақсадҳо, талабот ва манфиатҳои ӯ ҷавобгӯй мебошад. Имрӯзҳо консепсияҳое таҳия карда мешаванд, ки ифодаи таълими дар воқеъ рушдкунанда буда, ғояи асосии онҳо «одами қобилиятнок ва одами озод» мебошад. Дар ин маврид ба сифати субъекти таълим шахсияте баромад мекунад, ки қобилият дорад дар ин гуна гуногун намудиҳои олами муосир мавқеи зарурии хешро устувор нигоҳ дорад. [77,78].

Ҳангоми гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-педагогӣ оид ба ташкили раванди омодагӣ гурӯҳи омӯзгорони муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» -ро, ки ба

таҷриба фаро гирифта нашудаанд, ба ҳайси гурӯҳи назоратӣ интихоб кардем. Аз 150 нафар омӯзгор аксарият дар сатҳи ҳадди ақали омодагӣ буданд, вале бо сабабҳои гуногун ба системаи таълим дохил карда нашуданд (сарбории кам, ҷои кори асосӣ бо муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» мувофиқат намекунад). Онҳо барномаи омодагии инфиродӣ надоштанд, ки онҳоро ба натиҷаи муайян роҳнамоӣ созад. Дар баробари ин, дар байни онҳо, асосан, мутахассисони дорои дараҷаи илмӣ ва аз ин рӯ, тайёрии баланди методӣ, соҳиби қобилияти баррасии масъалаҳо, ки нисбат ба гурӯҳи таҷрибавӣ бартарии муайян доранд, буданд. Мо бояд нишон диҳем, ки дар шароити татбиқи модели раванди омодагӣ, ки мо таҳия кардаем, суръати пешрафт дар омодагии омӯзгорони гурӯҳи таҷрибавӣ аз суръати омодасозии омӯзгорони гурӯҳи назоратӣ зиёдтар аст. Маҳз барои ҳамин ба мо лозим омад, ки муҳити мутобиқшавӣ ҳамчун омили муҳими ҷалби бештари омӯзгорон ба раванди омодагӣ тавассути баланд бардоштани ҳавасмандии омодагӣ бо роҳи истифодаи муҳити эмотсионалиро ҷуброн кунем. Ҳамин тавр, гурӯҳи назоратӣ, ки дар рафти омодагӣ мунтазам машғулият нагузаштааст, дар ибтидои озмоиш нисбат ба санҷишшавандагон бартариҳои муайян дошт: дараҷаи баланди тайёрии илмию методӣ, дараҷаи тайёрӣ ба истифодабарии технология на камтар аз ҳадди ақал.

Бо сабаби он ки барномаҳои инфиродии такмили ихтисоси омӯзгорон дар асоси модели самаранокии седараҷаи раванди таълим таҳия шуда буданд, динамикаи самаранокиро мо хеле сода - мувофиқи дараҷаи пуррагии барномаи инфиродӣ назорат мекардем. Агар барнома зиёда аз 70 фоиз иҷро шуда бошад, он гоҳ дараҷаи пешбинишудаи тайёрӣ ба даст оварда шудааст.

Азбаски муаллимони гурӯҳи назоратӣ барномаи инфиродии омодагӣ надоштанд, мо зуҳуроти соҳаҳои ҳавасмандкунӣ, маърифатӣ ва амалии онҳоро бо зуҳуроте, ки аз рӯи модели натиҷаи омодагӣ муайян карда шудааст, муқоиса кардем.

Кори таҷрибавӣ - педагогиро мо дар асоси 2 макотиби олӣ ба ҷо овардем. Интихоби макотиби олии дар боло зикршуда ба таҳлили шароити

мавҷуда барои таҷриба асос ёфтааст. Моро, пеш аз ҳама, ба омодагии омӯзгорон ва сохторҳои сохторӣ ба татбиқи модели раванди омодагӣ манфиатдор будем. Илова бар ин, интихоби пойгоҳ барои таҷриба бо ҳузури омӯзгор - технологе муайян карда мешавад, ки вазифаи худро бо дигар вазифаҳои хизматӣ пайваст намекунад.

Таҳлили ҳисоботи омӯзгорони гурӯҳи таҷрибавӣ оид ба иҷрои барномаҳои инфиродии фаъолияти омодагӣ нишон дод, ки дар сатҳи ба дастомадаи натиҷаҳои таълим тағйирот ба вуҷуд омадааст.

Таҳлили маълумотҳои ин ҷадвалҳо ба мо имкон дод, ки баъзе хулосаҳо барорем. Афзоиши бештар дар муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба мушоҳида расид ва шумораи омӯзгороне, ки сатҳи такмили омодагиро гузаштаанд - 98% аз сатҳи мавҷуда то шомил шудан ба раванди омодагиро ташкил медиҳанд. Аён аст, ки ин ба хислатҳои касбии омӯзгорони макотиби олӣ вобаста аст, зеро аксари онҳо сатҳи муайяни омодагии методӣ, таҷрибаи гузаронидани корҳои илмӣ – тадқиқотӣ дар соҳаи илмҳои таълимиро доранд. Дар рафти тайёрӣ ба тадқиқоти соҳаи педагогикаи макотиби олӣ майл пайдо мешавад. Омӯзгорон тафаккури фаъолияти илмиро вобаста ба проблемаҳои ҷорӣ ва мутобиқгардонии технологияи инноватсионии муосири таълим барои таълим ташаккул медиҳанд. Мазмуни семинарҳо, машғулиятҳои назариявӣ ва методӣ ба амиқ гардондани тайёрии умумии педагогӣ ва методӣ, аз худ намудани малакаҳои технологӣ нигаронида шудааст. Ҳайати омӯзгороне, ки мо онҳоро ба дараҷаи олӣ нисбат додем, тағйир наёфтааст. Гурӯҳи назоратӣ, ки аз 150 нафар иборат аст, аз лиҳози ҳайат ба теъдоди омӯзгорони таҷрибавӣ баробар аст, яъне инъикоси хусусият, ки дараҷаи мавҷудаи натиҷаи таълим аст, дар гурӯҳҳои таҷрибавию назоратӣ як хел мебошад. Ин аз ҷониби мо бо истифода аз меъёри Манна-Уитнӣ муқаррар карда шуд. Динамикаи гузариши омӯзгорони гурӯҳи назоратӣ аз як дараҷаи самаранокии таълим ба сатҳи дигар, баландтар ё ба низоми худинкишофӣ дар расми 13 нишон дода шудааст.

**Расми 13. Динамикаи гузаштани омӯзгорони гурӯҳи назорат аз як дараҷаи самаранокии таълим ба дараҷаи баландтар.**

**Расми 13.**




Нишон диҳем, ки фарзия дар бораи тағйироте, ки дар зинаҳои таълим дар натиҷаи ба раванди таълими махсус ташкилшуда ҷалб намудани омӯзгорон ба амал омадаанд, ба таври таҷрибавӣ тасдиқ карда шудааст.

Азбаски натиҷаҳои мушоҳида дар се гурӯҳ – сатҳи ҳадди ақал, умумӣ ва пешрафта пешниҳод шудаанд, шумораи дараҷаҳои озодӣ 3 - 1 = 2 аст. Ҳама арзишҳои эмпирикии меъёри хи- мураббаъ дар ҷадвалҳои 2 дар гурӯҳҳои омӯзгороне, ки аз омӯзиш гузаштаанд, аз арзиши интиқодии он 13,82 бо эҳтимолияти хатоҳои қобили қабул 0,1% зиёданд. Дар натиҷа, фарқияти аз ҷиҳати оморӣ муҳимро дар тақсимоти хислат (сатҳи омодагӣ) пеш аз омӯзиш ва баъд азомӯзиш метавон қайд кард, яъне тағйирот дар тақсимоти хислат дар гурӯҳи таҷрибавӣ дар сатҳи аҳамиятнокӣ p = 0,01 назаррас аст. Қимати эмпирикии хи-мураббаъи меъёр, ки ба 0,1481 баробар аст, дар гурӯҳи назоратӣ камтар аз арзиши интиқодӣ, баробар ба 13,82 дар p=0,01 ва камтар аз арзиши интиқодӣ дар p=0,05, ба минтақаи фарқиятҳои ночиз афтодаанд. Аз ин рӯ, мо метавонем хулоса барорем, ки тағйирот дар тақсимоти хислат дар гурӯҳи назоратӣ эътимоднок нест.

Дар асоси он, ки тағйирот дар арзишҳои хислат дар гурӯҳи таҷрибавӣ боэътимод (р=0,01) ва дар гурӯҳи назоратӣ беэътимод мебошанд (р= 0,01), метавон хулоса кард, ки таҷрибаи ташаккулдиҳанда ба баланд бардоштани самаранокии омодагӣ нигаронидашуда натиҷаҳои мусбат дод ва бо эҳтимолияти хатои 0,1% муваффақ донистан мумкин аст.

**Хулосаи боби дуюм**

Омӯзиш ва таҳлили манбаҳои адабиётӣ имкон доданд, ки хосиятҳои технологияҳои инноватсионӣ муайян карда шаванд. Ба онҳо дохил мешаванд:

- инъикоси воқеияти объективии олами моддии рушдкунанда;
- ошкор кардани алоқаи байниҳамдигарии мафҳумҳои «фарҳанги зеҳнӣ» ва «технологияи инноватсионӣ»;
- ба низом даровардан ва тасниф намудани бастаи ба тартиб даровварда нашудаи маълумотҳо ва ҳодисаҳо;
- муайян намудани алоқамандиҳои сабабӣ-натиҷавӣ дар байни фанҳо;
- муқаррар намудани зиддиятҳои фанни омӯхташаванда;
- серҳаракатӣ, мобилӣ будан, доштани хосияти ба падидаи муқобили худ ворид гардидан;
- системанокии донишҳои илмӣ, ки имкон медиҳанд фаъолияти амалӣ мутобиқи принсипҳо ва қонуниятҳо бунёд гардад.

Таҳлили имкониятҳои муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» нишон дод, ки сохторҳои қобилияти таъминкунии самаранокии ин раванд мавҷуд мебошанд.

Муайян намудани вазифаҳои ҳар як сохтор дар ин раванд имкон дод, ки барномаи корҳои таҷрибавӣ - педагогӣ барои омода намудани омӯзгорони муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ба истифодаи технологияи таълими «Эҷод» таҳия карда шавад. Азбаски ягон раванди педагогӣ, аз ҷумла раванди омодасозии омӯзгорон 100 фоиз натиҷаро кафолат намедиҳад, мо ҳамчун намуна муҳити мутобиқшавии макотиби олиро интихоб намудем.

Нақши муҳити мутобиқшавӣ аз фароҳам овардани шароит барои зуҳур ва рушди муносибатҳои эмотсионалии омӯзгорон ба технологияи таълими дар макотиби олӣ қабулшуда мебошад, ки таҳияи он барои ҳавасманд намудани омӯзгорон барои омодагии самаранок ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири мусоидат мекунад.

Раванди омодасозии омӯзгорон мувофиқи ҳадафҳои стратегӣ, тактикӣ ва амалиётӣ шартан ба марҳалаҳо тақсим карда мешавад. Шакл ва усулҳои кори омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияи «Эҷод» барои ноил шудан ба ҳадафҳо бо истифода аз шароити татбиқи ин раванд нигаронида шудааст. Усули муайян кардани ноил шудан ба самаранокии раванди омодагӣ ҷиҳати иҷрои барномаҳои инфиродии омодагӣ пешниҳод гардидааст. Натиҷаи кори таҷрибавӣ – педагогӣ оид ба ташкил ва гузаронидани раванди омодагӣ дар шакли маълумот, ки аҳамияти хусусиятҳои тадқиқотро нишон медиҳанд, муайян карда шудааст.

Зарурати арзёбии тағйирёбии арзишҳои хусусият дар шароити се андозагирӣ (яъне се сатҳи банақшагирифтаи омӯзиш) бо ягона намунаи интихобкардаи омӯзгорон, яъне тавассути коркарди математикии маълумот барои нишон додани аҳамияти омории натиҷаҳо моро водор сохт, ки меъёри мураббаъро ҳамчун методи ба вазифаи арзёбии натиҷаҳо мувофиқ истифода барем.

Муқоисаи арзишҳои эмпирикии санҷиши хи-мураббаъ бо арзишҳои интиқодӣ нишон дод, ки барои ҳар як аз 6 намуна онҳо аз охирин хеле зиёданд ва дар гурӯҳи назоратӣ арзиши ин санҷиш аз интиқодӣ камтар аст. Ин барои расидан ба чунин хулоса, ки озмоиш бо эҳтимолияти хатогии 0,1% муваффақона анҷом дода шуд, асос гардид.

Маълумоти овардашуда оид ба арзёбии таъсири муҳити мутобиқшавӣ ба раванди омодасозии омӯзгорони муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар татбиқи технологияи муосири таълими «Эҷод» аз таъсири хусусиятҳои муҳит ба самаранокии раванди таълим шаҳодат медиҳад.

Барои ошкор кардани ин мавзӯъ аз ҷониби мо таснифи муқоисавии мафҳумҳои «технологияи педагогӣ» ва «технологияи инноватсионӣ» анҷом дода шуд. Ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои педагогӣ ҳар як омӯзгорон, ки ба таври эҷодкорона фаъолият мебарад, аз мақсад, вазифаҳо, таркиби дарс шуруъ намуда, методҳо ва воситаҳои гуногуни таълимро истифода бурда, технологияи худро таҳия менамояд.

Ҳамин тариқ, мо самтёбии раванди омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияи таълимӣ дар макотиби олӣ қабулшударо барои ноил шудан ба самаранокии сесатҳа, ташаккулёбӣ дар раванди омодагӣ бо назардошти таҷрибаи инфиродии омӯзгории омӯзгорон ва бартараф намудани қолабҳои фаъолияти ӯ, фароҳам овардани муҳити мутобиқшавиро, ки ба омӯзгорон барои азхудкунии технология мусоидат мекунад, нишон додем. Шарти охирин барои муваффақияти раванди омодагӣ ҳалкунанда аст. Ҳамин тариқ, фарзияи тадқиқоти мо тасдиқ гардид.

# ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Дар гузашта, ба таври оммавӣ омӯзонидани донишу малака дар сатҳи бадастовардаи истеҳсолот мувофиқ аз насли наврас талаб карда мешуд. Хусусияти оммавии таълим стандартикунонии талабот нисбат ба донишҷӯён, ягонагии равандҳои таълим, ба вуҷуд овардани системаи назорати сифати маводи ниҳоии раванди педагогиро талаб мекард. Таълим хусусиятҳои раванди истеҳсолотро соҳиб гардид.

Хусусияти мантиқии дар амалияи таълим зоҳир гардидани муносибати технологиро дар ҳалли масъалаҳои таълиму тарбия ва аз ин рӯ, ба миён омадани масъалаи омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба татбиқи ин равиш қобилиятдошта аз ҷониби мо бо мисолҳо аз таърихи амалияи таълиму тарбия нишон дода шуд. Мисолҳо дар бораи кӯшишҳои бомуваффақият амалӣ намудани лоиҳаҳои пешбинишудаи равандҳои педагогӣ, ки ҳамчун прототипҳои технологияҳои муосири таълим хизмат мекарданд, далолат медиҳанд.

Дар диссертатсия раванди таҳаввули мафҳумҳои педагогӣ, ки бо пайдоиши равиши технологӣ дар системаи маориф алоқамананд, тавзеҳ дода шудааст. Афкори мутафовит оид ба шарҳи мафҳуми «Технологияи инноватсионии таълим» мавҷуд буда, дар таърифи зерини пешниҳодкардаи ЮНЕСКО ҷамъбаст гаштааст: «Технологияи таълим - усули мунтазами эҷод, корбаст ва муайян намудани тамоми раванди таълим ва азхудкунии дониш бо назардошти баҳисобгирии захираҳои техникӣ ва кадрӣ ва ҳамгироии онҳо, беҳтар намудани шаклҳои таълимро вазифаи худ қарор додааст».

Дар марҳалаи кунунии рушди муносибати технологӣ дар соҳаи маориф раванди истифодаи фаъолонаи захираҳои инноватсионӣ ба амал меояд. Воситаҳои технологияи инноватсионии муосири таълим бори аввал дар таърихи рушди маориф ҳамчун воситаи асосӣ ва ҳатмии фаъолияти касбии омӯзгорони макотиби олӣ маҳсуб ёфт. Рушди шабакаҳои телекоммуникатсияи иттилоотӣ боиси пайдоиши технологияи инноватсионии муосири таълим дар асоси истифодаи воситаҳои муосири иттилоотӣ ва алоқа, яъне таълими электронӣ бо истифода аз системаҳо ва дастгоҳҳои электронии муосир,

информатикаи бидуни коғаз мегардад. Омӯзиши электронӣ метавонад дар асоси дарк ва азхудкунии донишҳои тавассути телевизион ё бо ёрии воситаҳои аудиовизуалӣ интиқолшаванда ва интерактивӣ бошад, яъне омӯзиш дар раванди ҳамкории инсон ва компютер дар речаи муоширати дучониба сурат гирад.

Татбиқи кӯшиши мушаххас кардани таърифи технологияи инноватсионии муосири таълим дар асоси синтези пешниҳоднамудаи ЮНЕСКО ва консепсияи омӯзиши электронӣ, мо ба хулосае омадем, ки истилоҳи «Технологияи инноватсионии муосири таълим»-ро метавон ҳамчун усули бонизоми эҷод ва татбиқи омӯзиши электронӣ дар вариантҳои дастурӣ ва интерактивии он бо дарназардошти захираҳои техникӣ ва кадрӣ ва ҳамгироии онҳо, ки ҳадафи он беҳтар намудани шаклҳои таълим мебошад, идрок кард.

Тамоюли беҳтаргардонии раванди таълим дар макотиби олии Тоҷикистон бо ёрии технологияи инноватсионии муосири таълим, шаклу усулҳои таълим андешидани маҷмӯи тадбирҳои таҳаввулоти равандҳои педагогиро дар асоси мавод, воситаҳо ва технологияи инноватсионӣ талаб мекунад. Аз байни онҳо мо зарурати омода намудани тамоми субъектҳои системаи маорифро ба инноватсионикунонӣ ва технологияи маориф, вале пеш аз ҳама омӯзгореро таъкид менамоем, ки аз ӯ чунин сифатҳои муҳими касбӣ, ки то ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии муосири таълим мавриди баррасӣ қарор нагирифта буданд, талаб карда шуд. Вазифаи асосии касбии омӯзгор оқилона ва мувофиқ ба мантиқи дидактика ворид намудани воситаҳои инноватсионӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ буд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ тахмини моро тасдиқ кард, ки дар айни замон масъалаҳои омодамозӣ ва бозомӯзии омӯзгорони макотиби олӣ бо истифода аз технологияи инноватсионии муосири таълим ба қадри кофӣ омӯхта нашуда, раванди гузариши фаъолияти касбии омӯзгорӣ ба сатҳи истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Бино ба мақсади тадқиқоти худ мо моҳият ва таносуби равандҳои бозомузӣ ва омодасозии омӯзгоронро муайян намудем. Аз муқоисаи ин мафҳумҳо маълум гардид, ки омӯзишро ҷузъи таркибии раванди бозомӯзӣ метавон ҳисоб кард. Омодасозӣ бояд омӯзгорро ҳамчун ҳолати субъективии шахсе, ки худро ба иҷрои фаъолияти муайяни касбӣ қодир ва омода медонад ва барои амалӣ гардонидани он кӯшиш мекунад, ба сатҳи омодагии омӯзгорон расонад. Раванди бозомӯзии ҳамаҷониба ба ноил шудан ба омодагии касбии объективӣ барои амалӣ намудани фаъолияти педагогӣ нигаронида шудааст.

Мо нишон додем, ки дар доираи дарки фалсафию педагогӣ ва психологии фаъолияти педагогӣ боқӣ монда, механизми гузаштани онро ба сатҳи технологӣ муайян кардан душвор аст ва ин омодагиро талаб мекунад. Мо фаъолияти педагогӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор додем. Муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолиятро сохтори иҷтимоӣ мешуморад, ки ҳолати он бояд дар асоси фаъолияти механизмҳое, ки ин бозомӯзиро (такрористеҳсолкунӣ) таъмин мекунанд, дубора такрор карда шавад. Маълум шуд, ки он бояд дар шакли намунаҳои фаъолияти омӯзгорӣ интишор ёбад ва дар фарҳанги педагогӣ онро бо сегонаи «Фалсафаи маориф, сиёсати таълимӣ - технологияи таълимӣ» ифода кардан мумкин аст.

Барои бомуваффақият интишор додани намунаҳои фаъолияти педагогӣ омӯзгоре лозим аст, ки намунаҳои интиқолёфтаро дарк карда тавонад. Аз ин рӯ, раванди таълиме, ки мо тарҳрезӣ карда истодаем, бояд дар натиҷа ба мо чунин омӯзгор диҳад. Дар раванди таҳқиқот ва тарҳрезии раванди омодагӣ мо ба муносибатҳои системавӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, шахсӣ ва фаъолнокӣ такя кардем. Муносибатҳои интихобшуда ғояҳои асосии омодасозии омӯзгори мактаби олиро оид ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим муайян намуданд.

Модели таҳияшудаи сесатҳаи самаранокии раванди омодагӣ бо меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ ба талаботи марҳалаи муосири рушди таҳсилоти олӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро он ноил шудан ба чунин дараҷаи маҳорати касбии омӯзгорро пешбинӣ менамояд, ки фаъолнокии омӯзгор дар робита бо

равандҳои инноватсионии марбут ба ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии муосири таълим тавсиф карда шавад.

Мо нишон додем, ки дар ҳар макотиби олӣ бо роҳи таҳлили проблемавии фаъолияти воҳидҳои сохтории макотиби олӣ ба самти минбаъдаи фаъолияти онҳо дар таълиму тарбия низоми шароити ташкилӣ-педагогии омодасозии омӯзгоронро фароҳам овардан мумкин аст.

Масъалаи муайян намудани вазифаҳои ҳар як сохтор дар раванди омодасозӣ ва фароҳам овардани шароит дар татбиқи пурраи ин вазифаҳо иҷозат дода мешавад, ки барномаи корҳои таҷрибавӣ оид ба таълими омӯзгорони муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба технологияи «Эҷод» таҳия карда шавад.

Натиҷаи корҳои таҷрибавӣ оид ба ташкил ва гузаронидани раванди омодагӣ дар шакли маълумот нишон дода шудаанд, ки тағйирот дар арзишҳои хусусияти омӯхташуда ба мо имкон доданд, то барои исботи фарзияи тадқиқот меъёри хеле пурқуввати хи-мураббаъро истифода барем. Эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои бадастомада тавассути истифодаи баҳодиҳии экспертӣ, тафтиши такрории маълумоти бадастомада бо истифода аз таҷрибаи такрорӣ ва тасдиқи натиҷаҳои таҷрибавӣ бо усулҳои омоӣ (математикӣ) таъмин карда шуд.

Маълумоти пурсишҳои омӯзгорони муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар бораи дараҷаи таъсири муҳити мутобиқшавӣ ба раванди таълим аз таъсири хеле қавии хусусиятҳои муҳити зист барои ноил шудан ба сатҳи пешбинишудаи самаранокии раванди омодагӣ шаҳодат медиҳад.

Дар диссертатсия собит шудааст, ки агар дар макотиби олӣ муҳити мутобиқшавӣ, ки ба ҳавасмандии омӯзгорон барои омодагӣ мусоидат намояд, пас барои фаъолияти омилҳои дохилӣ ва берунии азхудкунӣ, малакаву маҳорат ҳосил кардан қолабҳои нави фаъолият шароит фароҳам оварда мешавад.

Дар асоси хулосаҳои мо ва фарзияҳои исботшуда **тавсияҳои зерин** пешниҳод карда мешаванд:

- ҳангоми банақшагирии раванди омодасозии омӯзгорон аз фаъолияти меҳнатӣ набояд дур карда шаванд ва хусусияти стохастикии ин раванд ва омилҳои ҷубронкунанда, масалан, муҳити мутобиқшавӣ бояд ба инобат гирифа шавад;

- татбиқи ҳамгироии инфиродии омодасозӣ бо тамоюли он ба муваффақияти қаблан банақшагирифтаи сатҳи омодагӣ, ки модели он пешниҳод гаштааст;

- ҳайати омӯзгоронро ба субъекти фаъолияти коллективӣ дар татбиқи технологияи таълим табдил дода, ҳадафҳои стратегӣ, тактикӣ ва тезсуръатиро (оперативӣ) роҳнамоӣ кунанд;

- таълими омӯзгорон дар раванди омодагӣ ба дар асоси рафъи қолабҳои фаъолияти педагогӣ, ки ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълимии донишҷӯён халал ворид месозад, сурат гирад.

- нақши муҳити мутобиқшавӣ аз фароҳам овардани шароит барои зуҳур ва рушди муносибатҳои эмотсионалии омӯзгорон ба технологияи инноватсионии таълимӣ дар макотиби олӣ қабулшуда мебошад, ки таҳияи он барои ҳавасманд намудани омӯзгорон барои омодасозии самаранок ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти мазкур ба ҳалли пурраи масъалаи шароитҳои ташкилӣ-педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ барои татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим даъво намекунад.

Дурнамои тадқиқот, ба андешаи мо, иборат аз омӯзиши сабабҳои омодагии сусти омӯзгорон ба татбиқи пурраи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, омӯзиши мушкилоти ташкили ҳамкории таълимбайни омӯзгорону донишҷӯён ва байни донишҷӯён дар заминаи истифодаи воситаҳои муосири инноватсионӣ, ҳамчун воситаҳои таълимӣ, инчунин муайян намудани имкониятҳои амалӣ гардонидани неруи эҷодии омӯзгорон дар технологияи таълим ба таври қатъӣ танзимшаванда мебошад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Абдуллаев С. Развитие высшего образования в Таджикистане / С. Абдуллаев [ Текст ]. – Худжанд. 1996. – 238 с.
2. Абрамова М.А. Социокультурная ситуация и образование //Педагогическое образование и наука, Москва, 2002, №2 , С.7-13.
3. Алиев С.Н. Научно-педагогические основны формирования профессиональной компетенции будущих учителей иностранных языков в педвузах Республики Таджикистан (на материале английского языка) / С.Н. Алиева [Текст]: дисс. ... доктора пед. наук. - Душанбе, 2009. - 373 с.
4. Алиев С.Н. Основы практической психологии образования. Учебно-методическое пособие / С.Н. Алиев [Текст]. – Душанбе: Нодир, 2004.- 512с.
5. Аминов Н.А. Диагностика педагогических способностей. Москва,1997, 80 с.
6. Анисимов О.С.. Методологическая культура педагогической деятельности и мышления. Москва, 1991, 215 с.
7. Ахраров Ш.С. Педагогические основы подготовки будущего учителя к эффективному использованию ТСО. Автореф.канд.пед. наук:13.00.01. Ташкент, 1985. 24с.
8. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз «30» 04.2012, №200) [Матн].Душанбе, 2012 – 66 с.
9. Барномаи намунавии таълимии курси такмили ихтисосиомӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба таълими салоҳиятнокӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. - 62 с.
10. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 227) [Матн]. – Душанбе, 2011.- 93 с.

11. Башмаков, М.И. Информационная среда обучения: Монография / М.И. Башмаков, С.Н. Поздняков, Н.А. Резник. СПб: СВЕТ, Москва,1997. - 400 с.
12. Бегаришева Г.Г. Система поэтапной подготовки учителей к использованию информационных технологий в профессиональной деятельности: Автореф. ... канд. пед. наук: 13.00.01. Актау, 2001. 24 с.
13. Берулава Г.А. Совершенствование подготовки студентов педагогических институтов к созданию и применению экранно звуковых средств в учебном процессе. Автореф.... канд. пед. наук: 1300 01. Челябинск, 1981. 28 с.
14. Бершадский М.Е., Гузеев В.В. Дидактические и психологические основания образовательной технологии. Москва, 2003, 256 с.
15. Беспалько, В.П. Образование и обучение с участием компьютеров (педагогика третьего тысячелетия) Текст. / В.П. Беспалько. М.: Изд-во Московского психолого-соц. ин-та; Воронеж: Изд-во НПО «МОДЭК», 2002. - 352 с.
16. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. М., 1989, 190 с.
17. Боголюбов В.И. Педагогическая технология: эволюция понятия //Советская педагогика, 1991, №9, С. 5-10.
18. Бордовский Г.А, Извозчиков В.А.. Новые технологии обучения:вопросы терминологии // Педагогика, Москва, 1993, №5, С. 12-15
19. Борк А. Компьютеры в обучении: чему учит история: Пер. с англ. //Информатика и образование, 1990, №5, С. 110-119.
20. Бруннер Х.Х. Глобализация, образование достижения в технологии // Перспективы: сравнительные исследования в области образования, 2002, №117-118, С. 9-23.
21. Буланова-Топоркова М.В., Духавнева А.В., Кукушин В.С., Сучков Г.В. Педагогические технологии. Ростов-на-Дону, 2002, 320 с.
22. Велихов Е.П. Новая информационная технология в школе //Информатика и образование. 1986, №1, С.18-22.
23. Вишничкина Е.В Отношение учителей к современным педагогическим

технологиям. Автореф. ... канд. пед. наук: 13.00.01. Калининград,2000.-24с.

24. Волков И.П. Цель одна - дорог много: проектирование процессов обучения. Москва, 1990, 159 с.
25. Воронов В.В. Педагогика школы в двух словах: Конспект-пособие для студентов-педагогов и учителей. Москва, 1995, 51с.
26. Выготский Л.С. Вопросы теории и истории психологии // Собр. соч.: в6т.М.,1982.Т.1.
27. Выготский Л.С. Развитие внешних психических функций. Москва, 1960, 500 с.
28. Гальперин П.Я. Развитие исследований по формированию умственных действий // Психологическая наука в СССР, 1959, Т.1.
29. Гвоздев В.В. Повышение квалификации преподавателя: проблемы остаются // Учитель, 2002, №5, -С.41-43.
30. Гергей Т., Машбиц Е.И. Психолого-педагогические проблемы эффективного применения компьютера в учебном процессе // Вопросы психологии, 1985, №3, -С.33-45.
31. Гершунский Б.С. Компьютеризация в сфере образования: Проблемы и перспективы. Москва, 1987,-264 с.
32. Гласе Дж., Стенли Дж. Статистические методы в педагогике и психологии. Москва, 1976, -495 с.
33. Глушков В.М. Основы безбумажной информатики. Москва, 1982, 552с.
34. Громкова М.Т. Психология и педагогика профессиональной деятельности. Москва, 2003,-415 с.
35. Гузеев В.В. Теория и практика интегральной образовательной технологии. Москва, 2001, -224 с.
36. Гулмадов Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов / Ф. Гулмадов [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 340 с.
37. Давыдов В.В., Рубцов В.В. Тенденции информатизации современного

образования // Советская педагогика, 1990, №2, -С.50-55.

38. Данильчук Е.В. Методологические предпосылки и сущностные характеристики информационной культуры педагога // Педагогика, 2003, №1,-С.65-74.м

39. Дашниц Н.Л. Телекоммуникационные проекты в современной школе // Информатика и образование, 2001, №2, -С.63-69.

40. Дашутин В.П. Образование в постиндустриальном обществе : педагогика информационного мира // Педагогическое образование и наука, 2002. №3, -С.41-46.

41. Демчук В.С. Педагогические основы повышения эффективности учебного процесса на ФПК работников народного образования. Автореф. ... канд. пед. наук: 13.00.01.. Киев, 1986. -23 с.

42. Дмитрих И.С. Теоретические основы обучения будущих учителей педагогической технологии. Автореф. ... канд. пед. наук: 1300 01. Киев, 1989. -24 с.

43. Доманова С.Р. Методы компьютерного обучения (Педагогические аспекты освоения новых информационных технологий в образовании), Автореф. ... канд. пед. наук: 13 00 01. Ростов н/Д, 1990. -26 с.

44. Загвязинский В.И., Атаханов Р. Методология и методы психолого-педагогического исследования. Москва, 2001, -208 с.

45. Зинченко В.П. Аффект и интеллект в образовании. Москва, 1995, -125с.

46. Змеев С.И. Технология обучения взрослых. Москва, 2002, -128 с.

47. Иванов В.Н. Социальные технологии в современном мире. Москва,!966, -365с.

48. Иванова Т.В. Формирование педагогической культуры будущего учителя в учебном процессе: Автореф. ... канд. пед. наук: 13.00.01. Луганск, 1991.-30с.

49. Иконникова С.Н. Интернет: интеллектуальный и эмоциональный ресурс личности // Интернет: культура и образование. Санкт-Петербург,1998, -С.9-10.

50. Кадыров Б. Межпредметные связи: инновация и творческое мышление учащихся / Б. Кадыров **[Текст]. –** Душанбе, 2004. – 77 с.

51. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы / И.Х. Каримова [Текст]: дисс. … доктора пед. наук. - Душанбе, 2000. – 385 с.

52. Каримова И.Х., Ф.Шарифзода. Учитель-творец добра и прогресса / И.Х. Каримова **[**Текст**]. –** Душанбе: Ирфон, 2010. – 179 с.

53. Картер Р. Руководство по информационной технологии / Перспективы информатизации общества. Москва,1989, -146 с.

54. Кларин М.В. Развитие «педагогической технологии » и проблемы теории обучения. // Вестник высшей школы. 1998, №4, -С.117-122.

55. Кодиров К.Б. Дидактические аспекты применения информационных технологий обучения в вузе /К.Б.Кодиров, А.Мирзоев. - Душанбе, 2006. - 138 с.

56. Кодиров С., Миралиев А.М., Ниъматова Н.А. Барнома ва тавсияҳои методӣ аз фанни «Методикаи корҳои тарбиявӣ» / С. Кодиров, А.М. Миралиев ва гайра [Матн]. - Душанбе, 2003. – 22 с.

57. Коменский Я.А. Избранные педагогические сочинения. Москва, 1955, -С.161-376.

58. Кондратенко Н.Е. Образовательная стратегия и образовательная технология как социальные феномены // Право и образование, 2001, №3, -С.101-105.

59. Кононенко Б.И. Культурология в терминах, понятиях, именах. Москва, 1999, -406 с.

60. Консепсияи мактаби миллииҶумҳурииТоҷикистон [Матн]. Душанбе: Матбуот, 1994.

61. Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе: Матбуот, 2003.

62. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Хукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, №94 тасдиқ гардидааст

[Матн]. – Душанбе, 2006. – 26 с.

63. Конститусияи (Сарқонуни) ҶумҳурииТоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2003.
64. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [Матн]. - Душанбе, 2014.
65. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. - Душанбе, 2013.
66. Концепция информатизации образования / Рабочая группа под рук.Ершова АЛ.// Информатизация и образование, 1988. №6,С.3О-31.
67. Комилов Ф.С., Исмоилов А.А., Рахмонов З.Ф. Компьютерные технологии как средство повышения качества обучения. //Научно-теоретический журнал «Паём» № 18. - Душанбе: ИПС, 2008. - С. 125-128.
68. Кораблев А.А. Педагогические условия формирования кадрового потенциала в современных общеобразовательных учебных заведениях России. Автореф. ... канд. пед. наук: 1300 01. Москва,1998.-29с.
69. Корепанова Н.В., Хакимзянова И.М., Щербакова О.И. Профессионально-личностное развитие педагога // Педагогика, 2003,№3, -С.66-71.
70. Корольков В., Мануйлов М., Приходько В., Жураковский В., Федоров И., Романкова Л. Кадровая политика в высшей школе: методологические принципы // Высшее образование в России, 2003, №1, -С.53-58.
